# Имоми Замон,

# Ҳазрати Маҳдӣ алайҳис-салом,

# наҷотдиҳандаи башарият

**Илёс Қосимов**

نام کتاب: امام زمان حضرت مهدی علیه السلام منجی بشریت
نویسنده: الیاس قاسم اف
زبان: تاجيكي

بسم الله الرحمن الرحيم

**Ба номи Худованди бахшоянда ва меҳрубон**

**Номи китоб**: Имоми Замон, ҳазрати Маҳдӣ **алайҳис-салом** Наҷотдиҳандаи башарият
**Нависанда**: Қосимов Илёс
**Ношир**: Маркази чоп ва нашр
**Таърихи чоп**: 2005-1426
**Навбати чоп**: Аввал
**Тирож**: 2000 нусха
ISBN: 964-529-000-7

**Ҳаққи чоп барои ношир маҳфуз мебошад**

**Ба номи Худованди бахшояндаи меҳрубон**

## Муқаддима:

Бо ному ёди Худои меҳрубон. Исломи азиз баъд аз Расули гиромии Ислом **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** дувоздаҳ раҳбар ва ҳуҷҷатҳои худро ба мусулмонон ваъда карда, ки онҳо баъд аз Паёмбари гиромӣ яке пас аз дигарӣ идораи умури мусулмононро бар ӯҳда мегиранд. Ва ҳадисе, ки дар ин бора ворид шуда дар ҳадди тавотур аст, ки мо фақат ба он ишора мекунем:

Абдуллоҳ ибни Масъуд мегӯяд:

**قال رسول الله صلّى الله عليه وآله: الخلفاء بعدي إثنا عشر كعدد نقباء بني إسرائيل.**

Паёмбари гиромиӣ **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** фармуданд: "Хулафо ва ҷонишинони ман баъд аз ман дувоздаҳ нафаранд ба адади пешвоёни бани Исроил".

Дар ҳадиси дигар фармуданд:

**"لا يزال هذا الدّين عزيزاً منيعاً إلى إثنا عشر خليفة ثمّ قال كلمةً لم أفهمها فقلْتُ لأبي: ما قال: قال كلُّهم من قريش."**

"Пайваста ин дин азизу тавоно ва арҷманд хоҳад буд модоме, ки дувоздаҳ нафар раҳбарияти ин умматро ба ӯҳда дошта бошанд, ва сипас

калимае фармуданд, ки ман нафаҳмидам, аз падарам пурсидам, ки дар охир чӣ фармуданд? Гуфт: Фармуданд: Ҳамаи он дувоздаҳ нафар аз Қурайш хоҳанд буд".

Ин ҳадисро Ибни Масъуд, Ҷобир ибни Самура бо 36-санад, Ибни Умар, Авн ибни Ҷуҳайфа, Абдуллоҳ ибни Амр ва Анас аз Паёмбари Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** ривоят кардаанд. Ин ҳадис аз аҳодиси мутавотир аст, ки мо фақат ба баъзе аз ровиёни он дар ин ҷо ишора мекунем.[1]

Масъалаи ҷонишинии паёмбарон аз масъалаҳоест, ки дар таърих мусаллам мебошад, ки ҳеҷ паёмбаре бидуни ин ки раҳбар ва ҷонишини баъд аз худро барои умматонаш муаррифӣ кунад, аз дунё нарафта ва ҳамаи онҳо васӣ ва ҷонишин доштаанд, ки Қуръон, низ ба хеле аз онҳо ишора кардааст. Паёмбари гиромии Ислом низ барои баъд аз худ ҷонишинонеро аз ҷониби Худои Мутаол муаррифӣ кардаанд.

---

1-"Саҳеҳи Муслим ҷ.3.с.1452р.1820-1821. "Муснад"-и Аҳмад ҷ.1.с.398.р.3781 ва Аҳмади Ҳанбал аз Ҷобир дар Муснадаш бо 34 санади дигар ин ҳадисро ривоят кардааст ҷ.5.саҳ.86 то 108. "Сунан"-и Абӯдовуд ҷ.4.саҳ.106. р.4279. Саҳеҳи Ибни Ҳаббон ҷ.15.саҳ.43.р.6661-6662. "Мустадрак"-и Ҳоким ҷ.3.саҳ.618.р.6587-6589. "Ас-Сиқот"-и Ибни Ҳаббон ҷ.7. саҳ.242.

Ҳадис аввал, ки Абдуллоҳ ибни Масъуд нақл карда, ки раҳбарони ин уммат баъд аз Паёмбар ба монанди раҳбарони Бани Исроил 12 нафаранд, чизест, ки Қуръон дар ояти зер ба он ишора карда, он ҷо ки мефармояд:

"وبعثنا منهم إثني عشر نقيبا" مائده 12.

"Мо аз Бани Исроил 12 пешво ва раҳбар баргузидем".

Ва бинобар эътирофи донишмандони аҳли суннат монанди Ибни Касир ва Ибни Таймия, ки баъдан хоҳад омад, Таврот низ аз ин ҷонишинони Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** хабар дода ва ҳатто онҳоро ном бурда аст. Аҳли суннат дар мавриди ин ки ин дувоздаҳ халифа чӣ касоне ҳастанд байни худ ихтилоф доранд ва ба як назар нарасидаанд. Илова бар он хеле аз хулафое, ки онҳо мешуморанд фосиқ ва золим буданд, ки таърих онро сабт кардааст. Илова бар ин ҳамаи уламои аҳли суннат, ки дар ин бора назар додаанд Муовияро, низ ҷузви ин 12 халифа ҳисоб кардаанд дар ҳоле, ки худашон эътироф мекунанд, ки Муовия халифа набуда балки подшоҳ буда аст.[1] Бо вуҷуди ин ихтилофоте, ки худи уламои аҳли суннат дар бораи кӣ будани 12

1-"Минҳоҷ-ус-сунна"-и Ибни Таймия ҷ.8.саҳ.238 ва дигарон.

халифа доранд,[1] ҳеҷ далели шаръӣ, низ ба он даъвои худ надоранд. Дар муқобил пайравони мактаби Аҳли Байт мегӯянд:

Ин 12 халифа аз хонадони Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** мебошанд, ки аввали онҳо Алӣ ибни Абитолиб ва охирашон ҳазрати Маҳдӣ **алайҳис-салом** ҳастанд ва ба ин назарияи худ далоили фаровон ҳатто аз китобҳои ҳадисии худи аҳли суннат доранд, ки баъдан ишорае ба баъзеи онҳо хоҳем дошт, ва ҳамчунин дар ин ақида иттифоқи назар доранд.

Аммо дар бораи ҷойгоҳи олӣ ва бузурги 11 имоми аввал, аҳли суннат иттифоқ доранд ва хеле онҳоро сутудаанд, ки мо фақат сухани Заҳабиро барои ошноии хонандагон дар ин мавридмеоварем:

**...فمولانا الامام علي: من الخلفاء الراشدين، المشهود لهم بالجنة رضي الله عنه نحبه أشد الحب، ولا ندعي عصمته، ولا عصمة أبي بكر الصديق. وابناه الحسن والحسين: فسبطا رسول الله صلى الله عليه وسلم وسيدا شباب أهل الجنة، لو استخلفا لكانا أهلا لذلك. وزين العابدين: كبير القدر، من سادة العلماء العاملين، يصلح للامامة، وله نظراء، وغيره أكثر فتوى منه، وأكثر رواية. وكذلك ابنه أبو جعفر الباقر: سيد، إمام، فقيه، يصلح للخلافة. وكذا ولده جعفر الصادق: كبير الشأن، من أئمة العلم،**

1-Дар китоби ҷудогонае ин мавзӯъ иншоаллоҳ мавриди баррасии муфассал қарор хоҳад гирифт.

**كان أولى بالامر من أبي جعفر المنصور. وكان ولده موسى: كبير القدر، جيد العلم، أولى بالخلافة من هارون، وله نظراء في الشرف والفضل. وابنه علي بن موسى الرضا: كبير الشأن، له علم وبيان، ووقع في النفوس، صيره المأمون ولي عهده لجلالته. وابنه محمد الجواد: من سادة قومه، لم يبلغ رتبة آبائه في العلم والفقه. وكذلك ولده الملقب بالهادي: شريف جليل. وكذلك ابنه الحسن بن علي العسكري. رحمهم الله تعالى.**

Заҳабӣ мегӯяд: "...пас мавлоямон Имом Алӣ, аз хулафои рошидине аст, ки башорати биҳишт ба онҳо дода шудааст. Ӯро хеле дӯст медорем вале ӯро маъсум намедонем ва на Абӯбакрро. Ва ду фарзандаш Ҳасану Ҳусайн набераҳои Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам** сарвари ҷавонони аҳли биҳиштанд. Ва агар халифа мешуданд шоистаи он мақом буданд. Ва Зайнулобидин бузургманзалат ва сарвари олимони амалкунанда, шоистаи имомат буд ва ӯро монандҳое буданд ва ғайри ӯ фатво ва ривояташон бештар аз ӯ аст. Ҳамчунин писараш Абӯҷаъфари Боқир, саййид, имом, фақеҳ ва барои хилофат шоиста буд. Ва ҳамчунин писараш Ҷаъфари Содиқ, бузургманзалат, аз имомони илм ва бар хилофат сазовортар аз Мансури (халифа вақт) буд. Писараш Мӯсо бузургманзалат, соҳиби илми хеле хуб ва ба хилофат сазовортар аз Ҳорун (халифаи вақт) буд,

ӯ дар шараф ва фазл ҳамонандҳое дошт. Писараш Алӣ ибни Мӯсо, (Имом) Ризо бузургманзалат, дорои илм ва баён буд ва дар қалбҳои инсонҳои ҷой гирифт ва ба хотири бузургӣ ва ҷалолаташ Маъмун (халифаи вақт) ӯро валии аҳди худ қарор дод. Ва писараш Муҳаммади Ҷавод аз сарварони қавмаш буд ва дар илму фиқҳ дар мартабаи падаронаш набуд ва ҳамчунин писараш мулаққаб ба Ҳодӣ бошараф ба ҷалилулқадр буд ва ҳамчунин писараш Ҳасан ибни Алии Аскарӣ, ки Худо ҳамаи онҳоро раҳмат кунад".[1]

Инҳо ҳастанд имомон бо изофаи ҳазрати Маҳдӣ **алайҳис-салом**, ки Ислом барои мусулмонон пайравӣ аз онҳоро пайравӣ аз Расули гиромии Ислом **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** ва лозим қарор додааст.

Гарчӣ ин суханони Заҳабӣ ишколоти зиёде дорад, вале як шахси мутаассиб ин миқдор ҳам, ки эътироф ба ҷалолати ин бузурворон карда, бинобар ин мо онро ихтиёр кардем ва илло донишмандони аҳли суннат ва ҳатто худи Заҳабӣ дар шарҳи ҳоли ҷудогонаи ҳар кадоми онҳо беш аз ин ҷойгоҳи баланди онҳоро бозгӯ кардааст, ки сухан дар ин бора зиёд аст ва бояд вориди ин майдон шуд.

---

1-"Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.13.саҳ.120.р.60.

Вале дар мавриди Имоми Замон ҳазрати Маҳдӣ **алайҳис-салом,** ки мавзӯи баҳси мо дар ин навиштор низ аст Заҳабӣ гоҳе бо лаҷоҷат бархӯрд мекунад ва гоҳе ҳам таваллуди он ҳазратро қабул кардааст.

Аввалан бояд хуб диққат дошта бошем, ки эътиқод ба хуруҷи ҳазрати Маҳдӣ **алайҳис-салом** аз чизҳоест, ки ҳамаи адёни илоҳӣ дорои ин эътиқод буда ва онро қабул доштаанд, ки дар охируззамон шахсе ба номи Маҳдӣ аз ҷониби Худованди Мутаол зуҳур хоҳад кард ва заминро пур аз адлу дод хоҳад намуд.

Аммо ихтилоф байни уммати исломӣ ин ҷост, ки оё ҳазрати Маҳдӣ **алайҳис-салом** дар ҳоли ҳозир дар қайди ҳаёт ҳаст ва ё на ҳануз ба дунё наомадааст.

Кӯтоҳсухан ин ки аҳли суннат ҳамон гуна, ки пешвоҳои мазоҳибашон дар баъзе маворид бар хилофи суннатҳои мусаллами Расули гиромии Ислом **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** фатво додаанд[1]

---

1-Мехоҳем як намуна аз ин мухолифатҳоро барои ошноӣ аз воқеияти ин матлаб ин ҷо зикр кунем. Масалан ҳамаи пешвоёни мазоҳиби чаҳоргона ва бо пайравӣ аз онҳо ваҳҳобиҳо, низ фатво додаанд, ки дар ғайри сафар ва бидуни узр ҷамъи байни ду намоз ҷоиз нест. **“Ал-Фиқҳу алал мазоҳибил арбаа, китоби салот.”**

Дар ҳоле, ки китобҳои сиҳоҳ аз масониди аҳли суннат пур аз ахборе аст, ки Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** дар Мадина бидуни ҳеҷ узре байни ду намоз яъне намози зӯҳру

ва пайравони ҳар як аз он имом фатвои ӯро

асрро бо ҳам ва намози шому хуфтанро бо ҳам ҷамъ карда мехонданд, ки мо фақат се намуна дар ин ҷо зикр мекунем:

1-“Ибни Аббос баъд аз намози аср ба мо суханронӣ кард, то ин ки хуршед ғуруб кард ва ситораҳо ошкор шуданд. Ва мардум нидои намоз доданд ва дар он миён марде аз қабилаи Банӣ Тамим ба такрори калимаи “намоз” пардохт. Ибни Аббос аз ин амал ғазабнок шуду гуфт: Оё ту мехоҳӣ суннати Паёмбарро ба ман ёд диҳӣ? Ман худ шоҳиду нозир будам, ки Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** байни намози зӯҳру аср ва мағрибу ишо ҷамъ карда ҳар дуро бо ҳам хонданд. Ровӣ, ки Абдуллоҳ ибни Шақиқ аст мегӯяд: Барои ман дар ин масъала шакку тардид пеш омад, ба ин хотир дар дидоре бо Абӯҳурайра дар ин мавзӯъ аз ӯ савол кардам ва ӯ сухани Ибни Аббосро таъйид кард.” Саҳеҳи Муслим ҷ.1.с.491.р.705. Муснади Аҳмад ҷ.1.с.251.р.2269.

2-“Ибни Аббос мегӯяд: "Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** ҳар ду намози зӯҳру асрро бо ҳам ҷамъ ва ҳар ду намози мағрибу ишоро низ бо ҳам ҷамъ карда хонданд бидуни ин ки аз душман дар ҳарос буда ё дар сафар буда бошанд. Он гоҳ аз Ибни Аббос пурсиданд, ки чаро Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам ба ин амал давом медоданд: Ибни Аббос гуфт: Ба хотири ин ки намехостанд уммати худро ба заҳмату сахтӣ биандозанд.” Саҳеҳи Муслим ҷ.2.с.151. "Китоб-ул-ум"-и Шофеӣ ҷ.7.с.216.

3-“Абдуллоҳ ибни Умар мегӯяд: Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** дар ҳоле, ки дар Мадина буданд байни намози зӯҳру аср ва намози мағрибу ишо ҷамъ карда хонданд. Пас марде аз Ибни Умар пурсид: Чаро Паёмбар ин гуна амал карданд? Ҷавоб дод: Барои ин ки уммати худро дар ранҷу сахтӣ наандозад, агар шахсе бихоҳад байни ду намоз ҷамъ бикунад. “Мусаннаф”-и Абдураззоқ ҷ.2.с.556.р.4437.

Ёдовар мешавем, ки танҳо Муслим дар саҳеҳаш ҳашт ҳадис дар ин мавзӯъ ривоят кардааст, ки мо иншоаллоҳ дар ҷузваи ҷудогонае онҳоро дар ихтиёри хонандагон қарор хоҳем дод, вале дар муқобил ҳеҷ ҳадиси саҳеҳ ё ҳасане вуҷуд надорад, ки он ҳазрат аз ин амал манъ карда бошанд.

ҳақиқат дониста ва аз суннат ҷудо ва дур мондаанд, дар бораи имомони Аҳли Байт ва ба хусус ҳазрати Маҳдӣ **алайҳис-салом**, низ ин равиш ҳоким шуда ва чун ин раҳбарон дар ин маврид сухане надоранд ва олимони баъдӣ бо алоқаи бар онҳо таваҷҷӯҳи бештаре ба осори исломие, ки аз ҷониби онҳо ишора нашуда ва мавриди таваҷҷӯҳ қарор нагирифта, накардаанд, бинобар ин ҳақиқати Имоми Замон **алайҳис-салом** ва ҷойгоҳу шахсияти он ҳазрат дар ҷомеаи аҳли суннат камранг шуда ва бинобар ин агар саволе ҳам дар ин мавриди шуд мегӯянд: Ҳазрати Маҳдӣ то ба ҳол ба дунё наомада ва баъдан ба дунё хоҳад омад.

Пас мо дар ин навиштор дар мавриди ин ки Имоми Замон, ҳазрати Маҳдӣ **алайҳис-салом**, ки Ислом аз зуҳуру пур аз адлу дод кардани замин ба василаи он ҳазрат хабар додааст, баҳс хоҳем дошт, ки оё Имоми Замон **алайҳис-салом** таваллуд шуда ва дар ҳоли ҳозир дар қайди ҳаёт ҳастанд ва ё на баъдан ба дунё меоянд.

Пас бо ёрии Парвардигори Мутаол мо баъд аз ишораҳое ба ахбори марбут ба Имоми Маҳдӣ **алайҳис-салом** саъй хоҳем кард Имом Маҳдӣ **алайҳис-салом**-ро, ки дар соли 255-и ҳиҷрӣ ба дунё омадаанд ва фарзанди Имом Ҳасани Аскарӣ **алайҳис-салом** ҳастанд, бо кӯмаки суханони бузургони аҳли суннат ва эътирофи онҳо ба таваллуд шудани он ҳазрат собит кунем, ки Имом

Маҳдӣ ҳамон Имоми Замон ва фарзанди Имом Ҳасани Аскарӣ **алайҳис-салом** ҳастанд, ки шиа бар он мўътақид аст.

Муаллиф

## Ахбори мутавотир дар мавриди Имом Маҳдӣ

قال رسول الله صلى الله عليه وآله وسلم: المهدي حقٌّ و هو من ولد فاطمة.

Паёмбари гиромии Ислом **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** фармуданд: "Маҳдӣ ҳақ аст ва ӯ аз зуррия ва фарзандони Фотима аст".1

Ин ҳадисро Имом Ҳусайн **алайҳис-салом**, Умми Салама ва Абӯаюб аз Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** ривоят кардаанд.

قال رسول الله صلى الله عليه وآله: المهدي منّا أهل البيت يصلحه الله في ليلة.

Паёмбари гиромии Ислом **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** фармуданд: "Маҳдӣ аз мо Аҳли Байт аст. Худованд ба василаи ӯ дар як шаб дунёро ислоҳ мекунад".2

Ин ҳадисро Имом Алӣ **алайҳис-салом** ва Абӯсаид аз Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** ривоят кардаанд.

قال رسول الله صلى الله عليه وآله: "لا تقوم السّاعة حتّى تمتليءَ الأرض ظلماً و عدواناً ثمَّ يخرج رجل من عترتي يملأُها قسطاً وعدلاً كما مُلِئتْ ظلْماً وعدواناً".

Паёмбари гиромии Ислом **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** фармуданд: "Қиёмат барпо намешавад, то ин ки замин пур аз зулму

---

1-"Таърихи кабир"-и Бухорӣ ҷ.2.с.316. "Сунан"-и Абӯдовуд ҷ.4.с.151.р.4285. "Сунан"-и Ибни Моҷа ҷ.2.с.519.р.4086. "Мӯъҷам-ул-кабир"-и Табаронӣ ҷ.23.с.267.р.556. "Мустадрак"-и Ҳоким ҷ.4.с.601.р.8672. "Тазкират-ул-ҳуффоз"-и Ибни Тоҳир ҷ.1.с.363.

2-"Муснад"-и Аҳмад ҷ.1.с.84.р.645. "Сунан"-и Ибни Моҷа ҷ.2.с.519.р.4085. Таърихи Бухорӣ ҷ.1.с.317. "Мусаннаф"-и Ибни Абӯшайба ҷ.7.с.513.р.37644. "Муснад"-и Баззор ҷ.2. с.243.р.644. "Табақот-ул-муҳаддисин"-и Ибни Ҳаббон ҷ.1. с.380.р.46. "Ҳилят-ул-авлиё" ҷ.3.с.177. "Таҳзиб-ут-таҳзиб" ҷ.11.с.152.

душманӣ шавад, сипас берун меояд марде аз хонадони ман ва заминро пур аз адлу дод мекунад ҳамчунон ки пур аз зулму душманӣ шуда буд".1

Ин ҳадиси шарифро беш аз панҷ саҳоба бо беш аз 15 санад ривоят кардаанд ва бисёре аз уламои аҳли суннат, монанди Шавконӣ, Ганҷӣ, Шабланҷӣ, Муҳаммади Саббон ва дигарон ҳадиси зуҳури Имоми Маҳдӣ **алайҳис-салом**-ро аз аҳодиси мутавотира донистаанд.

**قال رسول الله** صلی الله علیه وآله **ثم لا تقوم الساعة حتی یملك رجل من أهل بیتي یواطیء اسمه اسمي یملأ الأرض عدلا وقسطا کما ملئت ظلما وجورا.**

Паёмбари гиромии Ислом **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** фармуданд: “Қиёмат барпо намешавад то ин ки марде аз Аҳли Байтам молики замин шавад. Исмаш исми ман аст. Заминро пур аз адлу дод мекунад ҳамон гуна, ки пур аз зулму ситам шуда буд”.2

1-"Сунан"-и Абӯдовуд ҷ.4.с.104-152. "Муснад"-и Аҳмад ҷ.3.с.17-28-36-37.р.11239-11332. Саҳеҳи Ибни Ҳаббон ҷ.15.с.236.р.6823-6826. ”Мусаннаф”-и Ибни Абӯшайба ҷ.7.с.613.р.37339. “Мӯъҷам-ул-кабир”-и Табаронӣ ҷ.18.с.51.р.191.ҷ.22. с.374.р.938. ”Муснад”-и Абӯяъло ҷ.2.с.274.р.987. "Тазкират-ул-ҳуффоз"-и Ибни Тоҳир ҷ.3.с.838. "Маҷмаъ-уз-завоид"-и Ҳайсамӣ ҷ.7.с.313-314-317. Таърихи Заҳабӣ ҷ.1.с.156. "Исоба"-и Ибни Ҳаҷар ҷ.4.с.31. Фатҳ-ул-борӣ ҷ.13.с.212. "Мустадрак"-и Ҳоким ҷ.4.с.557.

2-Саҳеҳи Ибни Ҳаббон ҷ.13.с.284.р.5954.ҷ.15.с.236.р.6825. Саҳеҳи Тирмизӣ ҷ.4.с.505.р.2230-2231. ”Муснад”-и Аҳмад ҷ.1. с.376-430-448.р.3571 то 3573-4098-4279. ”Сунан”-и Абӯдовуд ҷ.4. с.106.р.4282. ”Мӯъҷам-ул-кабир”-и Табаронӣ ҷ.10.с.131-133 то 137.р.10208-10214 то 10230. ”Мӯъҷам-ул-авсат” ҷ.7.с.54.р.6830. ҷ.8.с.178.р.8325. ”Мӯъҷам-ус-сағир”-и Табаронӣ ҷ.2.с.289.р.1181. ”Муснад”-и Баззор

Ин ҳадиси шарифро, Имом Алӣ, Ибни Масъуд, Умми Салама, Абӯҳурайра, Абӯсаид Худрӣ, Қуррат ибни Аёс ривоят кардаанд вале бояд гуфт, ки дар баъзе аз китобҳо мисли "Сунан"-и Абӯдовуд баъд аз ҷумлаи "исмаш исми ман аст" ҷумлаи "исми падараш исми падари ман аст" низ изофа шудааст, ки дар аксари санадҳое, ки аз Абдуллоҳ ибни Масъуд ин ҳадис ривоят шудааст ин ҷумлаи ахир вуҷуд надорад. Ва гузашта аз ин Муҳаммад ибни Тоҳир дар "Тазкират-ул-ҳуффоз" ҷ.2.с.765.р.765 ва Заҳабӣ дар "Мизон-ул-эътидол" ҷ.4.с.106 онро мункиру шинохта нашуда ва санадашро заиф гуфтаанд. Ва ҳамчунин Ибни Адӣ дар чаҳор маврид дар комилаш ва Ҳайсамӣ дар "Маҷмаъ-уз-завоид" ҷ.7.саҳ.314 низ санади ҳадиси "падараш ҳамноми падарам аст"-ро заиф гуфтаанд. Бинобар ин қатъӣ аст, ки ин иборат ба ҳадис амдан ё саҳван изофа шуда ва ҳеҷ асле надорад. Вале афроде, ки аз ҳақ гурезон ҳастанд аз ин гуна ахбор истифодаи нодуруст мекунанд!

**قال رسول الله** صلی الله علیه وآله**: منّا الَّذي مُصَلّي عيسى إبن مريم خلفه.**

Паёмбари гиромии Ислом **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** фармуданд: "Аз мо (Аҳли Байт) аст

---

ҷ.5.с.204-206.р.1803 то 1807-1832. "Ҳилят-ул-авлиё" ҷ.5.с.75. "Сияру аълом-ун-нубало" ҷ.11. саҳ.417-472.

(Имоми Маҳдӣ) он касе, ки Исо ибни Марям аз пушти сари ӯ намоз мехонад".1

قال رسول الله صلى الله عليه وآله وسلم: كيف أنتم إذا نزل فيكم إبن مريم فإمامكم منكم.

Паёмбари гиромии Ислом **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** фармуданд: "Шумо дар чӣ ҳол хоҳед буд замоне, ки бар шумо Исо ибни Марям фуруд ояд дар ҳоле, ки имоми шумо аз худатон ва дар байни худатон бошад".2

قال ابن حجر: تواترت الأخبار بأن المهدي من هذه الأمة وأن عيسى يصلي خلفه.

Ибни Ҳаҷар мегӯяд: “Ин ахбор ба тавотур расида, ки Маҳдӣ аз ин уммат аст ва ин ки Исо пушти сари ӯ намоз мехонад ва дар намоз ба ӯ иқтидо мекунад”.3

Ахбори фаровони дигар дар ин маврид дар китобҳои ҳадисӣ ворид шуда аст ва касе дар ин ки Ҳазрати Маҳдӣ хоҳанд омад шакке надорад.

Вале, бояд таваҷҷӯҳ дошта бошем, ки ба ғайр аз ин ки дар таърих собит шуда, ки ҳазрати Маҳдӣ **алайҳис-салом** ба дунё омадаанд ва он ҳазрат ҳамон фарзанди Имом Ҳасани Аскарӣ **алайҳис-салом** ҳастанд, ахбори дигар низ далолат бар ин

---

1-"Фатҳ-ул-борӣ"-и Ибни Ҳаҷар ҷ.5.с.362. "Ҳовӣ лил фатовӣ"-и Суютӣ с.64. "Ҷомеъ-ус-сағир"-и Суютӣ ҷ.2. с.472.

2-Саҳеҳи Муслим ҷ.1.с.136-337.р.156. Саҳеҳи Бухорӣ ҷ.3.с.1272. р.3265. Саҳеҳи Ибни Ҳаббон ҷ.15.с.213.р.6802. ”Муснад”-и Абӯавона ҷ.1.с.99.р.315. ”Муснад”-и Аҳмад ҷ.2.с.336.р.8412. “Фатҳ-ул-борӣ”-и Ибни Ҳаҷар ҷ.6.с.493. ”Исоба”-и Ибни Ҳаҷар ҷ.4.саҳ.766.

3 -“Фатҳ-ул-борӣ”-и Ибни Ҳаҷар ҷ.6.с.493-494.

мекунад, ки он ҳазрат бояд вуҷуд дошта бошанд, ба монанди ҳадиси мутавотири "**Сақалайн**" (**Қуръон ва Аҳли Байт**). Худи уламои аҳли суннат монанди Ибни Ҳаҷари Маккӣ ва дигарон баъд аз нақли ин ҳадис ба равшанӣ баён кардаанд, ки бинобар ин ҳадис, то рӯзи қиёмат замин аз шахси олим ва донишманде аз хонадони Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ**, ки мардумро аз гумроҳӣ наҷот бахшад, холӣ нахоҳад шуд.

Ва ҳамчунин ҳадиси машҳуре, ки дар китобҳои ҳар ду гурӯҳ ворид шуда, ки ҳар кас бимираду имом надошта бошад ва байъат бар имоми замонаш надошта бошад, ба монанди мардуми замони ҷоҳилият аз дунё рафта аст.

Ҳамон гуна, ки Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** мефармоянд:

"من مات وليس في عنقه بيعة مات ميتة جاهليّة."

"Ҳар кӣ бимирад, дар ҳоле ки бар гарданаш байъати халифа ва имоми замонашро надошта бошад, ба монанди мардуми замони ҷоҳилият (бе дину имон) мурдааст".1

Ва мефармоянд:

"من مات بغير إمام مات ميتة جاهليّة."

"Ҳар кӣ бимирад, дар ҳоле ки имом надошта бошад (тобеи имоми замонаш набошад ва имоми

---

1-Саҳеҳи Бухорӣ ҷ.8.с.87. Саҳеҳи Муслим ҷ.3.с.1478.р.1850. "Муснад"-и Таёлусӣ ҷ.1.с.259.р.1913. "Мӯъҷам-ул-авсат" ҷ.1.с.79. р.225. "Мӯъҷам-ул-кабир"-и Табаронӣ ҷ.19. с.388. р.910. "Сунан"-и Байҳақӣ ҷ.8.с.156. "Маҷмаъ-уз-завоид"-и Ҳайсамӣ ҷ.5.с.218.

замонашро нашносад), ба монанди мардуми замони ҷоҳилият (бедину имон) мурдааст".[1]

Ҳадиси дигаре бо ин лафз, ки "**ҳар ки имоми замонашро нашносад ба монанди мардуми замони ҷоҳилият аз дунё рафта аст**",[2] низ ривоят шуда, ки ду ҳадиси аввал, низ дарбардорандаи ин маъно ҳастанд.

Имоми Содиқ **алайҳис-салом** ин ҳадисро, ки "Ҳар кӣ бимирад, дар ҳоле ки имом надошта бошад ба монанди мардуми замони ҷоҳилият мурдааст" аз Паёмбар нақл кардаанд. Фузайл ибни Ясор мегӯяд: Ман пурсидам, ки дар ҳақиқат оё Паёмбар ин гуна фармудаанд? Имом фармуд: Оре ба Худо савганд, ин гуна фармуд. Ман гуфтам: Пас ҳар, ки бимирад ва имом надошта бошад маргаш ба монанди марги мардуми ҷоҳилият аст? Фармуд: Оре.[3]

Пас равшан аст, ки ин имом ва байъатшаванда бояд ҳуҷҷати Худо бошад ва ҳар шахс ва олими ба истилоҳот, бо далелҳои фаровон наметавонад имоми замон бошад.

---

1-"Муснад"-и Аҳмад ҷ.4.с.96.р.16929. "Саҳеҳи Ибни Ҳаббон ҷ.10. с.434.р.4573. Ҳилят-ул-авлиё ҷ.3.с.224. "Маҷмаъ-уз-завоид" ҷ.5. с.218-225. "Мӯъҷам-ул-кабир" ҷ.19.с.388.р.769. "Мӯъҷам-ул-авсат" ҷ.6.с.70.р.5820. "Илал"-и Доруқутнӣ ҷ.7.с.63. р.1214. "Фатҳ-ул-борӣ" ҷ.13.с.5. "Муснад"-и Абӯяъло ҷ.13.с.366,р.7375.

2-"Шарҳ-ул-мақосид"-и Тафтозонӣ ҷ.2.с.275. "Шарҳи ақоиди Насафӣ"-и Тафтозонӣ. "Ал-Мирқот"-и Мулло Алии Қорӣ ҷ.2. с.509.

3-"Кофӣ" ҷ.1.саҳ.376.р.1-2.

Вале имрӯз баъзеҳо барои фиреби мардум, чун ҷавобе бар ин ҳадис ва монанди он надоранд ва ба роҳе рафтаанд, ки саркардагони он роҳ ба ҷои пайравии "Сақалайн", ки Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** ягона роҳи наҷот ва дар амон мондан аз гумроҳиро дар пайравӣ аз он ду "**Қуръон ва Аҳли Байт**" муаррифӣ фармуданд, ғайри "**Сақалайн**"-ро раҳбару пешвои худ қарор додаанд, таассубашон намегузорад қабул кунанд, ки ҳазрати Маҳдӣ **алайҳис-салом** ҳамон фарзанди Имом Ҳасани Аскарӣ **алайҳис-салом** ҳастанд, вақте мардум аз онҳо савол мекунанд, ки ин имоме, ки мо бояд байъати ӯро дошта бошем, чӣ касе аст? Барои вонамуд кардани ин ки ҳақро медонанд ва ба гумроҳӣ қадам нагузоштаанд, ҳар олимеро, ки дар он сарзамин маъруф аст, муаррифӣ мекунанд ва мегӯянд имоми замони мо ҳамин аст.

Ин сухан ба афсона ва беҳудагӯӣ наздиктар аст на ба ҳақиқат. Ва бинобар ин ақида бояд бигӯем, ки садҳо ҳазор дар рӯи замин имоми замон вуҷуд дорад, ки яки дигариро қабул надорад. Ҳатто дар як сарзамин ҳам баъзе баъзеи дигарро қабул надоранд.

Ва ҳамчунин ҳаргиз ба хотири қабул надоштани як олим, марги касе ба монанди марги мардуми замони ҷоҳилият нахоҳад буд бинобар ин, бояд ин имом, ҳуҷҷати Худо ва имоми маъсум бошад.

Далели дигари вуҷуди Ҳазрати Маҳдӣ алайҳис-салом ҳадиси зер аст. Ҳадисе, ки Ибни Ҳаҷар аз бузургтарин олимони ҳадис ва риҷолшиноси аҳли суннат дар бораи он ҳадис мегӯяд:

**"وفي صلاة عيسى خلف رجل من هذه الامة مع كونه في آخر الزمان وقرب قيام الساعة دلالة للصحيح من الاقوال أن الارض لا تخلو عن قائم لله بحجة."**

"Ин ки Исо алайҳис-салом дар охири замон ва наздики қиёмат ба марде аз ин уммат иқтидо мекунад ва пушти сари ӯ намоз мехонад, далел бар ин назарияи саҳеҳ дар миёни донишмандони исломӣ аст, ки: **Замин ҳаргиз аз вуҷуди ҳуҷҷат, ки бо далоил ва бурҳонҳои ошкор, барои Худо қиём мекунад, холӣ намемонад**".1

## Ҳадиси Замин ҳеҷ вақт аз ҳуҷҷати Худо холӣ намемонад

Аз ҷумла далоили ин назария ҳадисе аст аз Амиралмӯъминин алайҳис-салом, ки он ҳазрат дар сухани нуронӣ ва фавқулодаи худ ба ин ҳақиқат ишора фармудаанд:

**قال كميل بن زياد: أخذ علي بن أبي طالب بيدي فأخرجني إلى ناحية الجبان فلما أصحر تنفس ثم قال يا كميل إن هذه القلوب أوعية فخيرها أوعاها احفظ عني ما أقول لك الناس ثلاثة عالم رباني ومتعلم على سبيل نجاة وهمج رعاع أتباع كل ناعق غاو يميلون مع كل ريح لم يستضيئوا بنور العلم ولم يلجأوا إلى ركن وثيق يا كميل العلم خير من المال العلم**

1-"Фатҳ-ул-борӣ"-и Ибни Ҳаҷар ҷ.6.саҳ.358.

يحرسك وأنت تحرس المال والعلم يزكو على الانفاق والمال تنقصه النفقة يا كميل محبة العالم دين يدان به في كسبه العلم لذته في حياته وجميل الأحدوثة بعد وفاته ونفقة المال تزول بزواله والعلم حاكم والمال محكوم عليه يا كميل مات خزان الأموال وهم أحياء والعلماء باقون ما بقي الدهر أعيانهم مفقودة وأمثالهم في القلوب موجودة إن ههنا لعلما وأشار إلى صدره لو أصبت له حملة ثم قال اللهم بل أصبته لقنا غير مأمون عليه يستعمل آلة الدين في الدنيا ويستظهر بحجج الله على أوليائه وبنعمه على كتابه أو منقادا لجملة الحق على أن لا بصيرة له في إحيائه يقدح الزيغ في قلبه بأول عارض من شبهة اللهم لا ذا ولا ذاك أو منهوما باللذات سلس القياد في الشهوات ومغرما بالجمع والادخار وليسا من دعاة الدين أقرب شبها بهما الأنعام السائمة وكذلك يموت العلم بموت حملته ثم قال اللهم بلى لا تخلو الأرض من قائم بحجة إما ظهر مستور وإما خائف مغمور لأن لا تبطل حجج الله وبيناته فيكم وأين أولئك الأقلون عددا الأعظمون قدرا بهم يحفظ الله حججه حتى يودعوها نظرائهم ويزرعوها في قلوب أشباههم هجم بهم العلم على حقيقة الأمر فباشروا روح اليقين واستسهلوا ما استوعر المترفون وأنسوا بما استوحش منه الجاهلون وصحبوا الدنيا بأرواح معلقة بالمحل الأعلى يا كميل أولئك خلفاء الله في أرضه الدعاة إلى دينه هاه شوقا إلى رؤيتهم أستغفر الله لي ولك".

Кумайл ибни Зиёд мегӯяд: "Имом алайҳис-салом дасти манро гирифту ба сӯи қабристони Кӯфа бурд, он гоҳ оҳи пурдарде кашиду фармуд: Эй Кумайл ибни Зиёд! Ин қалбҳо монанди зарфҳое ҳастанд, ки беҳтарини онҳо фарогиртарини

онҳост, пас он чиро, ки мегӯям ҳифз бикун ва нигаҳ бидор:

1-**Мардум шиносӣ**:

Мардум се дастаанд, донишмандони илоҳӣ ва омӯзандаи дар роҳи растагорӣ ва пашшаҳои бодбаранда ва ҳамеша саргардон, ки аз паи ҳар сару садое мераванд ва бо вазидани ҳар боде ҳаракат мекунанд. На аз равшаноии дониш нур гирифтаанд ва на ба паноҳгоҳи устуворе паноҳ бурдаанд.

2-**Арзишҳои болои дониш**:

Эй Кумайл дониш беҳтар аз мол аст, чун илм нигаҳбони ту аст, вале молро ту бояд нигаҳбонӣ кунӣ. Мол бо бахшишу додан кам мешавад, вале илм бо бахшиш зиёд мешавад ва мақому шахсияте, ки бо мол ба даст омада, бо нобудии мол нобуд мешавад.

Эй Кумайл ибни Зиёд! Шинохтани илми ҳақиқӣ (илми илоҳӣ) дину оине аст, ки бо он подош дода мешавад ва инсон дар даврони зиндагӣ ба василаи он Худоро итоат мекунад ва пас аз марг, номи некӯ ба ёдгор мегузорад. Илму дониш фармондеҳ ва мол фармонбардор аст.

3-**Арзиши донишмандон**:

Эй Кумайл! Сарватандӯзони бетақво дар воқеъ мурдаанд, гарчӣ ба зоҳир зинда бошанд, вале донишмандон то дунё барқарор аст, зиндаанд. Баданҳояшон гарчӣ дар замин пинҳон, вале ёди онҳо ҳамеша дар дилҳо зинда аст.

4-**Ақсоми доништалабон**:

Бидон, ки дар ин ҷо (ишора ба синаи муборак кард) дониши фаровоне ҷамъ шудааст эй кош касонеро меёфтам, ки метавонистанд онро биомӯзанд. Оре тезҳӯшонеро меёбам, вале мавриди эътимод ва бовар нестанд, динро василаи расидан ба дунё қарор дода ва бо неъматҳои Худо ва бо далелу бурҳонҳои илоҳӣ бар бандагони Худо фахр мефурӯшанд. Ё гурӯҳе, ки таслими ҳомилони ҳақ мебошанд, вале дурандешии лозимро дар шинохти ҳақиқат надоранд, ки бо аввалин шубҳае шакку тардид дар дилашон реша мезанад. Пас, на онҳо ва на инҳо сазовори омӯхтани донишҳои фаровони ман намебошанд. Ё шахси дигаре, ки сахт дар паи лаззат буда ва ихтиёри худро ба шаҳваташ додааст ё он ки дар ҷамъоварии молу сарват ташнаву ҳарис аст. Ҳеҷ кадом аз онҳо наметавонанд аз дин посдорӣ кунанд ва бештар ба чаҳорпоёни чарранда мемонанд. Ин гуна аст, ки дониш бо марги дорандагони дониш, мемирад.

5-**Хусусиётҳи раҳбарони илоҳӣ**:

**Оре, Худовандо! Замин ҳеҷ гоҳ аз ҳуҷҷати илоҳӣ холӣ нест, ки барои Худо бо далелҳои равшан қиём кунанд. Он ҳуҷҷати илоҳӣ ё ошкор ва шинохта шуда аст ва ё бимнок ва пинҳон, то ҳуҷҷати Худо ботил нашавад ва нишонаҳояш аз байн наравад. Шуморашон чӣ қадар? Ва дар куҷо ҳастанд? Ба Худо савганд, ки шуморашон кам, вале назди Худо**

**мақомашон бузург аст, ки Худо ба василаи онҳо ҳуҷҷатҳо ва нишонаҳои худро нигаҳ медорад, то ба касоне, ки ҳамонандашон ҳастанд биспорад ва дар дилҳои онҳо бикорад**. Онҳое, ки дониш ва нури ҳақиқатбиниро дар қалбашон тобида ва руҳи яқинро дарёфтаанд, ки он чиро, ки инсонҳои хушгузарон душвор мешуморанд, осон медонанд ва бо он чӣ ки ноогоҳон  аз он тарс доранд унс гирифтаанд. Дар дунё бо баданҳое зиндаги мекунанд, ки арвоҳашон бо ҷаҳони боло пайванд хӯрда аст. Онҳо ҷонишинони Худо дар замин ва даъваткунандагони мардум ба дини Худо ҳастанд. Оҳ, оҳ, чӣ қадар муштоқи дидори онҳо ҳастам! Кумайл! Ҳар вақт хостӣ баргард.[1]

Ин ҳадисро шаш нафар аз Кумайл ибни Зиёд ривоят кардаанд ва Ибни Асокир бо 4-5 санад онро ривоят кардааст илова бар он, ин ҳадис дар "Наҳҷ-ул-балоға" ҳикмати 147, низ ворид шудааст.

Пас, аз ин ахбор ба даст меояд, ки бояд имому ҳуҷҷате аз ҷониби Худованд, ки баргузидаи ӯ аст, ҳамеша дар рӯи замин вуҷуд дошта бошад.

---

1-"Ҳилят-ул-авлиё"-и Абӯнаим ҷ.1.с.80. "Уюн-ул-ахбор"-и Ибни Қутайба с.7. "Тазкират-ул-ҳуффоз"-и Заҳабӣ ҷ.1.с.11.р.4. "Сафват-ул-сафва"-и Абӯлфараҷ ҷ.1.с.331. "Таҳзиб-ул-камол"-и Маззӣ ҷ.24.с.221. "Ал-Маҳосин вал-масовӣ"-и Байҳақӣ. "Шарҳи Мақосид"-и Тафтозонӣ ҷ.5.с.241. "Мифтоҳ-ул-ғайб"-и Фахри Розӣ ҷ.2.с.192. "Ақд-ул-фарид" ҷ.1.саҳ.265. Таърихи Ибни Асокир ҷ.14.саҳ.18.ҷ.50.с.253-254-255.

Дар оянда бо аҳодиси мактаби Аҳли Байт дар ин мавзӯъ ошно хоҳем шуд, ки ахбори фаровон ва мутавотир дар ин бора ривоят шудааст.

**Вале ҷолиб ин ҷост, ки Амиралмӯъминин алайҳис-салом дар ин сухани худ ҳатто ба ин ки мумкин аст он имом ва ҳуҷҷати Худо ғоиб аз чашмони мардум бошад низ ишора фармудаанд.**

Пас мо баъд аз ишора ба олимоне аз аҳли суннат, ки ба таваллуди ҳазрати Маҳдӣ **алайҳис-салом** ва фарзанди Имом Ҳасани Аскарӣ **алайҳис-салом** будани он ҳазрат таъкид ва ишора кардаанд, ба фоидаи ҳуҷҷати ғоиб, низ ки баъзе аз душманони Аҳли Байт **алайҳимус-салом** монанди ба он ишкол кардаанд, ишора хоҳем кард.

## Назари уламои аҳли суннат дар мавриди таваллуди Имоми Замон **алайҳис-салом**

### 1-Муҳаммад ибни Ҳоруни Рӯёнӣ мутаваффои соли 307 дар китоби хаттии "Муснад"-аш

Бинобар нақли муҳаққиқон Рӯёнӣ дар китоби муснадаш ба таваллуди Имоми Замон **алайҳис-салом** ишора кардааст.

**Шарҳи ҳоли Рӯёнӣ**: Заҳабӣ мегӯяд: "Имоми ҳофизи сиқа Муҳаммад ибни Ҳоруни Рӯёнӣ соҳиби "Муснад"-и машҳур.[1]

### 2-Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Иброҳими Тӯсии Билозарӣ мутаваффои соли 339-и ҳиҷрӣ

Билозарӣ, ки аз уламои бузург ва хеле сутудашудаи аҳли суннат аст ва дар шарҳи ҳолаш хоҳем бо ӯ ошно шуд, ҳадиси зерро шахсан худаш аз Имоми Замон, ҳазрати Маҳдӣ **алаҳис-салом** ривоят кардааст. Ин ҳадисро Абдулазиз маъруф ба Шоҳ Соҳиб нависандаи китоби "Тӯҳфатул исно ашария фи рад ало имомия" фарзанди Шоҳ Валиюллоҳ Аҳмад ибни Абдураҳими Деҳлавӣ мутаваффои соли 1176-и ҳиҷрӣ дар китоби "Ан-Нузҳа"-аш аз китоби падараш ба номи "Ал-

1-"Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.14.саҳ.507.р.284.

Мусалсалот” маъруф ба "Фазлул мубин" нақл кардааст.

Ӯ падарашро чунин васф карда: "Хотами орифон ва қосими мухолифин ва сарвари муҳаддисин ва санади мутакаллимон, ҳуҷҷати мусалсалоти машҳур ба "Фазлул мубин". Баъд мегӯяд:

Дар ин китоби мусалсалоташ ҳадиси мусалсалеро ёфтам, ки ҳар як аз ровиёни он бо сифатҳои азиму бузурге тавсиф шудаанд ва он ҳадис ин ки ӯ (падараш) Худо ӯро раҳмат кунад, мегӯяд:

**اخبرنى فريد عصره الشيخ حسن بن على العجمي انا حافظ عصره جمال الدين الباهلي، انا مسند وقته محمد الحجازي الواعظ، انا صوفي زمانه الشيخ عبد الوهاب الشعراني، انا مجتهد عصره الجلال السيوطي، انا الحافظ عصره أبو نعيم رضوان العقبي، انا مقرىء زمانه الشمس محمد بن الجزري، انا الامام الجمال الدين محمد بن محمد الجمال الزاهد عصره، انا امام محمد بن مسعود محمد بلاد فارس في زمانه، انا اسماعيل بن مظفلر الشيرازي عالم وقته، انا عبد السلام بن ابي الربيع الحنفي محمث زمانه، انا ابو بكر عبد الله بن محمد بن شابور القلانسي شيخ عصره، انا عبد العزيز حدثنا محمد الآدمي امام اوانه، انا سليمان بن ابراهيم بن محمد بن سليمان نادر عصره، ثنا احمد بن محمد بن هاشم البلاذري حافظ زمانه، ثنا محمد بن الحسن بن علي المحجوب امام عصره، ثنا الحسن بن علي عن ابيه، عن جده، عن ابي جده علي بن موسى الرضا عليه السلام، ثنا موسى الكاظم قال ثنا أبي جعفر الصادق ثنا محمد الباقر بن علي ثنا أبي علي بن الحسين زين العابدين**

**السجاد ثنا أبي الحسين بن علي سيد الشهداء، ثنا أبي علي بن أبي طالب سيد الاولياء قال: اخبرني محمد بن عبد الله، قال: اخبرني سيد الملائكة جبرئيل قال: قال الله تعالى سيد السادات: إنی أنا الله لا إلا أنا فمن أقر لي بالتوحيد دخل حصني ومن دخل حصني أمن من عذابي.**

Хабар дод бар ман ягонаи замонаш Шайх Ҳасан ибни Алии Аҷамӣ, ман ҳофизи замони худаш Ҷамолидини Боҳилӣ, ман муснади вақташ Муҳаммади Ҳиҷозии воиз, ман суфии замонаш Шайх Абдулваҳҳоби Шаъронӣ, ман муҷтаҳиди замонаш Ҷалоли Суютӣ, ман ҳофизи замонаш Абӯнаим Ризвони Ақабӣ, ман муқрии замонаш Шамс Муҳаммад ибни Ҷазарӣ, ман имом Ҷамолидин Муҳаммад ибни Муҳаммад зоҳиди замонаш, ман имом Муҳаммад ибни Масъуд форисӣ замонаш, ман Муҳаммад ибни Музаффари Шерозӣ олими замонаш, ман Абдусалом ибни Абирабиъ-и ҳанафӣ муҳаддиси замонаш ман Абӯбакр Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Шобур шайхи замонаш, ман Абдулазиз, ҳадис кард маро Муҳаммади Одамӣ имоми авонаш, ман Сулаймон ибни Иброҳим ибни Муҳаммад ибни Сулаймон нодири замонаш, ҳадис кард маро Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Ҳошими Билозарӣ ҳофизи замонаш, **ҳадис кард Муҳаммад ибни Ҳасан ибни Алии маҳҷуб имоми замонаш (Ҳазрати Маҳдӣ алайҳис-салом)** хабар дод Ҳасан ибни Алӣ аз падараш аз бобош аз падари бобош Алӣ ибни Мӯсо Имоми Ризо **алайҳис-салом**, хабар дод Мӯсои Козим **алайҳис-салом** ва

гуфт: Хабар дод маро падарам Ҷаъфар ибни Муҳаммад, хабар дод Муҳаммади Боқир ибни Алӣ, хабар дод маро падарам Алӣ ибни Ҳусайни Зайнулобидини Саҷҷод, хабар дод падарам Ҳусайн ибни Алӣ сарвари шаҳидон, хабар дод падарам Алӣ ибни Абитолиб сарвари авлиё ва гуфт: Хабар дод маро Муҳаммад ибни Абдуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам, хабар дод маро сарвари малоика Ҷабраил ва гуфт: Худованди Мутаол сарвари сарварон фармуд:

"Ба дурустӣ, ки Ман Аллоҳе ҳастам, ки Аллоҳе ғайр аз ман нест, пас ҳар ки ба ягонагии ман иқрор кунад дохил бар паноҳгоҳи ман мешавад ва ҳар ки бар паноҳгоҳи ман дохил шуд, аз азоби ман дар амон хоҳад монд".[1]

Чунон, ки мулоҳиза кардед, Билозарӣ шахсан худаш ин ҳадисро аз Имом Замон ҳазрати Маҳдӣ алайҳис-салом ривоят кардааст.

**Аммо шарҳи ҳоли Билозарӣ**:

Заҳабӣ дар бораи Билозарӣ мегӯяд: "Имому ҳофиз ва воизи бо фоида шайхи ҷамоат. Ҳоким (соҳиби Мустадрак) гуфтааст: Билозарӣ дар ҳифз ва мавъиза ягонаи замонаш буд. Шайхамон ҳофиз Абӯалӣ ва дигар устодонам ба ҷаласаи ӯ ҳозир мешуданд ва аз суханоне, ки ӯ мегуфт хеле хушҳол мешуданд. Ман ҳаргиз надидам, ки касе аз онҳо дар санади ҳадис ё дар ном ва ё дар ҳадис

---

1-"Ан-Нузҳа"-и Шоҳ Соҳиб.

ба ӯ ишкол гирифта бошанд. Ӯ дар Тобирони Нишопур дар соли 339 шаҳид шуд.[1]

Самаонӣ мегӯяд: "Аҳмад ибни Маҳаммади Билозарӣ, ҳофиз ва воиз ва аз аҳли Тӯс буд. Ҳофизу фозили бо фаҳм ва ориф ба ҳадис буд. Сипас сухани Ҳокимро нақл карда ва баъд мегӯяд: Дар Макка аз имоми Аҳли Байт Абӯмуҳаммад Ҳасан ибни Алӣ ибни Муҳаммад ибни Алӣ ибни Мӯсо (Имом) Ризо (падари Имоми Замон **алайҳимо салом**) ҳадис навишт.[2]

### 3-Алӣ ибни Ҳусайни Масъудӣ мутаваффои 345-и ҳиҷрӣ

Масъудӣ мегӯяд: "Дар соли 260-и ҳиҷрӣ Абӯмуҳаммад Ҳасан ибни Алӣ ибни Муҳаммад ибни Алӣ ибни Мӯсо ибни Ҷаъфар ибни Муҳаммад ибни Алӣ ибни Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абитолиб дар замони хилофати Мӯътамади Аббосӣ дар ҳоле, ки 29 сол дошт аз дунё рафт. Ӯ падари Маҳдии мунтазар ва имоми дувоздаҳуми имомия (шиа) аст".[3]

**Шарҳи ҳоли Масъудӣ**: Заҳабӣ мегӯяд: Соҳиби китоби "Муруҷ-уз-заҳаб", ахборӣ ва соҳиби аҷоибу ғароиб ва фанҳо ва мӯътазилӣ буд.[4] Ибни Тағрӣ дар “Нуҷум-уз-зоҳира” мегӯяд:

1 -"Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.16.саҳ.36.р.22.

2 -"Ал-Ансоб"-и Самаонӣ ҷ.1.саҳ.423.

3 -"Муруҷ-уз-заҳаб"-и Масъудӣ ҷ.4.саҳ.112.

4 -"Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.15.саҳ.569.р.343.

“Дар соли 345 Алӣ ибни Ҳусайн ибни Алӣ шайх, имом, таърихнавис, Аллома... вафот кард.[1]

## 4-Абӯлфатҳ Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Аҳмад ибни Абӯлфаворис мутаваффои соли 412-и ҳиҷрӣ

Ӯ дар китоби "Арбаин"-аш, ки дар бораи ҳадиси "Ҳар, ки аз умматам чиҳил ҳадис ҳифз кунад, дар қиёмат фақеҳ машҳур мешавад" аз Аҳмади Ҳанбал ва ӯ аз Имом Шофеӣ нақл карда, ки манзур аз 40 ҳадис яъне 40 ҳадис дар фазоили Имом Алӣ ва Аҳли Байт **алайҳимус-салом** аст.

Ӯ дар ин китоб аз Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** ҳадисеро аз Аҳмад ибни Нофеи Басрӣ ва ӯ аз падараш, ки ходими Имом Ризо **алайҳис-салом** буда ва Имом Ризо аз падарашон Имом Мӯсои Козим ва он ҳазрат аз падарашон Имоми Содиқ ва ишон аз падарашон Имом Боқир Муҳаммад ибни Алӣ ва ишон аз падарашон Имом Саҷҷод Алӣ ибни Ҳусайн ва ишон аз падарашон Имом Ҳусайн ва ишон аз Имом Алӣ ва он ҳазрат аз бародарашон Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва алайҳим** ривоят карда, ки фармуданд:

"Ҳар ки дӯст дошта бошад, ки Худоро дар ҳоле мулоқот кунад, ки ба ӯ рӯ карда на пушт, пас Алиро дӯст бидорад ва ҳар, ки дӯст дошта бошад,

1-“Нуҷум-уз-зоҳира” ҷ.3.саҳ.315-316.

ки Худоро дар ҳоле, ки аз ӯ розӣ аст мулоқот кунад писараш Ҳасанро дӯст дошта бошад...(ин ҳадис як-як бо зикр 12 Имом **алайҳимус-салом** ва фазли дӯстии онҳо мепардозад то ба Имоми Замон **алайҳис-салом** мерасад ва мефармояд): **Ҳар, ки дӯст дошта бошад Худоро дар ҳоле, ки имонаш комил шуда ва исломаш хуб шуда мулоқот кунад, пас писараш (писари Имом Ҳасани Аскарӣ алайҳис-салом) соҳиби замонро дӯст дошта бошад.** Инҳо (ин дувоздаҳ имом аз хонадони Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ**) чароғҳои шаби торик ва имомони ҳидояттар ва парчамдорони тақво ҳастанд, пас ҳар ки онҳоро дӯст дошта бошад ва вилояти онҳоро дошта бошад ман биҳиштро назди Худованд зомини ӯ ҳастам.[1]

**Шарҳи ҳоли Ибни Абӯлфаворис**:

Заҳабӣ мегӯяд: "Имоми ҳофиз ва муҳаққиқи зиёд сафар кунанда (барои касбу ҷамъи ҳадис) мутаваллиди 338, бағдодӣ. Машҳур бар ҳифз, салоҳ ва маърифат буд".[2]

## 5-Абӯнаими исфаҳонӣ мутаваффои соли 430 дар китоби "Арбаина ҳадис фил Маҳдӣ"

Бинобар нақли муҳаққиқин Абӯнаими исфаҳонӣ дар ин китобаш ба таваллуди Имоми Замон ҳазрати Маҳдӣ **алайҳис-салом** ишора кардааст.

---

1-"Арбаин"-и Ибни Абӯлфаворис ҳадиси чаҳорум.

2-"Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.17.саҳ.223.р.133.

**Шарҳи ҳоли Абўнаим**: Заҳабӣ мегўяд: "Аҳмад ибни Абдуллоҳ ибни Аҳмад имом, ҳофиз, сиқа, аллома, шайхул Ислом Абўнаими исфаҳонӣ.1

## 6-Аҳмад ибни Ҳусайни Байҳақии шофеӣ мутаваффои соли 458 дар китоби "Шаъб-ул-имон" чопи аввали Дорул маорифи Ҳинд

Ў мегўяд: "Мардум дар бораи Маҳдӣ ихтилоф кардаанд. Гурўҳе дар амри ў мутаваққиф шуда ва назар дар бораи ўро ба олими ба он вогузор кардаанд ва мўътақид ҳастанд, ки Маҳдӣ аз фарзандони Фотима духтари Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** аст. Баъд худи Байҳақӣ мегўяд: "Тўлонӣ будани умраш ғайри мумкин нест ва он ба монанди тўлонӣ будани умри Исо ва Хизр мебошад".2

**Шарҳи ҳоли Байҳақӣ**: Заҳабӣ мегўяд: "Ў ҳофиз, аллома, сабт, фақеҳ, шайхул Ислом Аҳмад ибни Ҳусайн ибни Алӣ мебошад".3

## 7-Аҳмади Ҷомӣ мутаваффои соли 536-и ҳиҷрӣ

Абўнаср Аҳмад ибни Абўлҳасани Номиқӣ маъруф ба Аҳмади Ҷомӣ. Ў ба Аҳли Байти Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** иродати хос дошта, яко-яки онҳоро дар шеърҳояш бо эҳтиром ном бурдааст. Ў мегўяд, ки: "Шоирон он чӣ

1-"Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.17.саҳ.353.р.305.

2-"Шеъб-ул-имон"-и Байҳақӣ.

3-"Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.18.саҳ.163.р.86.

мегӯянд, аз рӯи тамаъ буда, мехоҳанд ба ин васила чизе ба даст оранд. Аммо ман, он чӣ дар бораи Аҳли Байти Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** сурудаам, ба хотири ризои Парвардигор буда ва ҷуз шафоати он хонадони мутаҳҳар чизе таманно надорам.

Ишон чунин мефармояд:

Ман зи меҳри Ҳайдарам,1 ҳар лаҳза дар дил сад сафост,
Аз паси Ҳайдар, Ҳасан моро имому раҳнамост.
Ҳамчу калб2 афтодаам, бар хоки даргоҳи Ҳусайн,
Хоки наълайни3 Ҳусайн, андар ду чашмам тутиёст.
Обидин4 тоҷи сару Боқир5 ду чашми равшанам,
Дини Ҷаъфар6 бар ҳақ ҳасту мазҳаби Мӯсо7 равост.
Эй маволӣ, васфи султони Хуросонро8 шунав,
Заррае аз хоки қабраш дардмандонро давост.
Пешвои мӯъминон аст, эй мусулмонон, Тақӣ,9
Гар Нақиро10 дӯст дорӣ, бар ҳама миллат равост.

---

1-Ҳайдар-лақаби Амиралмӯъминин Алӣ ибни Абитолиб **алайҳис-салом** аст.

2-Калб-саг.

3-Наълайн-кафшҳо.

4-Обидин-дар асл "Зайнуллбидин" буда, лақаби Имом Алӣ ибни Ҳусайн **алайҳис-салом** мебошад.

5-Боқир-лақаби Имом Муҳаммад ибни Алӣ алайҳис-салом.

6-Ҷаъфар-ишора ба Имоми Содиқ, Ҷаъфар ибни Муҳаммад алайҳис-салом.

7-Мӯсо-ишора ба Имом Мӯсои Козим алайҳис-салом.

8-Султони Хуросон-ишора ба Алӣ ибни Мӯсо Имом Ризо **алайҳис-салом.**

9-Тақӣ-лақаби Имом Муҳаммад ибни Алӣ алайҳис-салом.

10-Нақӣ-лақаби Имом Алӣ ибни Муҳаммад **алайҳис-салом.**

Аскарӣ[1] нури ду чашми Одам асту олам аст,
**Ҳамчӯ як Маҳдӣ сипаҳсолор дар олам куҷост**.
Қалъаи Хайбар гирифта он шаҳаншоҳи араб,
З-он, ки дар бозӯи Ҳайдар номае аз ло-фатост.[2]
Шоирон аз баҳри симу зар, суханҳо гуфтаанд,
Аҳмади Ҷомӣ ғуломи хоси Шоҳи авлиёст.[3]

**Шарҳи ҳоли Ҷомӣ**: Умар Каҳола мегӯяд: Аҳмад ибни Абилҳасани номиқии Ҷомӣ, мутаваффои 538-и ҳиҷрӣ, сӯфӣ.[4] Ва Самаонӣ ӯро ориф тавсиф кардааст.[5]

### 8-Муҳаммад ибни Абдулкарими Шаҳристонӣ мутаваффои 548-и ҳиҷрӣ.

Мегӯяд: "Баъд аз Ҳасан фарзандаш Муҳаммади Қоими Мунтазар, ки сокини Сомирро буд ва назди шиа ба имомат расид. Ӯ 12-умин имон назди онҳо аст".[6]

**Шарҳи ҳоли Шаҳристонӣ**: Заҳабӣ мегӯяд: "Шаҳристонӣ шайхи аҳли калом ва ҳикмат ва соҳиби китобҳост.[7]

Вале ӯро баъд аз мадҳ ба имомат ва ҷалолат муттаҳам ба ташаййӯъ кардаанд, ки он ҳақиқат

---

1-Аскарӣ-лақаби Имом Ҳасан ибни Алӣ алайҳис-салом.

2-Ло-фато яъне ҷавоне ҳамоманди ӯ нест.

3-"Янобеъ-ул-мавадда"-и Қундузии Ҳанафӣ ҷ.3.саҳ.350. "Нафаҳот-ул-унс" саҳ.357.

4-"Мӯъҷам-ул-муаллифин"-и Умар Каҳола ҷ.1.саҳ.198.

5 -Ал-Ансоб"-и Самаонӣ ҷ.2.саҳ.13, дар ҳошия.

6 -Ал-Милал ван-наҳал"-и Шаҳристонӣ ҷ.1.саҳ.198-199.

7 -Сияру аълом-ун-нубало ҷ.20.саҳ.253.р.194.

надорад ва аз сухани гузаштаи худи ӯ низ ин матлаб равшан мешавад.

### 9-Абдулкарим ибни Муҳаммади Самаонӣ мутаваффои соли 562

Самаонӣ дар китоби "Ансоб"-аш вақте эътиқоди шиа нисбат ба хулафои дувоздаҳ гонаро яке-яке мешуморад, Имоми Замон **алайҳис-салом**-ро, низ ба унвони Маҳдии Мунтазар ва дувоздаҳумин имоми мешуморад ва ҳеҷ ишколи бар он ворид накардааст, ки худ далолат бар ин мекунад, ки ӯ низ ба таваллуди он ҳазрат мӯътариф аст. Чун ӯ ки насабдон ва риҷолшиноси бузурги аҳли суннат аст агар мӯътақид ба таваллуди он ҳазрат набуд ба ин назария ишкол ворид мекард. 1

**Шарҳи ҳоли Самаонӣ**: Заҳабӣ дар бораи ӯ мегӯяд: "Шайх, имом, аллома, муфтӣ, фахри дин... шахси бузург ва комил буд".2

### 10-Ибни Хашшоб Абдуллоҳ ибни Аҳмад мутаваффои соли 567-и ҳиҷрӣ

Ӯ мегӯяд:

(في ذكر الخلف الصالح عليه السلام)

1-"Ансоб"-и Самаонӣ ҷ.1.саҳ.85.
2-"Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.22.саҳ.107.р.77.

**1-حدثنا صدقة بن موسى حدثنا ابى عن الرضا عليه السلام قال الخلف الصالح من ولد ابي محمد الحسن بن علي وهو صاحب الزمان وهو المهدى.**

(Дар зикри Халафи Солеҳ алайҳис-салом)

1-Садақа аз падараш ва ӯ аз Имом Ризо алайҳис-салом, ки фармуданд: "Халафи Солеҳ фарзанди Абӯмуҳаммад Ҳасан ибни Алӣ хоҳад буд ва ӯ Соҳиби замон ва ӯ аст Маҳдӣ аст".

**2-وحدثني الجراح بن سفيان قال حدثنى أبو القاسم طاهر بن هرون ابن موسى العلوى عن ابيه هرون عن ابيه موسى قال قال سيدى جعفر بن محمد:**

**"الخلف الصالح من ولدى المهدى اسمه محمد كنيته أبو القاسم يخرج في آخر الزمان، يقال لامه صيقل.**

2-Ҷарроҳ аз Тоҳири Алавӣ (Аз хонадони Имом Алӣ алайҳис-салом) ва ӯ аз падараш Ҳорун ва ӯ низ аз падараш Мӯсо, гуфт: Сарварам Ҷаъфар ибни Муҳаммад фармуд:

"Халафи Солеҳ аз наслу фарзандони ман аст ва ӯ Маҳдӣ мебошад, номаш Муҳаммад ва куняаш Абӯлқосим. Ӯ дар охири замон хуруҷ хоҳад кард ва ба модараш Сайқал гуфта мешавад".

**وفى رواية اخرى بل امه حكيمة وفى رواية اخرى ثالثة يقال لها نرجس. ويقال بل سوسن والله اعلم بذلك.**

Дар ривояти дигар номи модараш Ҳакима гуфта шуда ва дар ривояти саввум, Нарҷис ва дар ривояти чаҳорум Сусан гуфта шуда, Худованд бар он донотар аст.

"حدثنی محمد بن موسی الطوسی قال حدثنا أبو السکین عن بعض اصحاب التاریخ ان ام المنتظر یقال لها حکیمة."

"Муҳаммад ибни Мӯсо ва ӯ аз Абӯсиккин ва ӯ аз баъзе асҳоби таърих, ки гуфтааст: Ба модари "Имом Маҳдӣ" Ҳакима гуфта мешавад".

**حدثنی عبید الله بن محمد عن الهیثم بن عدی قال یقال کنیة الخلف الصالح أبو القاسم وهو ذو الاسمین صلی الله علیه وآبائه اجمعین**

Убайдуллоҳ аз Ҳайсам ривоят мекунад, ки гуфт: "Гуфта мешавад, куняи Халафи Солеҳ (ҳазрати Маҳдӣ **алайҳис-салом**) Абулқосим аст ва ӯ дорои ду ном аст, ки дуруди Худо бар ӯ ва бар ҷамии падаронаш бод.1

Ин буд суханону ривоёти Ибни Хашшоб дар мавриди Имоми Замон **алайҳис-салом.**

**Ва аммо шарҳи ҳоли Ибни Хушшоб**:

Ибни Хашшоб Абдуллоҳ ибни Аҳмад аст, ки Заҳабӣ дар бораи ӯ мегӯяд:

Ӯ адиб буд ва дар наҳв, луғат, шеър, ҳадис ва фароиз, олим буд ва Самаонӣ гуфта, ки ӯ ҷавони комилу фозил аст ва дорои маърифати комил дар адаб, наҳв, луғат, ҳадис ва... буд ва дар соли 567 дар гузашта аст. Шайх Муваффақ гуфта, ки Ибни Хашшоб имоми замонаш дар илми арабӣ буд ва...2

Ибни Халлакон дар Таърихаш мегӯяд:

---

1-"Таъриху маволиди аима ва вафаётиҳим"-и Ибни Хашшоб сафҳаи 44-45-46..

2-"Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.20.саҳ.523.р.337. "Мухтасари Таърихи Ибни Дабисӣ"-и Заҳабӣ саҳ.209.р.756.

"Шайхи олиму адиби ягона ҳуҷҷатул Ислом Абӯмуҳаммад Абдуллоҳ ибни Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Хашшоб маъруф ба Ибни Хашшоби бағдодӣ. Олими машҳур дар адаб, наҳв, тафсир, ҳадис, насаб ва фароиз ва ҳисоб буд. Қуръони азизро бо қироатҳои зиёде ҳифз карда ва дар илмҳо ворид ва моҳир буд.

Суютӣ низ дар "Табақот-ун-нуҳот" хеле ӯро сутуда аст.

### 11-Хоразмии ҳанафӣ мутаваффои соли 568 дар "Мақтал-ул-Ҳусайн"

**Шарҳи ҳоли Хоразмӣ**: Заҳабӣ мегӯяд: "Адиб, фозили бореъ, ки муддати зиёде дар Хоразм хатиб буд".1

### 12-Ибни Азрақи Фориқӣ мутаваффои соли 577-и ҳиҷрӣ

Ибни Халлакон баъд аз ишора ба таваллуди Имоми Замон **алайҳис-салом** мегӯяд: "Ибни Азрақ дар китоби "Таърихи Миёфориқин" гуфтааст, ки:

"Ҳазрати Маҳдӣ дар рӯзи 9-уми Рабиъ-ул-аввали соли 258 таваллуд шуд ва гуфта шуда, ки 8-уми Шаъбони соли 256 таваллуд шуда ва ин саҳеҳтар аст».2

**Шарҳи ҳоли Ибни Азрақ**: Заркалӣ мегӯяд: "Аҳмад ибни Юсуфи фориқӣ, муаррихи раҳҳол,

---

1-"Мухтасари таърихи Ибни Дабисӣ"-и Заҳабӣ саҳ.349.р.1341.

2-"Вафаёт-ул-аъён»-и Ибни Халлакон ҷ.4.саҳ.176.

аҳли Миёфориқин, дар он таваллуд шуда ва ҳамонҷо таълим гирифта ва аз ҷумла китобҳояш "Таърихи Миёфориқин" аст.1

### 13-**Фахриддини Розӣ мутаваффои соли** 606-**и ҳиҷрӣ**

Вай дар китобе, ки дар мавзӯи ансоб навишта мегӯяд: "Аммо Ҳасани Аскарӣ, ӯ ду писар ва ду духтар дошт. Яке аз писаронаш соҳибуз-замон аст.

Он гоҳ менависад: Нусуси аксари таърихнависон ва тарҷума нависон бар таваллуд шудани Ҳуҷҷат, Абӯлқосим, Муҳаммад ибни Ҳасан ибни Алии Аскарӣ иттифоқ дорад. Ӯ дар соли 252 ё 255 ё 259 аз модараш Нарҷис ба дунё омад агар чӣ бинобар назари шиа дар соли 255 дар шаби Шаъбон ба дунё омада аст".2

**Шарҳи ҳоли Фахр Розӣ**: Заркалӣ мегӯяд: "Муҳаммад ибни Умар ибни Ҳасан, Фахридини Розӣ, имоми муфассир ва ягонаи замонаш дар маъқул ва манқул ва улуми авоил аст".3

Заҳабӣ низ ӯро хеле сутуда аст.4

### 14-Абӯабдуллоҳ Ёқути Ҳамавӣ мутаваффои 626-и ҳиҷрӣ

---

1-"Ал-Аълом"-и Заркалӣ ҷ.1.саҳ.273.

2 -"Шаҷаратул муборака фи ансоби толибия"-и Фахр Розӣ саҳ.78-79.

3-"Ал-Аълом" ҷ.6.саҳ.313.

4-Сияру аълом-ун-нубало ҷ.21.с.500.р.261.

Ҳамавӣ дар бораи аскари Сомирро мегӯяд: ... Гурӯҳе аз афроди ҷалилулқадр низ ба он ҷо нисбат дода шудаанд монанди Алӣ ибни Муҳаммади ибни Алӣ ибни Мӯсо ибни Ҷаъфар ибни Муҳаммад ибни Алӣ ибни Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абитолиб разияллоҳу анҳу куняаш Абӯлҳасан, фарзандаш Ҳасан ибни Алии Аскарӣ. Ҳар ду дар Мадина ба дунё омаданд ва ба Сомирро мунтақил шуданд... Фарзандашон "Ал-Мунтазар" дар он ҷо (дар Сомирро) машоҳиди маъруфе дорад".[1]

**Шарҳи ҳоли Ҳамавӣ**: Заҳабӣ мегӯяд: Ёқут адиби ягона, наҳвӣ, ахборӣ ва таърихдон. Дар бораи баъзе аз саҳоба сухан гуфт (айбгирӣ мекард) бинобар ин бар ӯ тавҳин карданд, пас аз он ҷо ба Ҳалб гурехт.[2] Китобҳояш аз балиғ будани ӯ ва маҳораташ дар алмҳои мухталиф ҳикоят мекунанд ва Ибни Халлакон дар тарҷумааш фазоили ӯро баён кардааст.[3] Заркалӣ мегӯяд: Таърих нависи сиқа, олим ба луғат ва адаб ва...".[4]

Чунон, ки мелоҳиза мекунед Ҳамавӣ бинобар эътирофи Заҳабӣ шахси носибӣ ва душмани Имом Алӣ **алайҳис-салом** будааст, вале бо вуҷуди ин ба ин воқеият эътироф кардааст, ки Имом

1-"Мӯъҷам-ул-булдон"-и Ҳамавӣ ҷ.4.саҳ.123.

2-Муҳаққиқи китоби Заҳабӣ мегӯяд: Ҳамавӣ сахт аз Амиралмӯминин Алӣ ибни Абитолиб разияллоҳу анҳу мунҳариф буд ва Заҳабӣ ба ҳамин матлаб ишора мекунад.

3-Сияру аълом-ун-нубало»-и Заҳабӣ ҷ.22.с.312.р.188.

4 -Ал-Аълом ҷ.8.саҳ.131.

Аскарӣ **алайҳис-салом** фарзанде доштанд доштанд, ки ба ӯ Ал-Мунтазар гуфта мешавад.

### 15-Шайх Фаридуддин Аттори Нишопурӣ мутаваффои соли 627-и ҳиҷрӣ

Ӯ ҳазрати Ҳуҷҷат ибни Ҳасанро дувоздаҳумин имом дониста аст, он гоҳ бо баёни таърихи таваллуд ва аҳвол ва баъзе аз мӯъҷизаҳои он ҳазрат мегӯяд: "Ӯ касе аст, ки заминро пур аз адлу дод хоҳад кард...".[1]

Ӯ дар шеъре бо зикри номҳои ҳар як аз имомон мефармояд:

Сад ҳазорон авлиё рӯи замин
Аз Худо хоҳанд Маҳдиро яқин
Ё илоҳӣ Маҳдиам аз ғайбат ор
То ҷаҳони адл гардад ошкор

Аз ту хатми авлиёи ин замон
Ва зи ҳама маъно ниҳонӣ ҷону ҷон
Аз ту ҳам пайдо ва пинҳон омада
Бандаи Атторат сано хон омада.[2]

**Шарҳи ҳоли Аттор**: Умар Каҳола мегӯяд: Сӯфӣ, шоир, табиб ва қозии Машҳади Разавӣ буда".[3]

### 16-Ибни Асири Ҷазарӣ мутаваффои соли 630-и ҳиҷрӣ

1 -Шавоҳидун-набавӣ, с 404-408.
2 -Янобиъ-ул-мавадда, ҷ 3, с 350-351.
3 -Мӯъҷам-ул-муаллифин ҷ.8.саҳ.209.

Ибни Асир дар ҳаводиси соли 260-и ҳиҷрӣ менависад: Дар он сол Абӯмаҳаммади Алвии Аскарӣ вафот кард. Ӯ яке аз имомони дувоздаҳгона бинобар мазҳаби имомия аст. Фарзанди ӯ Муҳаммад (Имоми Маҳдӣ **алайҳис-салом**) аст, ки имомия (шиа) дар сардоби Сомирро ба интизори ӯ нишастаанд.[1]

Ёдовар мешавем, ки сухани охири Ибни Асир тӯҳмате аст бар шиа, ки хеле аз дигарон, низ онро такрор мекунанд, вале шиа мӯътақид аст, ки Имоми Замон **алайҳис-салом** дар Маккаи мукаррама зуҳур мекунанд на дар Сомирро.

**Шарҳи ҳоли Ибни Асир**: Заҳабӣ мегӯяд: Ибни Асир, Шайх, имом, аллома, муҳаддис, адиб ва насабдон аст. ...Таърихи кабирро, ки лақаби "Комил"-ро гирифта навишт.[2] Мадҳу ситоиши дигар низ дар ҳаққи ӯ Заҳабӣ ва дигарон, кардаанд.

## 17-Мӯҳйидин ибни Арабӣ мутаваффои соли 638-и ҳиҷрӣ

Ӯ мегӯяд: "Бидонед, ки хуруҷи Маҳдӣ (**алайҳис-салом**) ҳатмӣ аст. Хуруҷ намекунад, то ин ки замин пур аз зулму ситам шавад ва он гоҳ онро пур аз адлу дод мекунад. Ӯ аз итрати Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** ва аз фарзандони Фотима аст. Бобояш Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абитолиб ва

1 -"Ал-Комил фит-таърих"-и Ибни Асир ҷ.4.саҳ.454.

2-"Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.22.саҳ.353.р.220.

падараш Ҳасани Аскарӣ фарзанди Имом Алии Нақӣ аст. Ӯ ҳамноми Расули Худо аст. Мусулмонон бо ӯ байни рукну мақом байъат хоҳанд кард...".1

**Шарҳи ҳоли Ибни Арабӣ**: Дар васфи Ибни Арабӣ, Заркалӣ ва дигарон мегӯянд: Муҳаммад ибни Алӣ ибни Муҳаммад ибни Арабӣ мулаққаб ба "Шайхул акбар" файласуф аз имомону мутакаллимон дар ҳамаи илм. Ӯ чунон, ки Заҳабӣ мегӯяд: Пешво ва улгӯи қоилон ба ваҳдати вуҷуд аст ва ҳудуди 400 ҷилд китоб дорад, ки аз ҷумлаи онҳо "Футӯҳотул Маккия" дар 10 ҷилд аст...2 ва баъд китобҳои дигари ӯро низ ном бурдааст.

Заҳабӣ низ аз ӯ ба аллома таъбир кардааст.3

## 18-Муҳаммад ибни Талҳаи Шофеӣ мутаваффои соли 652-и ҳиҷрӣ

Ӯ мегӯяд: Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам** ду набера дошт Абӯмуҳаммади Ҳасан ва Абӯабдиллоҳи Ҳусайн ва Ҳуҷҷати Халафи Солеҳ, Муҳаммад (Имом Маҳдӣ **алайҳис-салом**) аз фарзандони Абиабдиллоҳи Ҳусайн мебошад на аз фарзандони Абӯмуҳаммади Ҳасан. Ва аммо умри ӯ: Пас ӯ дар рӯзгори хилофати Мӯътамади Алаллоҳ ба дунё омад ва аз тарс пинҳон шуд ва ӯ махфӣ аст то ба имрӯз. Қудрати Худо восеъ аст ва

1 -"Футуҳот-ул-Маккия"-и Ибни Арабӣ боби 366.

2 -"Ал-Аълом"-и Хайруддини Заркалӣ ҷ.6.саҳ.281.

3-“Сияру аълом-ун-нубало”-и Заҳабӣ ҷ.23.с.48.р.34.

ҳукму алтофаш бар бандагонаш бузург. Ин ки Худованд умри баъзе аз бандагони мухлисашро тӯлонӣ мекунад аз корҳои нав ва ғариб нест. Худованд умри ҷамъи зиёде аз бандагон аз авсиё ва авлиёаш ва ҳамчунин баъзе душманон ва ронда шудагонро тӯлонӣ кардааст. Пас аз авлиёаш Исо **алайҳис-салом** ва Хизр ва дигарон аз паёмбарон, ки умрашон тӯлонӣ буда ва аз душманону ронда шудагон Иблис ва Даҷҷол. Ва ҳамаи ин барои баёни восеъ будани қудрати Парвардигор дар умри зиёд додан ба баъзе аз халқаш аст, пас чӣ монее аст, ки Худованд умри бандаи солеҳашро тӯлонӣ гардонад, то ба ҳангоме, ки ҳукми муқаррар шудаи Худоро баъд аз расидани вақти он ошкор шуда, анҷом бидиҳад".[1] Сипас ба ишколоти дигар, низ дар ин бора посух дода ва аз насли Имом Ҳусайн **алайҳис-салом** будани Имоми Замон **алайҳис-салом**-ро собит кардааст.

**Аммо шарҳи ҳоли Муҳаммад ибни Талҳа**:

Заҳабӣ дар бораи ӯ мегӯяд: Алломаи ягона Камолидин Муҳаммад ибни Талҳаи шофеӣ мутаваллиди соли 582, дорои ҷалолат буд.[2]

Умар Каҳола мегӯяд: Муҳаммад ибни Талҳа, муҳаддис, фақеҳ, усулӣ, ориф ба илми ҳуруф ва авфоқ буд.[3]

---

1 -Матолиб-ус-суӯл фи маноқиби Оли Расул ҷ.2.саҳ.152-153.

2 -Сияру аъълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.23.саҳ.295.р.199.

3 -Мӯъҷамул муаллифин ҷ.10.саҳ.104.

## 19-Сибт ибни Ҷавзӣ Юсуф ибни Фазоали мутаваффои соли 654-и ҳиҷрӣ

Вай дар фасле дар бораи Имоми Ҳуҷҷат, ҳазрати Маҳдӣ **алайҳис-салом** мегӯяд: "Муҳаммад ибни Ҳасан ибни Алӣ ибни Муҳаммад. Куняи ӯ Абӯабдиллоҳ ва Абӯлқосим аст ва ӯ ҷонишин ва Ҳуҷҷат, Соҳибил-замон ва Қоим ва Мунтазар аст..."[1] Ибни Ҷавзӣ аз уламои бузурги Ҳанафӣ мазҳаби аҳли суннат аст.

## 20-Ҳофиз Муҳаммад ибни Юсуфи Ганҷии шофеӣ мутаваффои соли 658-и ҳиҷрӣ.

Ӯ дар боби 25 аз китоби худ дар баҳсе аз тӯли умри ҳазрат мегӯяд: "Бақояш ҳеҷ мушкиле надорад, чун ҳазрати Исо ва Илёс ва Хизр аз авлиёи илоҳӣ умри тӯлонӣ доранд ва низ Даҷҷол ва Иблиси малъун аз душманони Худованд умри тӯлонӣ карданд..."[2]

Ва дар китоби дигараш дар бораи Имом Ҳасани Аскарӣ **алайҳис-салом** чунин мегӯяд: "Аз худ фарзанде ба ҷой гузошт, ки ҳамон Имоми Мунтазар аст. Салавотуллоҳи алайҳи".[3]

**Шарҳи ҳоли Ганҷӣ**: Заркалӣ мегӯяд: "Муҳаммад ибни Юсуф, муҳаддиси шофеӣ мазҳаб, ба шиа тамоюл дошт ва китоби Кифоят-ут-толибро навишт.[4]

---

1 -Талбиси иблис, с 118.

2 -Ал-баён фил ахбори соҳибил-замон, с.148.

3 -"Кифоят-ут-толиб"-и Ганҷӣ саҳ.312.

4 -"Ал-Аълом"-и Заркалӣ ҷ.7.саҳ.150.

Умар Каҳола мегӯяд: Ӯ шахси фозил буд ва аз осораш "Ал-Баён фи ахбори соҳибиз-замон" ва "Кифоят-ут-толиб" мебошад.[1]

**21-Ҷалолидини Балхии Румӣ маъруф ба Мавлавӣ мутаваффои соли 672 ҳиҷрӣ**

Мо дар ин ҷо ғазалеро аз ин орифи номӣ, интихоб намудем, ки ишон яко-яки имомони Аҳли Байт **алайҳимус-салом**-ро дар он ном бурда, салом медиҳад:

Эй сарвари мардон Алӣ, мастон саломат мекунанд,

Эй сафдари мардон Алӣ мастон саломат мекунанд.

Бо қотили куффор гӯ, бо дину диндор гӯ,

Бо Ҳайдари каррор гӯ, мастон саломат мекунанд.

Бо бурҷи ду гавҳар бигӯ, бо бурҷи ду ахтар бигӯ,

Бо Шуббару Шуббайр[2] бигӯ, мастон саломат мекунанд.

Бо Зайнидин Обид бигӯ, бо нури дин Боқир бигӯ,

Бо Ҷаъфари Содиқ бигӯ, мастон саломат мекунанд.

---

1 -"Мӯъҷам-ул-муаллифин" ҷ.12.саҳ.134.

2-Шуббар ва Шуббайр-номи дигари Имом Ҳасан ва Имом Ҳусайн, ки ба забони ҳибрӣ ва ҳамноми Шуббар ва Шуббайр фарзандони Ҳазрати Ҳорун алайҳис-салом буда, ки ба арабӣ Ҳасан ва Ҳусайн мешавад.

Бо Мӯсии Козим бигӯ, бо Тӯсии олим бигӯ,

Бо Тақии Қоим бигӯ, мастон саломат мекунанд.

Бо мири дин Ҳодӣ бигӯ, бо Аскарӣ маҳдӣ бигӯ,

**Бо он валӣ Маҳдӣ бигӯ, мастон саломат мекунанд**.

Бо боди наврӯзӣ бигӯ, бо бахти фирӯзӣ бигӯ,

Бо Шамси Табрезӣ бигӯ, мастон саломат мекунанд.[1]

**Шарҳи ҳоли Ҷалолидини Балхии Румӣ**:

Заркалӣ мегӯяд: "Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Ҳусайн ибни Аҳмади Балхӣ, Румӣ олим ба фиқҳи ҳанафиҳо ва хилоф ва илмҳои гуногуни дигар. Ӯ соҳиби Маснавии машҳур ба форсӣ ва соҳиби тариқати мавлавия буда ва қабраш, низ маъруф аст".[2]

## 22-Абӯмаолӣ Садридини Қӯнавӣ мутаваффои соли 673-и ҳиҷрӣ

Ӯ ҳангоми вафот ба шогирдонаш мегӯяд: "...Ҳафтод ҳазор бор "**ло илоҳа иллаллоҳ**"-ро баъд аз маргам бо ҳузури қалб бигӯед ва саломи маро низ ба ҳазрати Маҳдӣ (**алайҳис-салом**) бирасонед".[3]

1-"Янобиъ-ул-мавадда"-и Қундузии Ҳанафӣ ҷ.3.саҳ.532.

2 -"Ал-Аълом"-и Заркалӣ ҷ.7.саҳ.30.

3 -"Янобеъ-ул-мавадда" ҷ.3.саҳ.340-341.

**Шарҳи ҳоли Қӯнавӣ**: Заркалӣ мегӯяд: Ӯ аз шогирдони Ибни Арабӣ буда ва дар баъзе улум маҳорат дошт ва аз ҷумлаи китобҳои фаровонаш "Эъҷоз-ул-баён фи кашфи баъза асрори Уммул-Қуръон" ва... мебошад".1

### 23-**Аллома Шамсидин ибни Халлакони шофеӣ мутаваффои** 681

Ӯ мегӯяд: "Абӯлқосим Муҳаммад ибни Ҳасани Аскарӣ фарзанди Алии Ҳодӣ фарзанди Муҳаммади Ҷавод, дувоздаҳумин имом назди шиа ва маъруф ба Ҳуҷҷат... аст ва таваллуди ӯ дар рӯзи Ҷумъа нимаи Шаъбон дар соли 255-и ҳиҷрӣ иттифоқ афтод. Ӯ ба ҳангоми вафоти падараш панҷ сола буд...".2

**Шарҳи ҳоли Ибни Халлакон**: **Заркалӣ мегӯяд**: Таърихнависи ҳуҷҷат ва адиби моҳир соҳиби "Вафаёт-ул-аъён" аз машҳуртарин китоби шарҳи ҳол ва аз беҳтарини онҳо дар забт ва аҳком мебошад. Муддате дар Миср ва баъд дар Шом қозӣ буд ва дар бисёре аз мадрасаҳои Дамишқ тадрис мекард.3

### 24-**Шайхул Ислом Садридини Ҳамӯянӣ мутаваффои соли 722-и ҳиҷрӣ**

Ӯ дар боби 31 аз китобаш ҳадесоро нақл мекунад, ки далолати сареҳ бар вилодати ҳазрати

---

1-Ал-Аълом ҷ.9.саҳ.43.

2-"Вафаёт-ул-аъён"-и Ибни Халлакон ҷ.4.саҳ.176. ва ҷ.1.саҳ.372.

3-"Ал-Аълом"-и Заркалӣ ҷ.1.с.220.

Маҳдӣ **алайҳис-салом** мекунад. Дар он ҳадис Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** номҳои ҳар як аз ҷонишинон ва имомони баъд аз худро зикр мекунанд ва дар охир мефармоянд: Ба дурустӣ, ки дувоздаҳумини онҳо аз фарзандонам ғайбат мекунад, то ин ки Худованд ба ӯ иҷозаи хуруҷ бидиҳад" то охири китоб ба ин ҳадис ба муносибат ишора хоҳем кард.[1]

**Шарҳи ҳоли Ҳамӯянӣ**: Заҳабӣ мегӯяд: "Шунидам аз имом ва муҳаддиси ягонаи комил ва фахри Ислом Садруддин Иброҳим ибни Муҳаммади Ҳамӯянии Хуросонӣ, шайхи суфиён".[2]

## 25-Абӯлфидо Исмоил ибни Алии шофеӣ мутаваффои соли 732-и ҳиҷрӣ

Ӯ дар рухдодҳои таърихи соли 254-и ҳиҷрӣ мегӯяд: "Ҳасани Аскарӣ падари Муҳаммади Мунтазар соҳиби сардоб аст...".[3]

**Шарҳи ҳоли Абулфидо**: Умар Каҳола мегӯяд: "Фақеҳи шофеӣ, олим, адиб, шоир ва дар улуми мухталиф монанди тафсир, наҳв, тиб, мантиқ, фалсафа ва... маҳорат дошт...".[4]

---

1-"Фароид-ус-симтайн"-и Ҳамӯянӣ ҷ.2.саҳ.132.

2-"Тазкиратул ҳуффоз»-и Заҳабӣ ҷ.4.саҳ.1505.р.24. Заҳабӣ дар китобҳои Мӯъҷам-уш-шюхи Заҳабӣ" ва "Мӯъҷам-ул-мухтас"-аш низ Ҳамӯниро сутуда аст.

3-Ал-Мухтасар фи ахборил-башар, маъруф ба таърихи Абӯлфидо, ҷ 1, с 361.

4 -Мӯъҷам-ул-муаллифин ҷ.2.саҳ.282.

## 26-Шайх Сафиюддин Абдул Мӯъмини бағдодӣ мутавоффои соли 739-и ҳиҷрӣ

Ӯ мегӯяд: Дар ин Машҳад яъне (машҳади Имоми Аскарӣ ва Имом Ҳодӣ **алайҳимо-салом**) сардобе аст, ки рофизиҳо мӯътақиданд барои Ҳасан ибни Алӣ аст. Аз ӯ фарзанде аст ба номи Муҳаммади сағир ки мегӯянд дар он сардоб махфӣ шудааст..".[1]

**Шарҳи ҳоли Абдул Мӯъмин**: Заркалӣ мегӯяд: "Абдул Мӯъмин ибни Абдул Ҳақ олими Бағдод дар замони худаш, аз уламои ҳанбалимазҳаб. Дар маърифати фароиз ба ӯ мисол мезананд".[2]

## 27-Ҷамолидин Муҳаммад ибни Юсуф Зарандии ҳанафӣ мутаваффои 747-и ҳиҷрӣ

Ӯ мегӯяд: Имоми дувоздаҳум соҳиби кароматӣ машҳур касе, ки қоим ба ҳақ ва даъват кунанда ба роҳи ҳақ аст. Вилодати Имом Абӯлқосим Муҳаммад ибни Ҳасан бинобар нақли шиа замони подшоҳии Мӯътамади Аббосӣ дар шаби нимаи шаъбони соли 255-и ҳиҷрӣ дар Сомирро итифоқ афтодааст. Модараш Нарҷис духтари Қайсари дуввум буд...".[3]

**Шарҳи ҳоли Зарандӣ**: Заркалӣ мегӯяд: "Ӯ фақеҳи ҳанафӣ ва олими ҳадис аз аҳли Мадина ва

---

1 -Маросидил-итилоъ, ҷ 2, с 685.

2 -"Ал-Аълом"-и Заркалӣ ҷ.4.саҳ.170.

3 -Меъроҷ-ул-вусул ило маърифати фазл олир-Расул.

дар он ҷо амри тадрис ва қазоватро баъд аз падараш ба ӯҳда гирифт".[1]

## 28-Шайх Зайнидин Умар ибни Вардӣ мутавоффои соли 749-и ҳиҷрӣ

"...Ва Ҳасани Аскарӣ падари Муҳаммади Мунтазар соҳиби сардоб дувоздаҳумин имоми шиа лақабаш Қоим, Маҳдӣ ва Ҳуҷҷат аст. Вилодати ӯ дар соли 255-и ҳиҷрӣ итифоқ афтод...".[2]

**Шарҳи ҳоли Вардӣ**: Умар Каҳола мегӯяд: "Умар ибни Музаффар ибни Умари шофеӣ маъруф ба Ибни Вардӣ, фақеҳ, адиб, наҳвӣ, луғавӣ, муаррих ва дар Манбаҷ қозӣ буд".[3]

## 29-Аллома Салоҳуддин Халил ибни Айбеки Сафадӣ мутаваффои 764

Ӯ дар китоби "Шарҳ-уд-доира" менависад:

"Ба дурустӣ, ки Маҳдии Мавъуд аз имомони дувоздаҳум аз имомоне аст, ки аввалашон сарварамон Алӣ ва охирашон Маҳдӣ **разияллоҳу анҳу** аст, ки Худованд ба василаи онҳо бар мо фоида бирасонад.[4]

Ва дар китоби "Ал-Вофӣ" менависад: Ҳуҷҷати Мунтазар Муҳаммад ибни Ҳасани Аскарӣ

---

1 -Ал-Аълом ҷ.7.саҳ.152.

2 -Татимматул-мухтасар фил ахборил-башар, маъруф ба Таърихи Ибни Вардӣ, ҷ 1, с 319. Нур-ул-абсор»-и Шабланҷӣ саҳ.186.

3 -Мӯъҷам-ул-муаллифин ҷ.8.саҳ.3.

4 -Янобеъ-ул-мавадда ҷ.3.саҳ.347.

фарзанди Алии Ҳодӣ фарзанди Муҳаммади Ҷавод, фарзанди Алии Ризо, фарзанди Мӯсои Козим, фарзанди Ҷаъфари Содиқ, фарзанди Муҳаммади Боқир, фарзанди Зайнулобидин, фарзанди Ҳусайн ибни Алӣ, фарзанди Алӣ ибни Абитолиб, Ҳуҷҷати Мунтазар, дувоздаҳумин имом назди шиаи имомия, ки ба эътиқоди онҳо, ӯ Қоим мебошад ва дар соли 255-и ҳиҷрӣ ба дунё омадааст".1

**Шарҳи ҳоли Сафадӣ**: Заркалӣ мегӯяд: Сафадӣ, адиб, таърихнавис дорои китобҳои фаровони қобили баҳрабардорӣ аст, ки китобҳояш беш аз 200 ҷилд аст ва дар шарҳу тарҷуманависӣ хеле бузург буда,... ва аз ҷумла китобҳои ӯ "Ал-Вофӣ бил-вафиёт" аст...".2

### 30-**Шамсиддини Заҳабии шофеӣ мутаваффои соли 748-и ҳиҷрӣ**

Ӯ дар баъзе аз китобҳояш ба вилодати ҳазрати Маҳдӣ **алайҳис-салом** эътироф карда ва дар китоби "Ал-Ибар фи хабари ман ғабар" мегӯяд: Муҳаммад ибни Ҳасани Аскарӣ ибни Алии Ҳодӣ ибни Муҳаммади Ҷавод ибни Алии Ризо ибни Мӯсои Козим ибни Ҷаъфари Содиқ Алвии Ҳусайнӣ Абӯлқосим. Рофиза ӯро Халафи Ҳуҷҷат, Маҳдӣ, Мунтазар, Сиҳибуз-замон ва хотами дувоздаҳумин имом медонанд".3

---

1-"Ал-Вофӣ бил-вафиёт"-и Сафадӣ ҷ.2.саҳ.336.

2-"Ал-Аълом"-и Заркалӣ ҷ.2.саҳ.315.

3-"Ал-Ибар фи хабари ман ғабар"-и Заҳабӣ ҷ.1.саҳ.381.

Дар китоби "Таърихи Ислом"-аш низ ба таваллуд шудани Имоми Замон **алайҳис-салом** ба равшанӣ ишора карда ва баъд мегӯяд: Кай ва чӣ гуна мурданаш маълум нест.1

**Шарҳи ҳоли Заҳабӣ**: Заҳабӣ аз уламои бузург ва риҷол шиноси аҳли суннат аст, ки китобҳои ӯ мавриди истифодаи ҳамагон аст ва нисбат ба шиа низ таассуфи васф нашуданӣ дорад.

### 31-Орифи Комил Саййид Алӣ ибни Шаҳобидини ҳамадонии шофеӣ мутаваффои соли 786-и ҳиҷрӣ

Саййид Алии Ҳамадонӣ дар дар "Маваддати даҳум" аз китоби "Маваддатул қурбо"-аш ба таваллуд шудани Имоми Замон, ҳазрати Маҳдӣ **алайҳис-салом** таъкид кардааст.

**Шарҳи ҳоли Саййид Алӣ**: Заркалӣ мегӯяд: "Дар Кишмир мустақар шуд ва аксари аҳли Кишмир бо дасти ӯ мусулмон шуданд. Ӯ дар Хатлон (Кулоби Тоҷикистон) дафн шудааст".2

### 32-Ибни Халдуни мағрибӣ мутаваффои соли 808-и ҳиҷрӣ

Ӯ мегӯяд: "Рофизиҳо хилофатро баъд аз Ҷаъфар ибни Муҳаммад ба фарзандаш Мӯсои Козим ва аз ӯ ба фарзандаш Ризо ва аз ӯ ба Ҷавод ва аз ӯ ба Алӣ ва сипас Аскарӣ ва аз ӯ ба

---

1-"Таърихи Ислом"-и Заҳабӣ вафаёти 251-260 дар шарҳи ҳоли Имоми Аскарӣ падари Имоми Замон **алайҳимо салом.**

2-Ал-аълом"-и Заркалӣ ҷ.4.саҳ.294.

фарзандаш Муҳаммади Маҳдӣ мунтақил намудаанд...".1

Аз ин иборат истифода мешавад, ки Ибни Халдун вилодати ҳазратро қабул дорад, вале хилофати ӯро ба шиа нисбат медиҳад.

Ибни Халдун аз уламои бузург ва маъруфи аҳли суннат аст.

## 33-Абӯлаббос Аҳмад ибни Алии Қалқашандии шофеӣ мутаваффои соли 821-и ҳиҷрӣ

Ӯ ки олими мутахассис дар ансоб аст дар баёни насаби Имом Ҷаъфари Содиқ **алайҳис-салом** ва фарзанди он ҳазрат фарзандаш Маҳдӣ **алайҳис-салом**-ро аз Имоми Аскарӣ **алайҳис-салом** дувоздаҳумин имоми шиаён ба ҳисоб меоварад, ки шиа мӯътақид ба зинда будани ӯст. Аз зоҳири иборат истифода мешавад, ки Қалқашанди мӯътақид ба вилодати Имоми Маҳдӣ **алайҳис-салом** буда вале эътиқод ба зинда буданро ба шиа нисбат медиҳад.2

**Шарҳи ҳоли Қалқашандӣ**: Заркалӣ мегӯяд: "Муаррихи адиб. Ӯ аз хонадони илм аст ва фарзандон ва аҷдоди ӯ уламо ва фузало ҳастанд ва аз ҷумла китобҳои ӯ "Ниҳоят-ул-араб" аст".3

1 -Таърихи ибни Халдун, ҷ 3, с 361.

2 -Ниҳоятул араб, с 118..

6-Муъаҷамул-булдон, ҷ 3, с 173..

3 -Ал-Аълом ҷ.1.саҳ.177.

Умар Каҳола мегӯяд: Адиб ва фақеҳи шофеимазҳаб аст.1

### 34-Муҳаммад ибни Муҳммади Бухорӣ маъруф ба Хоҷа Порсои ҳанафӣ мутаваффои 822-и ҳиҷрӣ

Вай чунин мегӯяд: "Аз имомони Аҳли Байти тайййибин Абӯмуҳаммад Ҳасани Аскарӣ аст....ӯ фарзанде ҷуз Абӯлқосим Муҳаммади Мунтазар маъруф ба Қоим, Ҳуҷҷат, Маҳдӣ, Соҳибаз-замон ва хотами имомон бар ҷой нагузошт. Вилодаташ дар шаби нимаи шаъбон соли-255-и ҳиҷрӣ будааст".2

**Шарҳи ҳоли Хоҷа Порсо**: Умар Каҳола мегӯяд: "Сӯфӣ, муҳаддис, фақеҳ буда ва дар Мадина ба дунё омад ва ҳамон ҷо низ аз дунё рафт".3

### 35-Ҷамолуддин Аҳмад ибни Алии Ҳусайнӣ, маъруф ба Ибни Аня мутаваффои соли 828-и ҳиҷрӣ

Ӯ мегӯяд: "Алии Ҳодӣ мулаққаб ба Аскарӣ буд, ба хотири сокин будан дар Сомирро. Ӯ ду фарзанд дошт. Яке аз он ду Абӯмуҳаммад, Ҳасани Аскарӣ ва дигарӣ Ҷаъфар аст. Ҳасани Аскарӣ дорои Зӯҳд ва илми фаровон буд. Ӯ падари Имом

---

1 -Мӯъҷам-ул-муаллифин ҷ.1.саҳ.317.

2 -Янобиъ-ул-мавадда, ҷ.3.саҳ.171 ва 304 (ба нақл аз "Фасл-ул-хитоб"-и Хоҷа Порсо).

3 -Мӯъҷам-ул-муаллифин ҷ.11.саҳ.300.

Муҳаммади Маҳдӣ дувоздаҳумин имом назди имомия аст. Назди онҳо касе аст, ки қиём хоҳад кард. Модараш Умми Валад, номаш Нарҷис аст...".1

**Шарҳи ҳоли Ҳусайнӣ**: Заркалӣ мегӯяд: "Таърихнавис ва насабдони ироқӣ соҳиби китоби "Умдатут-толиб фи ансоби оли Абитолиб" ва китобҳои дигар".2

### 36-Нуриддин ибни Саббоғи Моликӣ мутаваффои 855 –и ҳиҷрӣ.

Ӯ дар фасли дувоздаҳум аз китобаш мегӯяд: "Абӯлқосим Муҳаммад Ҳуҷҷати Халафи Солеҳ фарзанди Абӯмуҳаммад Ҳасани Холис, имоми дувоздаҳум. Баъд таърихи таваллуд ва далели имомати он ҳазратро зикр кардааст".3

**Шарҳи ҳоли Ибни Саббоғ**: Заркалӣ мегӯяд: Алӣ ибни Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Саббоғ, фақеҳи мазҳаби моликия таваллуд ва вафоташ дар Макка будааст. Соҳиби китобҳост ва аз он ҷумла китоби "Фусул-ул-муҳимма лимаърифатил аимма".4

### 37-Абӯлвалид Муҳаммад ибни Шаҳнаи ҳанафӣ мутаваффои соли 882-и ҳиҷрӣ

1 -"Умдатут-толиб фи ансоби оли Абитолиб" саҳ. 199.

2 -Ал-аълом ҷ.1.саҳ.177.

3 -"Фусул-ул-муҳимма"-и Ибни Саббоғ саҳ.273.

4 -"Ал-Аълом"-и Заркалӣ ҷ.5.саҳ.8.

Ӯ мегӯяд: "Худованд ба Ҳасани Аскарӣ фарзанде иноят фармуд, ки интизори ӯро мекашиданд. Ӯ дувоздаҳумин имом назди имомия аст. Номаш Муҳаммад ва алқобаш Маҳдӣ, Қоим ва Ҳуҷҷат аст. Вилодаташ дар соли-255-и ҳиҷрӣ иттифоқ афтода аст".[1]

**Шарҳи ҳоли Ибни Шаҳна**: Заркалӣ мегӯяд: "Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Муҳаммад Абӯвалид ибни Шаҳна, қозии ҳанафиҳо дар шаҳри худаш буд".[2]

### 38-Шайх Нуриддин Абдураҳмони Ҷомии ҳанафӣ мутавоффои соли 898-и ҳиҷрӣ

Абдураҳмони Ҷомӣ, ки исми комилаш Мавлоно Нуридин Абдураҳмон ибни Аҳмади Ҷомӣ, аз донишмандони бузург ва нобиғаи донишу адаб дар замони худ будааст. Ишон ҳамчунин орифи комил ва шоири фозиле аст, ки даҳҳо асари баҷоймондаи ӯ, аз он ҳикоят мекунад.

Вай бо вуҷуди таассуби зиёде, ки дошт ба мадҳи имомони Аҳли Байт **алайҳимус-салом** пардохта, ашъореро дар фазоилашон сурудааст. Шоҳиди ин матлаб, қасидаи маъруфи Фараздақ аст, ки дар мадҳи Имоми Саҷҷод **алайҳис-салом** сароида шуда, Ҷомӣ онро ба шеъри форсӣ тарҷума кардааст.

---

1 -Равзатим-манозир дар ҳошияи маруҷ-уз-заҳаб ҷ.1.с.294.

2 -"Ал-Аълом"-и Заркалӣ ҷ.1.саҳ.230.

Далели дигаре, ки таваҷҷӯҳи Ҷомиро нисбат ба хонадони Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам**, нишон медиҳад, метавонад ғазале бошад, ки матлабаш чунин аст:

Кардам зи дидаи пой сӯи машҳади Ҳусайн,
Ҳаст ин сафар ба мазҳаби ушшоқ фарзи айн.

Ҳоло, бо таваҷҷӯҳ ба мавзӯи баҳсамон, ашъореро аз ин шоири маъруф меоварем, ки мустақиман дар бораи Имоми Замон **алайҳис-салом** сурудааст:

Биё, эй имоми ҳидоятшиор,
Ки бигзашт аз ҳад ғами интизор.
Зи рӯи ҳумоюн барафкан ниқоб,
Аён соз, рухсори чун офтоб.
Бурун ой, аз манзили ихтифо,[1]
Намоён кун, асрори меҳру вафо.
Барафроз, аркони Исломро,
Бияндоз, бунёди асномро.[2]
Ҷаҳон пур шуд аз шеваи зулму ҷавр,
Зи инсоф дур аст, атвори давр.
Назар кун ба ҳоли мани мустаманд,
Ки гардам зи алтофи ту сарбаланд.
Бувад ин умедам, ки бошам мудом,
Мубоҳӣ ба алтофи хоси Имом.
Илоҳо, ба ҳаққи Имоми Замон,
Ба иззи муҳиббони ин хонадон.
Ки тавфиқ гардон, рафиқи дилам,

---

1-Яъне аз ғайбату пинҳонӣ.
2 -Асном-бутҳо.

Бирӯён гули марҳамат аз гилам.

**Шарҳи ҳоли Ҷомӣ**: Умар Каҳола мегӯяд: "Олим ва дорои маҳорат дар улуми ақлӣ ва нақлӣ буд. Аз ҷумлаи китобҳои зиёде, ки навишта "Тафсир Қуръони Карим" "Шарҳи Кофия" ва ... мебошад".1

## 39-Фазл ибни Рӯзбаҳон мутаваффои ҳудуди 900-и ҳиҷрӣ

Ӯ дар саломҳое, ки бар ҳар як аз имомон аз зуррияи Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** дорад ба ин ҷо мерасад: "Салом бар Қоими Мунтазар, Абӯлқосим...".2

**Шарҳи ҳоли ӯ**: Умар Каҳола ӯро аз фузалои ашоира хонда ва китоби "Ибтолул ботил"-ро бар зидди шиа навишта ва дар бораи саҳеҳи шашгонаи аҳли суннат мегӯяд: Ҳар ки савганд ёд кунад, ки ҳар чӣ дар ин китобҳо аст саҳеҳ ва аз Расули Худо аст, савгандаш дуруст аст.

## 40-Алломаи Мир Хонд мутаваффои 903-и ҳиҷрӣ

ӯ мегӯяд: Таваллуди Имоми Маҳдӣ, ки ҳам номи Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳ) ва саллам** ва ҳам куня бо ӯ аст, дар Сомирро нимаи Шаъбони соли 255 иттифоқ афтод. Ӯ ба ҳангоми вафоти падараш панҷ сол дошт. Худованди Мутаол дар

1 -Мӯъҷам-ул-муаллифин ҷ.5.саҳ.122.

2 -Далоил-ул-сидқ,ҷ 2, с 370.

он син ба ӯ ҳикмат дод ҳамон гуна ки ба ҳазрати Яҳё дар кӯдакӣ иноят фармуд ва ӯро имом қарор дод ва ҳазрати Исоро низ ба мақоми набувват баргузид".[1]

### 41-Аҳмад ибни Ҳаҷари Ҳайтамии шофеӣ мутаваффои соли 909-и ҳиҷрӣ

Вай баъд аз шарҳи ҳоли Имом Ҳасани Аскарӣ **алайҳис-салом** мегӯяд: "Ҳасани Аскарӣ фарзанде ғайр аз Абӯлқосими Ҳуҷҷат аз худ ба ҷой нагузошт. Умри ӯ (Имом Маҳдӣ **алайҳис-салом**) ба ҳангоми вафоти падараш, панҷ сола буд. Аммо Худованд ба ӯ дар панҷсолагӣ ҳикмат омӯхт. Ӯро Қоими Мунтазар меноманд...".[2]

**Мегӯям**: Хонандаи азиз бояд таваҷҷӯҳ дошта бошанд, ки Ибни Ҳаҷар ин китобро бар зидди шиа навишта аст, вале бо вуҷуди он ба ин ҳақиқат эътироф карда, ки Имом Замон **алайҳис-салом** ба дунё омада ва дар қайди ҳаёт ҳастанду ва дар хурдсолӣ Худованд ба он ҳазрат ҳикмат омӯхта аст.

**Шарҳи ҳоли ибни Ҳаҷар**: Заркалӣ мегӯяд: Шайхул Ислом, фақеҳи боҳиси Мисрӣ. Ӯ дорои китобҳои фаровон аст ва аз ҷулмаи онҳо "Савоиқ-ул-мӯҳриқа"-ро ном бурдааст.[3]

---

1-"Равзатус-сафо ҷ.3.саҳ.59.

2-"Савоиқ-ул-мӯҳриқа"-и Ибни Ҳаҷар саҳ.208.

3-"Ал-Аълом"-и Заркалӣ ҷ.1.саҳ.234.

**42-Суютӣ мутаваффои соли 911 дар рисолааш “Эҳё-ул-маййит би фазоили Аҳлул Байт”.**

Ба дурустӣ, ки Маҳдӣ аз зуррияи Ҳусайн ибни Алӣ мебошад, ки дар охири замон барангехта мешавад. Ва тамоми фарзандони Ҳусайн, ки аз имомон маҳсуб мешаванд аз бузургон ҳастанд. (ва сипас яко яки дувоздаҳ имомро ном мебарад.1

**Шарҳи ҳоли Суютӣ**: Заркалӣ мегӯяд: "Имоми ҳофиз, муаррих, адиб ва соҳиби наздик ба 600 ҷилд китоб".2

**43-Ғиёсидини Хондамир 942 ҳ.қ**

Ӯ дар бораи Имом Замон **алайҳис-салом** чунин суруда:

Имоми Замон, Маҳдии Мунтазар,
Ки гуфта Паёмбар зи ҳолаш хабар.
Ҷаҳон равшан аз лумъаи рӯи ӯ,
Шаби қадри торе зи гесӯи ӯ.
Сиришта ба оби каромат гилаш,
Муҳити улуми ладунӣ дилаш.
Чу созад ливои хилофат баланд,
Дарорад сари осиё дар каманд.
Маҳи рояташ солиси моҳи хӯр,
Зи адлаш шавад, ҷумла офоқ пур.
Чу гардад ба меҳроби дин муқтадо,
Кунад Ибни Марям ба д-ӯ иқтидо.3

1-"Эҳё-ул-маййит би фазоили Аҳлул Байт”
2-"Ал-Аълом"-и Заркалӣ ҷ.3.саҳ.301.
3-"Ҳабиб-ус-сайр"-и Хондамир ҷ.2.саҳ.100-113.

### 44-Шамсидини Муҳаммад ибни Тӯлуни Ҳанафӣ мутаваффои соли 953 ҳиҷрӣ

Ӯ дар шарҳи ҳоли имомон мегӯяд: "Дувоздаҳумини онон, фарзанди Муҳаммад ибни Ҳасан Абулқосим аст... вилодаташ дар рӯзи Ҷумъа нимаи Шаъбони соли 255-и ҳиҷрӣ итифоқ афтод ва ҳангоми вафоти падараш панҷ сол дошт..."[1]

**Шарҳи ҳоли Ибни Тӯлун**: Умар Каҳола мегӯяд: "Муҳаммад ибни Алӣ машҳур ба Ибни Тӯлун, димишқӣ Солеҳии ҳанафӣ, муҳаддис, муснад, таърих навис, фақеҳ, наҳвӣ, дар таъбир ва тиб, ва илмҳои дигар низ ворид буд ва соҳиби китобҳои зиёде аст...".[2]

### 45-Абдул Ҳақ ибни Сафиюдини Деҳлавии ҳанафӣ мутаваффои соли 958-и ҳиҷрӣ

Ӯ дар китоби "Таҳсил-ул-камол" ва... менависад: Ва Абӯ Муҳаммад Ҳасани Аскарӣ фарзандаш м ҳ м д **разияллоҳу анҳумо,** маълум ва шинохта шуда дар назди асҳоби хоссаш ва касоне, ки мавриди итминонаш буданд, мебошад.[3]

**Шарҳи ҳоли Абдул Ҳақ**: Умар Каҳола мегӯяд: "Абдул Ҳаққи Деҳлавии ҳанафӣ, муҳаддис, суфӣ

---

1-Ал-шазротил-заҳбия с 117, ва 118.

2 "Мӯъҷам-ул-муаллифин ҷ.11.саҳ.51.

3-"Маноқиб ва аҳволи аиммаи атҳор" саҳ.106.

ва дар баъзе аз илмҳо маҳорат дошта ва соҳиби китобҳои зиёд буда...".1

**46-Мирзо Муҳаммад ибни Рустами Бадахшии Шофеӣ**

Ӯ дар шарҳи ҳоли Имом Ҳасани Аскарӣ **алайҳис-салом** мегӯяд: "...ӯ фарзанде ҷуз Муҳаммади Мунтазар аз худ ба ҷой нагузошт.."2

**47-Шайх Ҳусайн ибни Муҳаммад, Диёри Бакрии Моликӣ мутаваффои соли 966-и ҳиҷрӣ:**

**Ӯ мегӯяд**: "Дувоздаҳумини онҳо Муҳаммад ибни Ҳасан ибни Алӣ ибни Муҳаммад ибни Алии Ризо аст. Куняаш Абӯлқосим ва лақабаш назди имомия: Ҳуҷҷат, Қоим, Мунтазар, Маҳдӣ ва Соҳибуз-замон аст. Ӯ назди имомия дувоздаҳумин имом аст...".3

**Шарҳи ҳоли Бакрӣ**: Заркалӣ ва Умар Каҳола мегӯянд: Ӯ таърих навис ва фақеҳ буд ва қозии Макка шуд, дар он ҷо низ аз дунё рафт".4

**48-Ориф Абдулваҳҳоби Шаъронии ҳанафӣ мутаваффои соли 973-и ҳиҷрӣ**

Вай аз баъзе орифон нақл мекунад: "Дар охири замон умеди хуруҷи Маҳдӣ аст. Ӯ аз

---

1-"Мӯъҷам-ул-муаллифин" ҷ.5.саҳ.91.
2 -Муфтоҳун-наҷо фил-маноқиби олил-Аббос саҳ.314.
3 -"Таърихи хамис"-и Доёри Бакрӣ ҷ.2.саҳ.288-321.
4 -Ал-Аълом ҷ.2.саҳ.256.

фарзандони Имом Ҳасани Аскарӣ аст. Таваллуди ӯ нимаи Шаъбони соли 255-и ҳиҷрӣ иттифоқ афтод. Ӯ то ба ҳол зинда аст, то ин ки бо ҳазрати Исо бо ҳам ҷамъ шаванд. Умраш то ин замон 706 сол аст. Ба ман Шайх Ҳасани Ироқӣ ин гуна хабар дод".1

**Шарҳи ҳоли Шаъронӣ**: Умар Каҳола мегӯяд: "Шаъронӣ, шофеӣ мазҳаб ва фақеҳ, усулӣ, муҳаддис, суфӣ ва дар илмҳои гуногун маҳорат дошт ва соҳиби китобҳои зиёде аст".2

Шайх Ҳасани Ироқӣ мутаваффои соли 958 мебошад.

## 49-Алломаи насабдон Саййид Муҳаммад ибни Ҳусайн, Ҳусайнии Самарқандии Маданӣ мутаваффои соли 996-и ҳиҷрӣ

**Ӯ мегӯяд**: "Фарзанди Ҳасани Аскарӣ, Муҳаммади Маҳдӣ аст... ӯ дувоздаҳумин имом аз имомон аст. Дар рӯзи Ҷумъа нимаи Шаъбони соли 255-и ҳиҷрӣ таваллуд шуд. Куняаш Абӯлқосим ва лақабҳояш: Ҳуҷҷат, Халафи солеҳ, Қоим, Мунтазар ва машҳуртарини онҳо Маҳдӣ аст. Вай ба ҳангоми вафоти падараш панҷ сол дошт".3

**Шарҳи ҳоли Ҳусайнӣ**: Заркалӣ мегӯяд: "Котиб аз оли Ҳусайнӣ аз Мадинаи Мунаввара ва

---

1 -"Ал-Явоқит вал-ҷавоҳир"-и Шеъронӣ ҷ.2.саҳ.127.

2 -Мӯъҷам-ул-муаллифин ҷ.6.саҳ.218.

3-"Тӯҳфатут-толиб бимаърифати ман янтасабу ило Абдиллоҳ ва Абитолиб саҳ.54-55.

ҳам дар ҳамон ҷо вафот кардааст. Ӯ забонҳои арабӣ, форсӣ, румӣ, ҳиндӣ ва ҳабаширо медонист ва дорои илми ансоб низ буд ва аз ҷумлаи китобҳояш "Тӯҳфатут-толиб" дар бораи насаб буд".1

### 50-Шариф Анас Кутубии Ҳасанӣ

Вай дар таълиқи худ бар китоби қаблӣ "Тӯҳфатут-толиб" мегӯяд:

"Имом Маҳдӣ (**алайҳис-салом**) дар кӯдакӣ аз мардум пинҳон шуд. Ин чиз назди шиа ва суннӣ мусаллам аст. Китобҳои таърих ин матлабро собит кардаанд, ки Маҳдӣ (**алайҳис-салом**) дар кӯдакӣ дохили Сардоб шуд дар ҳоле ки насле надошт. Китобҳои ансоб низ ин чизро собит кардаанд...".2

Ҳамин нависанда дар китоби "Ал-Усул фи зуррияти бизъатил батул" менависад:

Ҳасани Аскарӣ дар аввалҳои хилофати Аҳмад ибни Мутаваккил дар Сомирро бо зар ба шаҳодат расид... ӯ фарзанде ба номи Муҳаммад аз худ ба ҷой гузошт...куняаш Абӯлқосим ва Абӯабдиллоҳ аст ва лақабҳояш: Ҳуҷҷат, Халафи солиҳ, Қоим, Мунтазар, Толӣ ва Соҳибуз-замон ва машҳуртарини онҳо Маҳдӣ аст...ӯ ба ҳангоми вафоти падараш панҷсола буд".3

---

1 -"Аълом"-и Заркалӣ ҷ.6.саҳ.102.

2 -Тӯҳфатут-толиб саҳ.55.

3 -"Ал-Усул фи зурриятил бизъатил батул" саҳ.98-99.

## 51-Мулло Алии Қории ҳанафии маккӣ мутавоффои соли 1014-и ҳиҷрӣ

Вай дар шарҳи ҳадиси дувоздаҳ халифа мегӯяд: "Шиаи дувоздаҳ имомӣ онҳоро бар Аҳли Байти набувват ба таври паё-пай мунтабиқ мекунанд, ки аввалашон Алӣ ва охирашон Муҳаммади Маҳдӣ аст (яко яки имомонро ном бурда) ва баъд мегӯяд: "Соҳиби "Зубдатул-авлиё" Хоҷа Муҳаммад Порсо дар китоби "Фаслул-хитоб" инҳоро муфассал зикр карда ва баъд аз ӯ сарварамон Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ дар охири китоби "Шавоҳидун-набувва" фазоил ва каромоти онҳоро зикр карда, ки дар ин кораш рад аст бар рофизиҳо, чун онҳо гумон мекунанд, ки аҳли суннат имомони Аҳли Байтро душман медоранд".[1]

**Шарҳи ҳоли Қорӣ**: Заркалӣ ва Умар Каҳола мегӯянд: “Фақеҳи ҳанафӣ аз судур илм дар замонаш ва олими мушорик дар илмҳои гуногун буд.[2]

## 52-Аҳмад ибни Юсуф, Абул Аббоси Қирмонии ҳанафӣ, мутаваффои соли 1019-и ҳиҷрӣ:

**Ӯ мегӯяд**: "Муҳаммади Ҳуҷҷат, Халафи солеҳ, умраш ба ҳангоми вафоти падараш панҷ сола

---

1 -Мирқот-ул-мафотеҳ саҳ.179. Ал-Мирқот фи шарҳи мишкот, ҷ.10.с336-337.

2-Мӯъҷам-ул-муаллифин ҷ.7.с.100. Ал-Аълом ҷ.5.с.12.

буд. Худованд дар он син ба ӯ ҳикмат омӯхт, ҳамон гуна ки дар кӯдакӣ ба ҳазрати Яҳё **алайҳис-салом** омӯхт... уламо иттифоқ доранд бар ин ки Маҳдӣ ҳамон қиёмкунанда дар охири замон аст".1

**Шарҳи ҳоли Абул Аббос**: Заркалӣ мегӯяд: "Муаррих, ҳуснул муҳозира. Мутаваллӣ ба умури вақфи ҳарамайн буд. Ва ӯ Таърихи маъруфе дорад ба номи "Ахбор-уд-дувал ва осорул аввал" ва ...2

## 53-Ибни Аммоди Димишқии ҳанбалӣ мутаваффои соли 1089-и ҳиҷрӣ

Ӯ дар бораи ҳаводиси соли 260-и ҳиҷрӣ мегӯяд: "Дар он сол Ҳасан ибни Алӣ ибни Муҳаммади Ҷавод ибни Алии Ризо ибни Мӯсои Козим ибни Ҷаъфари Содиқи Алавии Ҳусайнӣ, яке аз имомони дувоздаҳгона ба эътиқоди рофиза аз дунё рафт. Ӯ падари Муҳаммади Мунтазар соҳиби сардоб аст".3

**Шарҳи ҳоли Ибни Аммод**: Заркалӣ мегӯяд: "Абдул Ҳай ибни Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Аммоди ҳанбалӣ, муаррих, фақеҳ, олим ба адаб аст. Ва ӯ соҳиби китоби "Шазарот-уз-заҳаб фи ахбори ман заҳаб" ва китобҳои дигар мебошад".4

---

1-"Ахбор-уд-дувал ва осорул аввал" ҷ.1.саҳ.353.

2 -Ал-Аълом ҷ.1.саҳ.275.

3 -"Шазарот-уз-заҳаб фи ахбори ман заҳаб" ҷ.3.саҳ.265.

4 -Ал-Аълом ҷ.3.саҳ.290.

### 54-Муҳаммад ибни Абдуррасули Барзанҷии шофеъӣ мутаваффои соли 1103-и ҳиҷрӣ

Вай мӯътақид аст, ки Имом Ҳасани Аскарӣ **алайҳис-салом** фарзанде ба номи Муҳаммад дошта, вале ба ғайбат кардани он ҳазрат ва заҳури ишон ишкол мекунад, ки он аз рӯи таассуб аст.[1]

**Шарҳи ҳоли Барзанҷӣ**: Заркалӣ мегӯяд: "Барзанҷӣ шахси фозил, олим ба тафсир ва адаб ва аз фуқаҳои шофеъӣ мазҳаб буда".[2]

### 55-Шайх Абдуллоҳ ибни Муҳаммади Шабровии Мисрии шофеъӣ мутаваффои соли 1171-и ҳиҷрӣ

**Ӯ мегӯяд**: Дувоздаҳумин аз имомон, Абӯлқосим Муҳаммади Ҳуҷҷат аст. Баъзе ӯро ҳамон Маҳдии Мунтазар медонанд. Таваллуди Муҳаммади Ҳуҷҷат фарзанди Ҳасани Аскарӣ **разияллоҳу анҳу** дар Сомирро нимаи Шаъбони соли 255-и ҳиҷрӣ панҷ сол пеш аз вафоти падараш рӯх дод. Падараш ба далели тарс аз халифаҳо ӯро аз мардум пинҳон нигаҳ дошт. Ӯ мулаққаб ба Маҳдӣ, Қоим, Мунтазар, Халафи солеҳ ва Соҳибуз-замон аст. Шиа мегӯяд: ҳадисҳои саҳеҳ далолат дорад бар ин ки ӯ дар охири замон зуҳур хоҳад кард...".[3]

**Шарҳи ҳоли Шабровӣ**: Заркалӣ мегӯяд: "Шабровӣ аз фақеҳони Миср ва устодони "Ал-

---

1 -"Ал-Ишоа лиашротис-соа"-и Барзанҷӣ саҳ.149.

2 -Ал-Аълом ҷ.6.саҳ.204.

3 -“Ал-Иттиҳоф биҳубби ашроф"-и Шебровӣ боби 5 саҳ.179-180.

Азҳар" буд. Соҳиби китобҳои фаровон аз ҷумла "Ал-Иттиҳоф биҳубби ашроф" аст.1

## 56-Шайх Муҳаммад ибни Алии Саббони шофеӣ мутаваффои соли 1206-и ҳиҷрӣ

Вай вилодати ҳазрати Ҳуҷҷат **алайҳис-салом**-ро аз Шаъронӣ ва Мӯҳйидини Арабӣ нақл мекунад ва бар он ишколе намегирад, ки ин далел бар қабул доштани он назария аст.2

**Шарҳи ҳоли Саббон**: Заркалӣ мегӯяд: "Олим ба арабӣ ва адаб буд, ва сипас китобҳои ӯро ном бурда.3

Умар Каҳола мегӯяд: "Ӯ аз мазҳабӣ шофеӣ ва ҳанафӣ буда, олим, адиб ва дар наҳв, луғат, уруз, ҳадис ва истилоҳот ва... маҳорат дошт ва аз ҷумла китобҳоят "Асъофур-роғибин аст".4

## 57-Муҳаммад Амини Бағдодӣ маъруф ба Сувайдӣ мутаваффои 1246-и ҳиҷрӣ

Ӯ ки аз мутахассисон дар ансоб (насаб шиносӣ) аст мегӯяд: "Муҳаммади Маҳдӣ умраш ҳангоми вафоти падараш панҷ сол буд... шиа ӯро ҳамон соҳиби шамшере медонад, ки қабл аз барпоии

---

1 -Ал-Аълом ҷ.4.саҳ.30.

2 -Асъофур-роғибин дар ҳошияс Нурул-абсор с.154.

3 -"Ал-Аълом" ҷ.6.саҳ.297.

4 -Мӯъҷам-ул-муаллифин ҷ.11.саҳ.17.

қиёмат қиём хоҳад кард. Ўро ду ғайбат аст, ки яке аз он ду аз дигарӣ тўлонитар аст".1

**Шарҳи ҳоли Сувайдӣ**: Заркалӣ мегўяд: Муҳаммад Амин ибни Алии Сувайдӣ, аз олимони Ироқ буд ва аз ҷумлаи китобҳояш: "Сабоик-уз-заҳаб фи маърифати ансобил араб" мебошад.2

### 58-Шайх Сулаймони Қундузии ҳанафӣ мутавоффои соли 1294-и ҳиҷрӣ

"Хабари маълум ва таҳқиқ шуда назди афроди мўътабар он аст, ки вилодати Қоим дар шаби нимаи моҳи шаъбони соли-255-и ҳиҷрӣ дар шаҳри Сомирро итифоқ афтода аст..."3

Умар Каҳола Қундузиро аз суфия хондааст.4

### 59-Мўъмин ибни Ҳасани Шабланҷии шофеӣ мутаваффои соли 1298.

Ў мегўяд: "Вафоти Абўмуҳаммад Ҳасан ибни Алӣ дар рўзи ҷумъа ҳаштуми Рабиъ-ул-аввали соли 260-и ҳиҷрӣ иттифоқ афтод. Ў фарзанде ба ҷой гузошт, ки номаш Муҳаммад аст. Модараш Умму валад ва Нарҷис ном дошт. Куняаш Абўлқосим ва лақабҳояш назди имомия: Ҳуҷҷат, Маҳдӣ, Хулафи солеҳ, Қоим, Мунтазар ва

1 -Сабоик-уз-заҳаб фи маърифати ансобил араб саҳ.78.
2 -"Ал-Аълом"-и Заркалӣ ҷ.6.саҳ.42.
3 -Янобиъ-ул-мавадда, ҷ.3.с.306.
4 -Мўъҷам-ул-муаллифин ҷ.4.саҳ.252.

Соҳибуз-замон аст ва машҳуртарини онҳо Маҳдӣ аст...".[1]

**Шарҳи ҳоли Шабланҷӣ**: Заркалӣ мегӯяд: "Фозил аз аҳли Шабланҷ ва дар мадрасаи "Ал-Азҳар"-и Миср таҳсил кардааст.[2]

### 60-Абӯл Баракот Нӯъмон ибни Маҳмуди Олусии ҳанафӣ мутаваффои соли 1317-и ҳиҷрӣ

Ӯ мегӯяд: "Машҳуртарин мазоҳиби исломӣ, мазҳаби имомия аст, ки мегӯяд: Маҳдӣ ҳамон Муҳаммад ибни Ҳасани Аскарӣ ибни Алии Ҳодӣ... аст, ки назди имомия маъруф ба Ҳуҷҷат, Мунтазар ва Қоим аст...".[3]

**Шарҳи ҳоли Олусӣ**: "Воиз, фақеҳ аз олимтарини хонадони Олусия дар ироқ мебошад".[4]

### 61-Аллома Муҳаммад Фариди Ваҷдӣ мутаваффои соли 1321-и ҳиҷрӣ

Ӯ мегӯяд: Абӯлқосими Муҳаммад ибни Ҳасани Аскарӣ фарзанди Алии Ҳодӣ... бино бар эътиқоди имомия, дувоздаҳумин имом аз имомон ва маъруф ба ҳуҷҷат аст. Шиа мӯътақид

1 -"Нур-ул-абсор"-и Шабланҷӣ саҳ.341-342.

2-"Ал-Аълом"-и Заркалӣ ҷ.7.саҳ.334.

3 -"Ғолиятул воиз ҷ.1.саҳ.78.

4-"Ал-Аълом"-и Заркалӣ ҷ.8.саҳ.42.

аст, ки ӯ дохили сардоби падараш шуда ва ҳануз хориҷ нашудааст..."[1]

**Шарҳи ҳолаш** дар ҷ.5.саҳ.145-и "Ал-Аълом"-и Заркалӣ омадааст.

### 62-Қозӣ Беҳлул Баҳҷати Афандӣ мутаваффои соли 1350-и ҳиҷрӣ

Ӯ мегӯяд: "Вилодати Имоми дувоздаҳум понздаҳуми моҳи шаъбони соли 255-и ҳиҷрӣ буда. Исми модараш Нарҷис аст. Барои ӯ ду ғайбат аст. Яке суғро ва дигарӣ кубро. Ҳаргоҳ ки Худованд ба ӯ иҷоза диҳад зуҳур мекунад ва он гоҳ заминро пур аз адлу дод хоҳад кард..."[2]

**Шарҳи ҳол**: Умар Каҳола мегӯяд: "Ӯ қозии Базанказур буд".[3]

### 63-Аҳмад Амини Мисрӣ мутаваффои 1373-и ҳиҷрӣ

Ӯ низ бо эътиқод ба вилодати ҳазрати Маҳдӣ **алайҳис-салом** фарзанди Имоми Аскарӣ **алайхис-салом** ва ин ки шиа мӯътақид ба имомати ӯ ба унвони дувоздаҳумин имом аст, танҳо дар имомати он

1 -Доиратул-маориф, ҷ 6, с 439.

2-Ал-маҳокима фил таърихи оли Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи, с 246.

3 -Мӯъҷам-ул-муаллифин ҷ.9.саҳ.122.

бузургвор ишкол мегирад, вале таваллуди он ҳазратро қабул мекунад.1

**Шарҳи ҳоли Аҳмад Амин**: Заркалӣ мегӯяд: Устоди Ал-Азҳар ва қозӣ низ буд ва...2

### 64-Хайридини Заркалӣ мутаваффои соли 1410

Заркалӣ мегӯяд: "Муҳаммад ибни Ҳасани Аскарии Холис ибни Алии Ҳодӣ Абул Қосим, охирин имоми дувоздаҳгона назди имомия. Ва ӯ назди онҳо (шиа) маъруф ба Маҳдӣ, Соҳибаз-замон, Мунтазар, Ҳуҷҷат ва соҳиби Сардоб аст. Дар Сомирро таваллуд шуд ва ба ҳангоми вафоти падараш панҷ сол дошт ва вақте ба 9 ё 10 ё 19 солагӣ расид дар хонаи падараш дохили сардоб шуд ва дигар аз он берун наомад. Ибни Халлакон гуфта, ки: Шиа дар охири замон мунтазири омадани ӯ аз сардоб мешаванд.3

Заркалӣ аз уламои асри ҳозир буда ва баъзеҳо ӯро ваҳҳобӣ донистаанд.

Ва бинобар таҳқиқе, ки муҳаққиқон анҷом додаанд 129 нафар аз олимони аҳли суннат ба таваллуд шудани Имоми Замон **алайҳис-салом** ишора кардаанд, ки асомии хеле аз онҳо низ дар назди мо ҳозир буд, вале ҳамин миқдор барои

1 -Зуҳол-Ислом, ҷ 3, с 210-212.

2-Ал-Алълом ҷ.1.с.101.

3-"Ал-Аълом"-и Заркалӣ ҷ.6.саҳ.80.

соҳиби инсоф ва ҷӯяндагони роҳи ҳақ кифоят мекунад.

Ва аз ин назарот, ки хеле аз инҳо бинобар ахбор ва қабули худашон аз насабдонони бузурги аҳли суннат мебошанд мебинем, ки чӣ гуна баъзе аз инҳо ба иттифоқи таърихнависон ва насабдонон бар таваллуди Имоми Замон ҳазрати Маҳдӣ **алайҳис-салом** таъкид карда ва аз иттифоқи онҳо хабар додаанд. Пас аз ин назарияҳо ва ахбори онҳо, ҳақиқати он чӣ дар муқаддима гуфта шуд, миқдоре равшантар мешавад.

Баъд аз ин ҳама таъкиди уламо ва таърихнависону насабдонони бузурги худи аҳли суннат, ки худи бузургонашон ба ҷалолату бузургии онҳо эътироф кардаанд, пас чӣ шуда, ки аҳли суннат аз ин ҳақоиқ рӯ баргардондаанд. Магар миллати Ислом роҳи рушду маърифат ва тақарруби ба Худои Мутаолро тавониста аз ғайри хонадони Расули гиромии Ислом **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** бигирад ва ғайри онҳоро ориф аз онҳо биёбад, ки ин гуна аз Имоми Замонашон рӯй бартофтаанд! Аз Имоми Замоне, ки бо равшанӣ аҳодиси саҳеҳи худи мактаби аҳли суннат фарёд мезанад, ки ҳар кӣ ӯро нашносад ва байъат дар гардан бар ӯ надошта бошад, гумроҳ ва ба монанди мардуми замони ҷоҳилият аз дунё хоҳад рафт!

Пас агар мо пайрави ҳаво набошем ва аз Ислом ободии дунёи худамонро нахоҳем, чаро аз ин ҳақиқати бузург, ки Ислом моро ба он

водошта аст, рӯй гардондаем. Куҷо меравем, магар ин олимнамоҳои дур аз ҳақиқат, ки мо бо фиреби онҳо ба ин ҳақоиқ пушт кардаем, метавонанд фардо дар рӯзи танҳоӣ ва ваҳшатноки мо ба ёрии мо биштобанд ва ё безории худро дар қиёмат пеш аз ҳама эълон хоҳанд кард ва аз мо хоҳанд гурехт...!?

Пас акнун ба баъзе аз ривоёте, ки дар бораи Имоми Замон **алайҳис-салом** ва таваллуди он ҳазрат аз тарафи Расули гиромии Ислом ва Аҳли Байти гиромашон салавотуллоҳи алайҳим расида аст, низ ишорае хоҳем кард, то ҳақиқати ин матлаб боз ҳам равшантар ва яқиниву қатъӣ будани он барои мо равшан гардад.

## Таваллуди Имоми Замон ҳазрати Маҳдӣ алайҳис-салом аз забони Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ ва имомони Маъсум алайҳимус-салом

Шайх Садуқ дар китоби "Камол-уд-дин"[1] саҳ.256 то 384 дар боби "Мо рувия анин набӣ фил имомил Маҳдӣ" аз Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** 45 ҳадис ва аз Имом Алӣ **алайҳис-салом** 19 ҳадис, аз ҳазрати Заҳро 4 ҳадис аз Имом Ҳасан ду ҳадис аз Имом Ҳусайн панҷ ҳадис аз Имом Саҷҷод нӯҳ ҳадис аз Имом Боқир 17 ҳадис ва аз Имом Содиқ 57 ҳадис аз Имом Козим 6 ҳадис ва аз Имом Ризо 7 ҳадис 3 ҳадис аз Имоми Ҷавод ва аз Имоми Ҳадӣ 10 ҳадис ва 1 ҳадис аз Имом Ҳасани Аскарӣ, ки ҷамъан ривоёти танҳо ин китоб ба 185 ҳадис мерасад. Ва агар аҳодисеро, ки Кулайнӣ дар Кофӣ ҷ.1.саҳ.328-385 ва Шайх Тӯсӣ дар "Ал-Ғайба" саҳ.157 ва Баҳор-ул-анвор ҷ.51.саҳ.65-162 ривоят кардаанд бо ҳам бишморем ба беш аз ҳазор ҳадис хоҳад расид, ки ҳама ишора ба таваллуд шудани Имоми Замон **алайҳис-салом** ва фарзанди Имом Ҳасани Аскарӣ ва ҳуҷҷути Худо будани он ҳазрат таъкид мекунанд. Ва мо барои намуна чанд ҳадис дар ин бора зикр хоҳем кард:

---

1-Заҳабӣ дар бораи Шайх Садуқ мегӯяд: "Раъси имомия соҳиби китобҳои бо арзиш байни рофиза. Ба ҳифзу ҳофизаи ӯ масал зада мешавад. Гуфта мешавад, ки ӯ 300 ҷилд китоб навишта. Ва баъд баъзе аз онҳоро ном мебарад. "Сияру аълом-ун-нубало" ҷ.16.саҳ.303.р.212.

**روى ابن عباس وقال: سمعت النبي صلى الله عليه وآله وسلم يقول: "... ألا وإن الله تبارك وتعالى جعلني وإياهم حججا على عباده، وجعل من صلب الحسين أئمة يقومون بأمري، ويحفظون وصيتي، التاسع منهم قائم أهل بيتي ومهدي أمتي، أشبه الناس بي في شمائله وأقواله وأفعاله، يظهر بعد غيبة طويلة...".**

Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** фармуданд: "...Огоҳ бошед ба дурустӣ, ки Худои Мутаол ман ва онҳоро ҳуҷҷати худ барои бандагонаш қарор дод ва аз насли Ҳусайн имомонеро қарор дод, ки амри маро ба по медоранд ва васиятамро ҳифз мекунанд. Нӯҳумини онҳо Қоими Аҳли Байтам ва Маҳдии умматам аст. Ӯ монантарин шахс бар ман дар шамоил ва гуфтору кирдор аст, ки баъд аз ғайбати тӯлонӣ зоҳир мешавад".1

Ҳадиси рақами 2 ва 27-28-29 аз Ибни Аббос ва рақами 5 ва 6 ва 30-33 аз Имом Алӣ **алайҳис-салом** ҳадиси 9 ва 10 аз Салмон ва аз Имом Ҳасан ва Имом Ҳусайн ва Ибни Масъуд ва Ҷобир ҳама аз Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** наздик ба ҳамин маъно ҳадис ривоят кардаанд, ки он ҳазрат ин гуна ба имомони баъд аз худ ишора кардаанд.

Дар ҳадиси дигар аз ғайбати Имоми Замон **алайҳис-салом** ва гамроҳ шудани мардум хабар дода шудааст:

---

1-"Камол-уд-дин"-и Шайх Садуқ саҳ.257.р.2 ва 5.

حدثنا أبي، ومحمد بن الحسن، ومحمد بن موسى المتوكل رضي الله عنهم قالوا: حدثنا سعد بن عبد الله، وعبد الله بن جعفر الحميري، ومحمد بن يحيى العطار جميعا قالوا: حدثنا أحمد بن محمد بن عيسى، وإبراهيم بن هاشم، وأحمد بن أبي عبد الله البرقي، ومحمد بن الحسين بن أبي الخطاب جميعا: قالوا: حدثنا أبو علي الحسن ابن محبوب السراد، عن داود بن الحصين، عن أبي بصير، عن الصادق جعفر بن محمد عن آبائه عليهم السلام قال: قال رسول الله صلى الله عليه وآله المهدي من ولدي، اسمه اسمي، وكنيته كنيتي، أشبه الناس بي خلقا وخلقا، تكون له غيبة وحيرة حتى تضل الخلق عن اديانهم فعند ذلك يقبل كالشهاب الثاقب يملاها عدلا وقسطا كما ملئت جورا وظلما.

Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** фармуданд: "Маҳдӣ аз насли ман аст, номаш номи ман ва куняаш куняи ман. Ӯ монандтарин шахс ба ман дар хилқат ва дар хулқ аст. Ва ӯ ғайбате хоҳад дошт, ки мардум ба ҳайрату саргардонӣ меафтанд ва гумроҳ мешаванд ва дар он ҳангом ба монанди ситораи пурнур меояд ва зоҳир мешавад ва заминро, ки пур аз зулму ситам шуда, пур аз адлу дод мекунад".[1]

Санади ин ҳадис дар авҷи сиҳҳат аст илова бар ин ки ин аҳодис мутавотир ҳастанд.

Ҳадиси 1-5-7 низ ба ҳамин маъно аз Имом Алӣ, Ибни Аббос ва Ҷобир дар бораи тӯлонӣ шудани ғайбат ва саргардонии мардуми гумроҳ хабар додааст.

---

1-"Камол-уд-дин" саҳ.286.р.1.

**علي بن إبراهيم، عن أبيه، عن ابن أبي عمير، عن أبي أيوب الخزاز، عن محمد بن مسلم قال: سمعت أبا عبد الله (عليه السلام) يقول: "إن بلغكم عن صاحبكم غيبة فلا تنكروها"**

"Аз Имом Содиқ **алайҳис-салом** шунидам, ки мефармуд: "Ҳар гоҳ хабари ғайбати соҳибатон (ҳазрати Маҳдӣ) ба шумо расид онро инкор накунед".1

Санади ин ҳадис комилан саҳеҳ аст ва Шайх Тӯсӣ, низ бо санади саҳеҳи дигар ин ҳадисро ривоят кардааст.

**حدثنا أحمد بن محمد بن يحيى العطار رضي الله عنه قال: حدثنا سعد بن عبد الله، عن أحمد بن محمد بن عيسى، عن عثمان بن عيسى الكلابي، عن خالد بن نجيح، عن زرارة بن أعين قال: سمعت أبا عبد الله عليه السلام يقول: إن للقائم غيبة قبل أن يقوم... ثم قال: يا زرارة وهو المنتظر، وهو الذي يشك الناس في ولادته، منهم من يقول: هو حمل، ومنهم من يقول: هو غائب، ومنهم من يقول: ما ولد، ومنهم من يقول: ولد قبل وفاة أبيه بسنتين. غير أن الله تبارك وتعالى يحب أن يمتحن الشيعة فعند ذلك يرتاب المبطلون. يا زرارة إذا أدركت ذلك الزمان فادعوا بهذا الدعاء: "اللهم عرفني نفسك فإنك إن لم تعرفني نفسك لم أعرف نبيك، اللهم عرفني رسولك فإنك إن لم تعرفني رسولك لم أعرف حجتك، اللهم عرفني حجتك فإنك إن لم تعرفني حجتك ضللت عن ديني".**

Имом Содиқ **алайҳис-салом** фармуданд: "Ба дурустӣ, ки барои Қоим (Имоми Замон алайҳис-салом) пеш аз он ки қиём кунад ғайбате аст...

1-"Усули кофӣ ҷ.1.саҳ.338.р.10. "Ал-Ғайба"-и Шайх Тӯсӣ саҳ.161.р.118.

сипас фармуд: Эй Зурора ва ӯ (Имоми) Мунтазар аст. Ва ӯ аст, ки мардум дар таваллуд шудани ӯ шак мекунанд. Баъзеҳо мегӯянд, бардошта шуда ва баъзеҳо ғоиб мегӯянд ва баъзеҳо ӯро ҳануз таваллуд нашуда мегӯянд ва баъзеҳо ӯро ду сол пеш аз марги падараш таваллуд шуда мегӯянд. Вале Худо дӯст дорад ба ин васила шиаёнро имтиҳон кунад ва дар он ҳангом аст, ки пайравони потил ба шак меафтанд. Эй Зурора агар он замонро дарк кардӣ ин гуна дуо бикун...".1

Ин ҳадисро Шайх Садуқ бо чаҳор санад аз Зурора нақл кардааст.

Ҳадиси зер низ бо санадҳои мухталиф ривоят шудааст:

**حدثنا محمد بن موسى بن المتوكل رضي الله عنه قال: حدثني محمد بن يحيى العطار، وعبد الله بن جعفر الحميري، عن محمد بن الحسين بن أبي الخطاب، عن ابن محبوب عن أبي الجارود ، عن أبي جعفر عليه السلام، عن جابر بن عبد الله الانصاري قال: دخلت على فاطمة عليها السلام وبين يديها لوح فيه أسماء الاوصياء فعددت اثني عشر آخرهم القائم ثلاثة منهم محمد، وأربعة منهم علي صلوات الله عليهم أجمعين .**

Ҷобир ибни Абдуллоҳи Ансорӣ мегӯяд: "Ба ҳузури Фотима дохил шудам дар ҳоле, ки пешаш лавҳе буд, ки дар он номи ҷонишинони Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** навишта шуда буд, пас шумурдам, ки дувоздаҳ нафар буданд ва охиринашон Қоим (Имоми Маҳдӣ) буд. Номи се

1-"Камол-уд-дин"-и Шайх Садуқ саҳ.342-481.р.24-8-9-10.

нафарашон Муҳаммад (имоми панҷум, нӯҳум ва дувоздаҳум) ва номи чаҳор нафарашон Алӣ буд (имоми аввал, чаҳорум, ҳаштум ва даҳум номҳояшон Алӣ мебошад), ки салавоти Худо бар ҷамии онҳо бод".1

Ин ҳадис бо чаҳор санад ривоят шудааст. Ёдовар мешавем, ки Ибни Ҷорудро аҳли суннат ба хотири шиа будан ва ривоёт карданаш масолиб ва ҳам чунин фазоили Аҳли Байт **алайҳимус-салом**-ро заиф донистаанд ва ҳол он ки ӯ аз ёрони наздики имомони Аҳли Байт мебошад.

**أخبرني أبو القاسم، عن محمد بن يعقوب، عن أبي علي الاشعري، عن الحسين بن عبيدالله، عن الحسن بن موسى الخشاب، عن علي ابن سماعة، عن علي بن الحسن بن رباط، عن عمر بن أذينة، عن زرارة قال: سمعت أبا جعفر عليه السلام يقول: "الاثنا عشر الائمة من آل محمد كلهم محدث، علي بن أبي طالب وأحد عشر من ولده، ورسول الله وعلي هما الوالدان، صلى الله عليهما".**

Имом Боқир **алайҳис-салом** фармуданд: "Дувоздаҳ имом аз хонадони Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** ҳамашон муҳаддас2 ҳастанд,

---

1-"Уюну ахбор-ур-Ризо"-и Шайх Садуқ ҷ.2.саҳ.51-52.р.5-6-7. "Ал-Хисол"-и Шайх Садуқ саҳ.477.р.42. "Камол-уд-дин"-и Шайх Садуқ саҳ.269.р.13.

2-Муҳаддас ба касе гуфта мешавад, ки фаришта бо ӯ сухан мегӯяд, вале ӯ фариштаро намебинад. Аҳли суннат ҷаноби халифаи дуввум Умар ибни Хаттобро муҳаддас медонанд, ки ҳеҷ бо сираи ӯ муҳаддас будан созгорӣ надорад ва таърих низ ба он гувоҳӣ медиҳад.

Алӣ ибни Абитолиб ва 11 нафар аз фарзандонаш. Паёмбар ва Алӣ ду падарон ҳастанд".1

Дар ин ки Аҳли Байт **алайҳимус-салом** муҳаддас ҳастанд ахбори фаровон вуҷуд доранд ва ин аз мусалламот мебошад.

**عن علي بن إبراهيم، عن أبيه، عن ابن أبي عمير، عن سعيد بن غزوان، عن أبي بصير، عن أبي جعفر عليه السلام قال: "يكون بعد الحسين عليه السلام تسعة أئمة، تاسعهم قائمهم".**

Имом Боқир фармуданд: "Баъд аз Имом Ҳусайн нӯҳ нафар имомони (бар ҳақ) хоҳанд буд, ки нӯҳуминашон қоимашон аст".2

Санади ин ҳадис саҳеҳ аст ва илова бар он, ин ҳадис аз Салмони форсӣ аз Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** ва аз Имом Ҳусайн ва Имоми Содиқ ва Имом Козим **алайҳимус-салом** низ бо санадҳои мухталиф ривоят шудааст.

**حدثنا أبي رضى الله عنه قال حدثنا سعد بن عبد الله عن أحمد بن محمد بن أبي عمير عن عمر بن اذينه عن ابان بن أبي عياش عن سليم بن قيس الهلالي قال: سمعت عبد الله بن جعفر الطيار يقول لنا عند معاويه والحسن والحسين عليهما السلام وعبد الله بن عباس وعمر بن أبي سلمه واسامه بن زيد يذكر حديثنا جرى بينه وبينه وأنه قال لمعاويه بن أبي سفيان: سمعت رسول الله يقول: انا اولى بالمؤمنين من انفسهم**

---

1-"Кофӣ" ҷ.1.саҳ.531.р.7. Ал-Ғайба"-и Шайх Тӯсӣ саҳ.151.р.112. "Иршод"-и Муфид ҷ.2.саҳ.437.

2-Уюну ахбор-ур-Ризо"-и Шайх Садуқ ҷ.2.с.57.р.17. "Ал-Хисол"-и Садуқ с.419-475-480. р.12-38-50. "Камол-уд-дин"-и Садуқ с.261-281-350.р.7-9-12-32-45. "Кофӣ" ҷ.1.с.133.р.15.

**ثم اخی علي بن أبي طالب علیه السلام اولی بالمؤمنین من انفسهم فإذا استشهد فابنی الحسن اولی بالمؤمنین من انفسهم ثم ابني الحسین علیه السلام اولی بالمؤمنین من انفسهم فإذا استشهد فابنی علی بن الحسین اولی بالمؤمنین من انفسهم وستدرکه یا علی ثم ابني محمد بن علی الباقر اولی بالمؤمنین من انفسهم وستدرکه یا عبد الله وتکمله اثنی عشر اماما تسعه من ولد الحسین قال عبد الله: ثم استشهدت الحسن والحسین علیهما السلام وعبد الله بن عباس وعمر بن أبي سلمه واسامه بن زید فشهدوا لي عند معاویه قال سلیم بن قیس: وقد کنت سمعت ذلك من سلمان وأبي ذر والمقداد واسامه انهم سمعوا من رسول الله صلی الله علیه وآله.**

Сулайм ибни Қайс мегӯяд: шунидам, ки Абдуллоҳ ибни Ҷаъфари Тайёр дар назди Муовия ва Ҳасан ва Ҳусайн **алайҳимо салом** ва Ибни Аббос ва Умар ибни Абисалама ва Усома ибни Зайд ба мо суханеро, ки байнашон гузашта буд мегуфт пас ӯ ба Муовия гуфт: Аз Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** шунидӣ, ки мефармуд: Ман сазовортарин шахс бар мӯъминон аз худашон ҳастам сипас бародарам Алӣ баъд писарам Ҳасан ва баъд писарам Ҳусайн, пас вақте ӯ шаҳид шуд писарам Алӣ ибни Ҳусайн... сипас писарам Муҳаммад ибни Алӣ ...пас ҳамин гуна дувоздаҳ имомро ном бурд, ки нӯҳ нафар аз фарзандони Имом Ҳусайн ҳастанд. Абдуллоҳ гуфт: Имом Ҳасану Имом Ҳусайн ва Ибни Аббос ва Умар ибни Абисалама ва Усома ба ман дар назди Муовия шаҳодат доданд, ки ин суханро аз

Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** шунида буданд. Сулайм ибни Қайс гуфт: Ман аз Салмон ва Абӯзар ва Миқдод ва Усома шунида будам, ки онҳо низ ин ҳадисро аз Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** шунида будаанд".[1] Санади ин ҳадис заиф аст.

Дар Камол-уд-дин Шайх Садуқ бо панҷ санад аз Имом Содиқ **алайҳис-салом** ва Омир ибни Восила (ки аз саҳоба буда) дар боби ривоёти Имом Алӣ **алайҳис-салом** дар шумораҳои 3-5-6-7-8 достонеро нақл кардаанд, ки дар замони хилофати Умар ибни Хаттоб яҳудие ба назди халифа меояд, то ба саволҳои худ аз ӯ ҷавоб бигирад, ки аз китоби ҳазрати Ҳорун, ки ба ӯ ба ирс монда буд онҳоро ёфтааст. Ин аҳодис хеле тӯлонӣ ҳастанд бинобар ин мо аз миёни онҳо якеро, ки хеле мухтасартар аст интихоб кардем:

**حدثنا أبي رضي الله عنه قال: حدثنا عبد الله بن جعفر الحميري، عن محمد ابن عيسى، عن عبد الرحمن بن أبي هاشم، عن أبي يحيى المديني، عن أبى عبد الله عليه السلام قال: جاء يهودي إلى عمر يسأله عن مسائل، فأرشده إلى علي بن أبي طالب عليه السلام ليسأله فقال علي عليه السلام: سل، فقال: أخبرني كم يكون بعد نبيكم من إمام عدل؟ وفي أي جنة هو؟ ومن يسكن معه في جنة؟ فقال له علي عليه السلام: يا هاروني لمحمد صلى الله عليه وآله بعده اثنا عشر إماما عدلا، لا يضرهم**

1-"Ал-Хисол"-и Шайх Садуқ с.477.р.41. "Уюну ахбор"-и Шайх Садуқ ҷ.2.с.52.р.8. "Камол-уд-дин"-и Шайх Садуқ с.270. р.15.

**خذلان من خذلهم ولا يستوحشون بخلاف من خالفهم، أثبت في دين الله من الجبال الرواسي، ومنزل محمد** صلى الله عليه وآله **في جنة عدن والذين يسكنون معه هؤلاء الاثنا عشر، فأسلم الرجل وقال: أنت أولى بهذا المجلس من هذا، أنت الذي تفوق ولا تفاق وتعلو ولا تعلى.**

"Яҳудие ба назди Умар (баъд аз марги Абӯбакр) омад, то чанд масъала аз ӯ бипурсад, вале Умар ӯро ба сӯи Алӣ ибни Абитолиб **алайҳис-салом** роҳнамоӣ кард, то аз ӯ савол кунад. Пас Алӣ **алайҳис-салом** фармуд: Бипурс. Яҳудӣ гуфт: (се саволи аввал: Аввал санге, ки ба рӯи замин гузошта шуд ва аввал чашмае, ки дар замин ба вуҷуд омад ва аввал дарахте, ки дар замин рӯид) (се саволи дуввум) 1-ба ман хабар бидеҳ аз имомони одиле, ки баъд аз Паёмбаратон мешаванд чанд нафар ҳастанд? 2-Ӯ (Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ**) дар кадом биҳишт хоҳад буд? 3-Ва дар биҳишт чӣ касоне ҳамроҳи ӯ хоҳанд буд? Имом **алайҳис-салом** фармуданд: Эй Ҳорунӣ (ӯ аз насли ҳазрати Ҳоруни паёмбар буд) барои Муҳаммад **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** баъд аз ӯ дувоздаҳ ҷонишини одил хоҳад буд, ки хор кардани хор кунандагон бар онҳо зараре намерасонад ва аз хилофи касоне, ки бо онҳо мухолифат мекунанд ҳеҷ ваҳшате надоранд ва дар дини Худо аз кӯҳҳо ҳам собиту мустаҳкамтар

ҳастанд... (сипас он яҳудӣ имон меоварад ва мусулмон мешавад)".1

Ин достонҳо ҳамон гуна, ки ишора шуд бо санадҳои гуногун ва саҳеҳ нақл шуда аст ва аҳли суннат, низ ба он ишора кардаанд.

Ин ҳадисро бо тамоми лафзҳои тӯлонии он Ҳофиз Осимӣ аз олимони бузурги аҳли суннат дар китоби "Зайн-ул-фато фи шарҳи сураи ҳал ато" нақл кардааст.

**Шарҳи ҳоли Осимӣ**: Умар Каҳола мегӯяд: "Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Алии Осимӣ, адиб ва тамиз кор дар наҳв ва сарф буд ва дар соли 378 таваллуд шудааст.2

Бояд диққат дошта бошем, ки ин як ҳақиқатест, ки яҳудиён дар китоби осмонии худ **Таврот** онро ёфта буданд ва лизо аз он савол мекарданд ва ҳар гоҳ мусулмон мешуданд мусулмони шиа мешуданд, чун аҳли суннат дувоздаҳ халифае, ки одил бошанд ва мавриди қабули ҳатто худашон бошадро низ надоранд ва ба ин ҳақиқат уламояшон ба равшанӣ ишора кардаанд.

Масалам дар бораи ҳадиси дувоздаҳ халифа, ки аз ахбори мутавотири исломӣ ҳатто танҳо дар китобҳои ҳадисии аҳли суннат аст, Ибни Таймия дар китоби **“Минҳоҷ-ус-сунна”-аш ҷ.8.саҳ.**238 ва

---

1-"Камол-уд-дин" с.300.р.7. "Ал-Хисол"-и Шайх Садуқ с.476.р.40. "Усули кофӣ" ҷ.1.с.530.р.5. "Китоб-ул-ғайба"-и Ибни Иброҳим саҳ.98.р.29 аз Омир ибни Восила ва аз Умар ибни Абисалама.

2-"Мӯъҷам-ул-муаллифин"-и Умар Каҳола ҷ.2.саҳ.331.

Ибни Касир дар Тафсир ҷ.2.саҳ.34 ва дар “Ал-Бидоя ван-ниҳоя”-аш ҷ.1.саҳ.177-186 ва ҷ.6.саҳ.280 ва “Қисас-ул-анбиё”-аш ҷ.1.саҳ.201-221-295 ба ин ҳақиқат иқрор кардаанд, ки дар “**Таврот**” дар бораи ҳазрати Исмоил омадааст, ки Худованд мефармояд: **“Мо ба зудӣ барои ӯ дувоздаҳ бузург ато мекунем”** ва ин дувоздаҳ бузург ишора аст ба дувоздаҳ хулафое, ки Паёмбари гиромии Ислом **саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам** аз он хабар додаанд, ки Ислом дар замони онҳо азиз хоҳад буд.

Баъд Ибни Таймия мегӯяд: "Бисёре аз яҳуд вақте мусулмон мешуданд шиа мешуданд, чун дар Таврот дида буданд, ки (дар Ислом) 12 халифа (ва ҷонишинони Паёмбар) баъд аз он ҳазрат хоҳанд буд ва гумон мекарданд, ки он дувоздаҳ нафар ҳаминҳо ҳастанд, вале ин гуна нест".[1]

Баъд Ибни Таймия дувоздаҳ халифаро бинобар ақидаи худаш мешуморад, ки аксари онҳо золим ва фоҷир буданд ба монанди Язид, Абдулмалик ибни Марвон ва чаҳор фарзандаш.

Пас чунон, ки мебинем худи Ибни Таймия, ки баъзе аз уламои аҳли суннат ӯро носибӣ (душмани Аҳли Байт) медонанд (ва душмании ӯ бо Аҳли Байт ба равшанӣ бо назар ба китобҳои худи ӯ собит мешавад) ба ин ҳақиқат эътироф кардааст. Вале таваҷҷӯҳ дошта бошем, ки

---

1-“Минҳоҷ-ус-сунна”-и Ибни Таймия ҷ.8.саҳ.238.

бинобар нақл муҳаққиқон дар Таврот беш аз ин дар бораи дувоздаҳ ҷонишинони Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** матлаб гуфта шуда аст, ки дар ҷои худаш зикр шудааст.

**داود بن القاسم الرجل العظيم الثقة الجليل يقول: سمعت أبا الحسن يعني الإمام الهادي (عليه السلام) يقول: "الخلف من بعدي الحسن ابني، فكيف لكم بالخلف من بعد الخلف؟" فقلت: ولم جعلني الله فداك؟ فقال: "إنكم لا ترون شخصه ولا يحل لكم ذكره باسمه"، فقلت: فكيف نذكره؟ قال: قولوا الحجة من آل محمد صلى الله عليه وآله".**

Имоми Ҳодӣ **алайҳис-салом** (имоми даҳум) фармуданд: Халафи баъд аз ман писарам Ҳасан аст чӣ гуна аст барои шумо ба халаф баъд аз халаф? Гуфтам: (ровӣ) Барои чӣ...? Фармуданд: Чун шумо ӯро намебинед ва барои шумо ҷоиз нест, ки ӯро бо номаш бихонед. Гуфтам: Пас чӣ гуна мехонем? Фармуд: Бигӯед: Ҳуҷҷат аз хонадони Муҳаммад **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам**".1

Ин ҳадис бо чандин санад ривоят шудааст.

## Баъзе аз касоне, ки Имоми Замон алайҳис-саломро диданд

**حدثنا محمد بن علي ماجيلويه رضي الله عنه قال: حدثنا محمد بن يحيى العطار قال: حدثني جعفر بن محمد بن مالك الفزاري قال: حدثني معاوية بن حكيم، ومحمد ابن أيوب بن نوح: ومحمد بن عثمان العمري**

---

1-Камол-уд-дин саҳ.381.р.5-8.с.648.р.4. Кофӣ ҷ.1.с.328.р.13.с.332. р.1. ва китобҳои мӯътабари дигар бо чандин санад.

رضي الله عنه قالوا: عرض علينا أبو محمد الحسن بن علي عليهما السلام ونحن في منزله وكنا أربعين رجلا فقال: هذا إمامكم من بعدي، وخليفتي عليكم، أطيعوه ولا تتفرقوا من بعدي في أديانكم فتهلكوا، أما إنكم لا ترونه بعد يومكم هذا...، قالوا: فخرجنا من عنده فما مضت إلا أيام قلائل حتى مضى أبو محمد عليه السلام .

Як чанд нафар ривоят мекунанд, ки: "Аз Имом Ҳасани Аскарӣ (падари Имоми Замон **алайҳимо салом**) дар бораи имоми баъд аз он ҳазрат савол кардем. Мо ки дар он вақт 40 нафар дар хонаи он ҳазрат будем ҳазрат ба мо фармуд: Ин (ишора карданд ба ҳазрати Маҳдӣ) имоми шумо баъд аз ман ва ҷонишини ман бар шумо аст. Ӯро итоат кунед ва баъд аз ман дар динатон мутафарриқ нашавед, ки ҳалок мешавед. Вале бидонед, ки шумо ӯро баъд аз имрӯз дигар намебинед пас, аз Усмон ибни Саид ҳар чӣ мегӯяд қабул кунед ва ӯ намояндаи имоми шумо (ҳазрати Маҳдӣ) аст...".1

حدثنا محمد بن موسى بن المتوكل رضي الله عنه قال: حدثنا عبد الله بن جعفر الحميري، عن محمد بن عثمان العمري رضي الله عنه قال: سمعته يقول: والله إن صاحب هذا الامر ليحضر الموسم كل سنة فيرى الناس ويعرفهم ويرونه ولا يعرفونه.

Муҳаммад ибни Усмон (дуввумин вакили Имоми Замон **алайҳис-салом**) мегӯяд: "Ба Худо қасам ба дурустӣ, ки соҳиби ин амр (Имоми Замон) ҳар сол ба мавсими ҳаҷ ҳозир мешавад ва

---

1-"Камол-ул-дин"-и Садуқ саҳ.435.р.2. "Ал-Ғайба"-и Шайх Тӯсӣ саҳ.357.р.319.

мардумро мебинад ва онҳоро мешинасад ва мардум, низ ӯро мебинанд, вале ӯро намешиносанд".1

Санади ин ҳадис дар авҷи сиҳҳат аст ва Шайх Тӯсӣ ин ҳадисро бо санади дигар, ки он низ саҳеҳ аст ривоят кардааст.

**حدثنا محمد بن موسى بن المتوكل رضي الله عنه قال: حدثنا عبد الله بن جعفر الحميري قال: سألت محمد بن عثمان العمري رضي الله عنه فقلت له: أرأيت صاحب هذا الامر؟ فقال: نعم وآخر عهدي به عند بيت الله الحرام وهو يقول: "اللهم أنجز لي ما وعدتني".**

Ҳумайрӣ мегӯяд: "Ба Муҳаммад ибни Усмон гуфтам, ки оё Имоми Замонро дидаӣ? Гуфт: Оре, охирин боре, ки он ҳазратро дидам назди хонаи Худо буд дар ҳоле, ки ӯ мегуфт: Худоё бирасон маро ба он чӣ ки ваъда кардаӣ".2

Санади ин ҳадис, низ монанди қабли комилан саҳеҳ аст.

**حدثنا محمد بن موسى بن المتوكل رضي الله عنه قال: حدثنا عبد الله بن جعفر الحميري قال: سمعت محمد بن عثمان العمري رضي الله عنه يقول: رأيته صلوات الله عليه متعلقا بأستار الكعبة في المستجار وهو يقول: "اللهم انتقم لي من اعدائي."**

Боз Ҳумайрӣ мегӯяд: "Аз Муҳаммад ибни Усмон шунидам, ки мегуфт: Имоми Замон **салавотуллоҳи алайҳи**-ро дидам, ки пардаи Каъбаро

---

1-Камол-ул-дин с.440.р.8. "Ал-Ғайба"-и Шайх Тӯсӣ с.364.р.329.

2-"Камол-ул-дин"-и Садуқ с.440.р.9. Ал-Ғайбаи Тӯсӣ с.251.р.222.

гирифта буд дар ҳоле, ки мегуфт: Худоё аз душманони ман интиқом бигир".1

Ин гуна аҳодис ҳамон гуна, ки ишора кардем фаровон аст, ки ҳама ҳикоят аз ҳуҷҷати Худо будани Имоми Замон ва дар қайди ҳаёт будани он ҳазрат ҳикоят мекунад.

## Замин ҳаргиз аз ҳуҷҷати Худо холӣ намешавад

Дар аввали китоб ба ҳадисе, ки аҳли суннат аз Амиралмӯъминин **алайҳис-салом** дар ин мавзӯъ ривоят кардаанд, ишора кардем. Инак ба аҳодиси мактаби Аҳли Байт **алайҳимус-салом** таваҷҷӯҳ кунед:

**عن أبي جعفر عليه السلام قال: والله ما ترك الله الأرض منذ قبض الله آدم إلا وفيها إمام يهتدى به إلى الله وهو حجة الله على عباده.**

Имоми Боқир **алайҳис-салом** фармуданд: "Худо аз он замоне, ки ҳазрати Одамро офарид, заминро аз имоме, ки мардум ба василаи ӯ ба сӯи Худо ҳидоят мешаванд, холӣ нагузошт ва он имом ҳуҷҷати Худо бар бандагонаш мебошад".2

Аз Имом Содиқ савол шуд: Оё мумкин аст замин холӣ аз имом (аз ҳуҷҷати Худо) бимонад? Фармуданд: не...3

1-"Камол-ул-дин"-и Садуқ с.440.р.10. "Ал-Ғайба"-и Шайх Тӯсӣ саҳ.364.р.330.

2-"Илал-уш-шароеъ"-и Шайх Садуқ ҷ.1.саҳ.197.р.11. "Усули кофӣ" ҷ.1.саҳ.178.р.3-8.

3-"Усули кофӣ" ҷ.1.саҳ.178.р.1.

**وقال الصادق عليه السلام: إن الله أجل وأعظم من أن يترك الأرض بغير إمام عادل.**

"Имом Содиқ **алайҳис-салом** фармуданд: "Худо одилтар ва бузургтар аз ин аст, ки заминро холӣ аз имоми одил бигзорад".1

**عن الصادق عليه السلام: لو بقيت الأرض بغير إمام لساخت.**

Имоми Содиқ **алайҳис-салом** фармуданд: "Агар замин холӣ аз имом бимонад ҳатман фурӯ мепошад".2

Ин ҳадис бо санадҳои мухталиф аз Имом Саҷҷод, Имом Боқир, Имом Содиқ ва Имом Ризо бо санадҳои саҳеҳ ривоят шудааст.

Ин буд баъзе аз намунаҳо аз аҳодиси вилодат ва ҳуҷҷати Худо будани ҳазрати Маҳдӣ **алайҳис-салом** ва Аҳли Байти Расули гиромии Ислом **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам.** Ва мо ин аҳодисро барои ошноӣ дар ин ҷо зикр кардем, на ба унвони далелу ҳуҷҷат, чун далоили мо дар китобҳои худи аҳли суннат фаровон аст ва мо намехоҳем аз кутуби худамон бар онҳо истидлол бикунем.

Он чиро, ки мо дар ин ҷо аз китобҳои мактаби Аҳли Байт **алайҳимус-салом** зикр кардем тамоми онҳоро метавон бо аҳодисе, ки дар китобҳои

---

1-"Кофӣ" ҷ.1.саҳ.178.р.6.

2-"Кофӣ" ҷ.1.саҳ.178.р.10 то 13. "Илал-уш-шароеъ"-и Садуқ ҷ.1.саҳ.196.р.5-15 то 21. Амолии Садуқ саҳ.253. "Ал-Ғайба"-и Шайх Тӯсӣ сах.220.р.182.

ҳадисии аҳли суннат бо санадҳои саҳеҳ ва ҳатто мутавотир ривоят шуда, собит кард.

Масалан дар мавриди ин ки имомони дувоздаҳгона аз хонадони Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** ҳуҷҷатҳои Худо ҳастанд, ҳадиси мутавотири "Сақалайн ва Халифатайн", ки Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** фармуданд: **Ман барои шумо баъд аз худам ду ҷонишин яъне китоби Худо ва Аҳли Байтамро мегузорам ва агар аз он ду пайравӣ кунед ҳаргиз гумроҳ намешавед**", ки ҳамаи аҳли суннат онро қабул доранд ва судураш аз он ҳазрат қатъӣ ва яқин овар аст, далолат бар ин воқеият мекунанд, ки он 12 халифа аз хонадони он ҳазрат ҳастанд. Ва ҳамчунин ҳадиси сафина, ки Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** фармуданд: "**Аҳли Байти ман ба монанди киштии Нӯҳ ҳастанд ...**" ва далоили мухталифи дигар. Вале аҳли суннат на далеле бар халифаи мавриди назари Ислом будани хулафоашон доранд ва на бар 12 халифа иттифоқи назар доранд. Яъне ҳар олиме аз пеши худ бар хилофи олими дигар 12 нафарро ба унвони халифа бар шумурда аст, ки бисёре аз он хулафо золиму фоҷир будаанд ва баъзе аз онҳо монанди Ибни Таймия ҳатто Имоми Маҳдӣ **алайҳис-салом**-ро, низ ном набурда ва ҷузви 12 халифа маҳсуб накардааст.

Ва ҳам чунин ба холӣ намондани замин аз ҳуҷҷати Худо ҳамин ҳадис "**китоби Худо ва Аҳли Байтамро барои шумо мегузорам**" далолат

мекунад, чун дар ин ҳадис Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** мефармоянд: Он ду то рӯзи қиёмат аз ҳам ҷудо намешаванд. Баъзе аз уламои худи аҳли суннат монанди Ибни Ҳаҷар дар "Савоиқ-ул-мӯҳриқа" ва Самҳудӣ ва дигарон баъд аз нақли ин ҳадис ба ин ҳақиқат ишора ва иқрор кардаанд, ки бинобар ин лафзи ҳадис бояд пайваста олиме аз хонадони Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** байни мардум вуҷуд дошта бошад, то онҳоро аз гумроҳӣ нигаҳ дорад. Ва ҳам чунин ҳидиси "**ҳар ки бимирад дар ҳоле, ки Имоми Замонашро нашносад ва байъат бар ӯ дар гардан надошта бошад ба монанди мардуми замони ҷоҳилият мурда аст**" беҳтарин шоҳид ба холӣ намондани замин аз ҳуҷҷути Худо мебошад.

Илова бар ин дар баъзе аз китобҳои аҳли суннат ба ҷонишинони Расули Худо будани ин 12 Имом ҳадис, низ ривоят шудааст:

**قال رسول الله صلى الله عليه وآله: إن خلفائي وأوصيائي وحجج الله على الخلق بعدي الاثنا عشر، أولهم علي وآخرهم ولدي المهدي، فينزل روح الله عيسى ابن مريم فيصلي خلف المهدي، وتشرق الأرض بنور ربها ويبلغ سلطانه المشرق والمغرب."**

Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** фармуданд: "Ҷонишинону авсиёи ман, ки ҳуҷҷатҳои Худо баъд аз ман бар халқ ҳастанд, 12 нафаранд, аввалашон Алӣ ва охирашон писарам Маҳдӣ. Пас рӯҳи Худо Исо ибни Марям нозил мешавад ва пушти сари Маҳдӣ намоз мехонад. Замин бо

нари Парвардигор равшан мешавад ва салтанати Маҳдӣ ҳамаи заминро фаро мегирад".1

Дар гузашта шарҳи ҳоли Ҳамӯяниро зикр кардем ва ӯ аз уламои бузурги қарни ҳаштуми аҳли суннат мебошад.

Ва боз дар ҳамин китоб ривоят мекунад, ки:

...عن مجاهد عن ابن عباس قال: قدم يهودي يقال له نعثل فقال: يا محمد أسألك عن أشياء تلجلج في صدري منذ حين فإن أجبتني عنها أسلمت على يديك، قال (صلى الله عليه وآله ): سل يا أبا عمارة. فقال: يا محمد صف لي ربك؟ فقال (صلى الله عليه وآله): لا يوصف إلا بما وصف به نفسه، وكيف يوصف الخالق الذي تعجز العقول أن تدركه والأوهام أن تناله والخطرات أن تحده والأبصار أن تحيط به، جل وعلا عما يصفه الواصفون، ناء في قربه وقريب في نأيه، هو كيف الكيف وأين الأين فلا يقال له أين هو، وهو منقطع الكيفية والدينونية، فهو الأحد الصمد كما وصف نفسه، والواصفون لا يبلغون نعته، لم يلد ولم يولد ولم يكن له كفوا أحد. قال: صدقت يا محمد فأخبرني عن قولك: إنه واحد لا شبيه له، أليس الله واحدا والإنسان واحد ؟ فقال (صلى الله عليه وآله): الله عز وعلا واحد حقيقي أحدي المعنى، أي لا جزء ولا تركب له، والإنسان واحد ثنائي المعنى مركب من روح وبدن. قال: صدقت، فأخبرني عن وصيك من هو، فما من نبي إلا وله وصي وإن نبينا موسى بن عمران أوصى إلى يوشع بن نون. فقال (صلى الله عليه وآله): إن وصيي علي بن أبي طالب وبعده سبطاي الحسن والحسين تتلوه تسعة أئمة من صلب الحسين. قال: يا محمد (صلى الله عليه وآله) فسمهم لي؟ قال (صلى الله عليه وآله): إذا مضى الحسين فابنه علي فإذا مضى علي

1-"Фароид-ус-симтайн"-и Ҳамӯянӣ ҷ.2.саҳ.332.р.585.

فابنه محمد فإذا مضى محمد فابنه جعفر فإذا مضى جعفر فابنه موسى فإذا مضى موسى فابنه علي فإذا مضى علي فابنه محمد فإذا مضى محمد فابنه علي فإذا مضى علي فابنه الحسن فإذا مضى الحسن فابنه الحجة محمد المهدي ( عج ) ...".

"Яҳудие ба номи Наъсал ба назди Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** омаду гуфт: Чанд савол дорам, ки агар ба онҳо ҷавоб диҳӣ бо дасти ту имон меоварам. Аввал Парвардигоратро васф бикун... то расид ба ин ҷо, ки гуфт: Васӣ ва ҷонишини ту кист? Чун ҳеҷ паёмбаре набуда магар ин ки васӣ ва ҷонишине дошта ва паёмбари мо Мӯсо ба Юшаъ инби Нун васият кард. Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** фармуданд: Васии ман Алӣ ибни Абитолиб ва баъд аз ӯ писаронаш Ҳасан ва Ҳусайн ва баъд нӯҳ имом аз сулби Ҳусайн хоҳанд буд. Яҳудӣ гуфт: Онҳоро ба ман ном бубар. Ҳазрат фармуданд: Баъд аз Ҳусайн писараш Алӣ ва баъд аз ӯ писараш Муҳаммад, баъд аз Муҳаммад писараш Ҷаъфар ва баъд аз ӯ писараш Мӯсо ва баъд аз ӯ писараш Алӣ, баъд аз Алӣ писараш Муҳаммад ва баъд аз ӯ писараш Алӣ ва баъд аз ӯ писараш Ҳасан ва баъд аз Ҳасан писараш Ҳуҷҷат, Муҳаммади Маҳдӣ...".[1]

Ва боз дар Фароид-ус-симтайн ҷ.2.саҳ.337.р.591 ва . Янобеъ-ул-мавадда"-и Қундузии Ҳанафӣ ҷ.3.саҳ.310 ҳадисеро Деъбали Хузоӣ аз Имом Ризо

---

1-"Фароид-ус-симтайн"-и Ҳамӯянӣ ҷ.2.саҳ.132.р.431. Янобеъ-ул-мавадда"-и Қундузии Ҳанафӣ ҷ.3.саҳ.281.

**алайҳис-салом** нақл мекунад, ки Имом дар он имомони баъд аз худашонро ба ӯ ном мебаранд, то ба Имоми Замон **алайҳис-салоту вас-салом** мерасанд.

Баъзе аз дигарон монанди Ибни Саббоғи Моликӣ дар "фусул-ул-муҳимма" ба ин гуна аҳодис ишора карда ва Ибни Ҳаҷар дар "Савоиқ-ул-мӯҳриқа" имомони бар ҳақ ва ҳуҷҷатҳои Худо будани Аҳли Байт ишора карда ва гуфта аст, ки мо пайрави бар ҳак онҳо ҳастем ва... пас баъзе аз уламои аҳли суннат бар ин ки ин дувоздаҳ халифа Аҳли Байти Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** ҳастанд, иқрор кардаанд.

### Ноибони Имоми Замон алайҳис-салом

Имоми Замон **алайҳис-салом** ноиб ва вакилоне доштанд, ки дар даврони ғайбати суғро байни он ҳазрат ва мардум робита барқарор мекарданд ва ахбори мардумро ба он ҳазрат мерасонданд ва ахбори имомро ба мардум. Мо хостем назари аҳли суннатро нисбати онҳо баррасӣ кунем ва вақте дар ин амр ҷустуҷӯ кардем ба ин натиҷа расидем, ки танҳо аз як нафари онҳо, баъзе аз риҷолиюни аҳли суннат сухан гуфтаанд. Пас мо баъд аз зикр асомии ҳар як аз ноибони Имоми Замон **алайҳис-салом,** ки ба муддати 70 сол ҳар кадом баъд аз дигарӣ бо Имоми Замон **алайҳис-салом** робитаи мустақим доштанд ва аз бузургоне буданд, ки ба хотири ҷалолаташон буд, ки ин амр

бар ӯҳдаи онҳо гузошта шуд, назари Заҳабиро зикр хоҳем кард.

1-Ноиби аввали Имоми Замон **алайҳис-салом** Усмон ибни Саиди Амрӣ буда, ки ӯ қалб аз он аз асҳоб ва вакилони ҳар як аз Имоми Ҳадӣ ва Имоми Аскарӣ низ буда аст.

2-Писари ноиби аввал Муҳаммад ибни Усмон ва ӯ ҳудуди 40 сол ноиби он ҳазрат баъд аз падараш буда ва дар соли 303-304 аз дунё рафта аст.

3-Ноиби саввуми Имоми Замон **алайҳис-салом** Ҳусайн ибни Рӯҳи Навбахтӣ буда ва ӯ дар соли 326 аз дунё рафта.

4-Ноиби чаҳоруми он ҳазрат Алӣ ибни Муҳаммади Самарӣ буда, ки дар соли 329 аз дунё меравад ва Имоми Замон **алайҳис-салом** ба ӯ амр мефармоянд, ки дигар баъд аз ӯ касе амри ниёбатро ба ӯҳда намегирад, чун ин амру дастури илоҳӣ буда.

Заҳабӣ дар шарҳи ҳоли Ҳусайн ибни Рӯҳ (ноиби саввуми Имоми Замон **алайҳис-салом**) менависад:

"Бузурги имомия ва касе, ки ноиби Имоми Замон буд. Ӯ шайхи солеҳ Абулқосим Ҳусайн ибни Рӯҳ мебошад. Ибни Абитай дар таърихаш гуфта, ки Муҳаммад ибни Усмон (ноиби дуввум бо дастури Имоми Замон **алайҳис-салом**) ӯро ноиби баъд аз худаш таъйин кард. Номаҳои зиёди мардум ба василаи ӯ ба имзои Имоми Замон расид, пас вақте Муҳаммад ибни Усмон аз дунё

рафт ниёбат ба ин Ҳусайн расид...мардум хеле ақлу фаҳми ўро тавсиф (ситоиш) мекарданд. Ў пайваста дорои эҳтироми фаровоне буд, то ин ки Ҳомид ибни Аббос вазир шуд ва ўро баъд аз ихтилоф байнашон зиндонӣ кард... баъд Заҳабӣ мегўяд: Дар суханони ў чунон балоғат вуҷуд дошта, ки далолат ба фасеҳ будан ва комил будани ақлаш мекунад. Ў муфтии шиа ва пешвои онҳо буд ва ҷалолати аҷибе дошт.[1]

Заҳабӣ боз дар шарҳи ҳоли Шалмуғонӣ мегўяд: "Шалмуғонӣ, ки шахси фосиде буд (даъвои ҳулул мекард) Ҳусайн ибни Рўҳ (ноиби саввуми Имоми Замон **алайҳис-салом**) амру фасодкории ўро ба Имоми Замон гузориш кард".[2]

Чунон, ки мебинем Заҳабӣ, ки аз сарсахтарин душмани шиа аст ва душмани бо шиаро аз Ибни Таймия иср бурда дар ду китобаш ба таваллуд шудани ҳазрати Маҳдӣ ва фарзанди Имом Ҳасани Аскарӣ будани он ҳазрат эътироф мекунад ва дар китоби дигараш ба ин ҳақиқат, ки Ҳусайн ибни Рўҳ ноиби Имоми Замон **алайҳис-салом** буда ба ғайбати он ҳазрат эътироф карда ва муҳимтар аз он ин аст, ки ў ба унвон як шахси риҷолшиноси бузурги аҳли суннат, ки ҳар касе наметавонад дар ин мавзўъ ба ў баробар шавад, Ҳусайн ибни Рўҳ (ноиби саввуми Имоми Замон

---

1-"Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.15.саҳ.222-123.р.85.
2-"Сияру аълом-ун-нубало"-и Заҳабӣ ҷ.14.саҳ.222.р.325.

**алайҳис-салом**)-ро шахси солеҳ ва дорои ҷалолати аҷиб ва соҳиби ақли комил медонад.

Ёдовар мешавем, ки дар бораи афроде, ки Имоми Замон **алайҳис-салом**-ро дидаанд ахбори фаровон вуҷуд дорад ва ҳамчунин дар бораи ин ноибони чаҳоргона аҳодису ахбори фаровон ва саҳеҳ вуҷуд дорад, ки чанд намуна аз онро зикр кардем. Ахбори вуҷуди Имоми Замон **алайҳис-салом** беш аз он аст, ки касе битавонад онро ҷамъоварӣ кунад. Пас куҷоянд муддаиёни дурӯғини пайравӣ аз осор ва салафи солеҳ, ки ин ахбори фаровон ва бе ҳисобро надида мегиранд ва аз он гурезон ҳастанд ва ба ҷои таслим шудан дар баробари ҳақ аз паи баҳонаҷӯӣ ва айбтарошӣ ҳастанд...!

Ва дар ин ҷо ишора мекунем, ки Ибни Таймия, ки дурӯғу таноқузоти фаровоне дар китобҳояшон аз худ ба ҷо гузошта, суханони зишти зиёде дар ҳаққи Имоми Замон **алайҳис-салом** гуфта ва ҳатто гуфта, ки муддаиёни дурӯғини маҳдавият, низ аз ин Маҳдӣ беҳтар ҳастанд. Ва як ишколи асосие, ки ӯ карда ин аст, ки шахси ғоиб ҳеҷ фоидае бар ҷомеа надорад. Ба ин хотир хеле суханони зиште ба забон ҷорӣ кардааст. Мо мегӯем:

Ин ишколоти Ибни Таймия баргашт бар Худованди бузург мекунад. Он чӣ мусаллам аст ҳазрати Хизр **алайҳис-салом** бо гувоҳии сареҳи Қуръон аз чашми мардум ғоиб буда ва хизмати мардумро мекарданд. Ишколоте ки Ибни

Таймия ба мўътақидон ба ғайбати Имоми Замон **алайҳис-салом** карда, комилан шомили ин амри илоҳӣ, ки дар хусуси ҳазрати Хизр анҷом шуда, мешавад ва лизо ваъдаи мову Ибни Таймия ва амсоли ў пешгоҳи Парвардигори Мутаол аст.

Ибни Таймия худаш, низ мутаваҷҷеҳ буда, ки ин сухани зишташ шомили ҳазрати Хизр низ мешавад ва лизо гуфта аст, ки Хизр мурда ва аз дунё рафтааст. Ғофил аз ин ки бар фарзе, ки ҳазрати Хизр дар ҳоли ҳозир аз дунё рафта бошанд ҳам, магар дар замони ҳазрати Мўсо, ки Қуръон ба он ишора карда зинда ва ғоиб аз чашми мардум зиндагӣ намекарданд!?

Бояд диққат дошта бошем, ки ахбори фаровон бар зинда будани ҳазрати Хизр вуҷуд дорад. Пас Ибни Таймия пайваста бо он суханоне, ки дар ҳаққи Имоми Замон **алайҳис-салом** гуфта ба ин тадбири Худованд ишкол карда ва онро аз бадтарину зиштарин корҳо шумурда аст.[1]

## Ахбори зинда будани ҳазрати Хизр

Касе, ки маърифат нисбат ба Худованди Мутаол дорад, ба роҳатӣ дарк мекунад, ки умри тўлонии баъзе аз бандагони солиҳи илоҳӣ ва баъзе аз фосиқон монанди Иблис ва Даҷҷол ва... амри мушкил ва маҳоле нест, балки барои Худои Мутаол хеле осон аст.

1-Барои ошноӣ бо суханони Ибни Таймия ба китобаш "Минҳоҷ-ус-сунна" ҷ.1.саҳ.44 то 88 мураҷиа кунед..

Пас мо барои он ки ҷавобе ҳам ба ин савол, ки шояд ба зеҳни баъзеҳо хутур кунад, ки чӣ гуна мумкин аст Имоми Замон ин ҳама сол зинда бошанд ва ин қадар умри тӯлонӣ дошта бошанд, дода бошем ва ҳам дурӯғгӯии Ибни Таймия, низ равшан шавад ба ахбори исломӣ, ки далолат бар зинда будани ҳазрати Хизр ва ҳазрати Илёс мекунад, ишора мекунем, то ҳақиқати ин матлаб барои хонандагони азиз низ равшан гардад.

Қабл аз ҳама мусаллам аст, ки Иблис ва ҳазрати Исо **алайҳис-салом** зинда ҳастанд, вале мо мехоҳем илова бар ин ахбореро, ки далолат бар зинда ва дар қайди ҳаёт будани ҳазрати Илёс ва Хизр мекунад баррасӣ ва ба он ишора кунем, то хонандаи азиз мутмаин бишавад, ки ин гуна умур роиҷ буда ва ҳеҷ монее надорад.

Аввалан дар баҳсҳои гузашта хондем, ки баъзе аз уламои бузурги аҳли суннат монанди Байҳақӣ ва ... ба зинда будани ҳазрати Хизр ишора карданд.

Аз имомони Аҳли Байт, низ дар ин замина аҳодис фаровон аст ва дар мактаби Аҳли Байт зинда будани ҳазрати Хизр як амри мусаллам ва мавриди иттифоқ мебошад.

## Баъзе аз ахбори аҳли суннат дар мавриди ҳазрати Хизр

Ибни Ҳаҷар дар китоби "Исоба" ахбори фаровоне дар ин маврид аз касоне, ки ҳазрати Хизр ва Илёсро дидаанд нақл карда ва аз он

ҷумла чандин достон дар мавриди ин ки дар замони Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** афроде аз саҳоба бо ҳазрати Хизр бархӯрд мекарданд, пас вақте достонро ба Расули Худо **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам** мегуфтанд, ҳазрат мефармуданд, ки ӯ Хизр бударо низ нақл кардааст, ки мо ба хотири хеле тӯлонӣ ва муфассалтар буданашон, аз зикр онҳо худдорӣ карда ва бештар ахбореро, ки мухтасартар аст зикр кардем.

**1-قال ابن أبي حاتم حدثنا عبد العزيز الاويسي حدثنا علي بن أبي علي الهاشمي عن جعفر بن محمد بن علي بن الحسين عن أبيه عن علي بن أبى طالب رضي الله عنه قال: لما توفي النبي صلى الله عليه (وآله) وسلم وجاءت التعزية جاءهم آت يسمعون حسه ولا يرون شخصه فقال: السلام عليكم أهل البيت ورحمة الله وبركاته" كل نفس ذائقة الموت وإنما توفون أجوركم يوم القيامة" إن في الله عزاء من كل مصيبة وخلفا من كل هالك ودركا من كل فائت فبالله فثقوا وإياه فارجوا فإن المصاب من حرم الثواب والسلام عليكم ورحمة الله وبركاته قال: جعفر بن محمد فأخبرني أبي أن على بن أبي طالب قال: أتدرون من هذا؟ هذا الخضر عليه السلام.**

"Дар ин ҳадис, ки аслаш тӯлонӣ аст, баъд аз реҳлати Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** шахсе омаду ба ҳозирин дар азои он ҳазрат ин мусибатро таслият гуфт. Пас вақте баргашт ҳазрати Алӣ **алайҳис-салом** фармуданд: Оё медонед,

ки ин шахс кӣ буд? Гуфтанд: Не. Фармуданд: Ин (бародарам) Хизр буд".1

Ин ҳадис дар китобҳои мазкур бо санадҳои мухталиф нақл шуда аст ва Солеҳи Шомӣ санади Муҳаммад ибни Умарро саҳеҳ гуфта ва санади таърихи Ҷурҷон низ бо ин санадҳо фарқ мекунад.

Ибни Ҳаҷар дар Исоба ду санади дигар барои ин ҳадис зикр карда ва бо шоҳид овардан ба санади аввал, ки Ибни Ҷавзӣ онро заиф гуфта, сухани ӯро рад кардааст.

Ва ин ҳадис дар Кунз-ул-уммол бо беш аз ин алфоз ва тӯлонӣ омада ва аз Имом Ҳусайн **алайҳис-салом** низ дар китобҳои мактаби Аҳли Байт бо лафзе, ки дар Канз-ул-уммол омада ривоят шудааст.

Қатъӣ будани воқеъ шудани ин достон барои мо аз ин ҷо собит мешавад, ки ин достон айнан дар китобҳои шиа низ нақл шудааст.2

**2- عن انس بن مالك رضى الله عنه قال: لما قبض رسول الله صلى الله عليه وآله احدق به اصحابه فبكوا حوله واجتمعوا فدخل رجل اصهب اللحية جسيم صبيح فتخطأ رقابهم فبكى ثم التفت إلى اصحاب رسول الله صلى الله عليه وآله وسلم فقال ان في الله عزاء من كل مصيبة وعوضا من كل فائت وخلفا من كل هالك فالى الله فانيبوا واليه فارغبوا ونظرة**

1-"Табақот-ул-кубро"-и Ибни Саъд ҷ.2.саҳ.259-260. "Таърихи Ҷурҷон"-и Ҳамза ибни Юсуф саҳ.363. "Исоба"-и Ибни Ҳаҷар ҷ.2.саҳ.266. "Тафсир"-и Ибни Касир ҷ.1.саҳ.444. "Субул-ул-ҳудо вар-рашод"-и Солеҳи Шомӣ ҷ.12.саҳ.266-340. "Дур-ул-Мансур" ҷ.2.саҳ.107. "Канз-ул-уммол" ҷ.7.саҳ.250.р.18785.

2-"Камол-уд-дин"-и Шайх Садуқ саҳ.391.р.5-6-7 ва китобҳои дигар.

**اليكم في البلاء فانظروا فانما المصاب من لم يجبر وانصرف فقال بعضهم لبعض تعرفون الرجل فقال أبو بكر وعلي نعم هذا اخو رسول الله صلى الله عليه وآله الخضر عليه السلام".**

Анас ибни Молик мегӯяд: "Вақте Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи** аз дунё рафтанд саҳоба ҷамъ шуда ба он ҳазрат гиря карданд ва дар он ҳол марде бар мо дохил шуд ва гиря кард ва ба сӯи саҳоба баргашту ин мусабатро таслият гуфт... баъд баргашту рафт. Пас баъзеҳо ба баъзеи дигар гуфтанд, оё ӯро мешиносед? Пас Абӯбакр ва Алӣ **алайҳис-салом** гуфтанд: Оре, ӯ бародари Расули Худо Хизр буд".1

Аз Ибни Аббос ривоят шуда, ки: Ҳазрати Хизр ва Илёс ҳар сол дар мавсими ҳаҷ бо ҳам ҷамъ мешаванд ва ҳар кадом сари дигариро метарошад ...".2 Ин хабар низ бо чандин санад ривоят шудааст.

Ва Ибни Ҳаҷар аз Абдуллоҳ ва ӯ аз китоби падараш Аҳмад ибни Ҳанбал ва Ибни Асокир бо чаҳор санад аз Абдулазиз ибни Абирувод ривоят кардааст, ки:

Ҳазрати Хизр ва Илёс дар моҳи Рамазон дар Байтул-муқаддас бо ҳам ҷамъ шуда рӯза

1-"Мӯъҷам-ул-авсат"-и Табаронӣ ҷ.8.саҳ.110. "Мустадрак"-и Ҳоким ҷ.3.саҳ.57.

2-"Исоба"-и Ибни Ҳаҷар ҷ.2.саҳ.252-261. Фатҳ-ул-борӣ ҷ.6.с.310. аз Дарукутнӣ. Таърихи Ибни Касир ҷ.1.саҳ.388. Канз-ул-уммол ҷ.12.с.73. Дур-ул-мансур 4.саҳ.240 ва дигарон.

медоранд ва дар мавсими ҳаҷ бо ҳам ҳаҷ мекунанд...".1

Ҳасани Басрӣ низ бинобар нақли Ибни Ҳаҷар ҳамин суханро гуфтааст.

**وقال بن جرير في تاريخه حدثنا عبد الرحمن بن عبد الله بن عبد الحكم المصري حدثنا محمد بن المتوكل حدثنا ضمرة بن ربيعة عن عبد الله بن شوذب قال الخضر من ولد فارس وإلياس من بني إسرائيل يلتقيان في كل عام بالموسم".**

Табарӣ нақл мекунад, ки: "Хизр зодаи форс ва Илёс аз Бани Исроил аст, ки ҳар сол дар мавсими ҳаҷ бо ҳам дидор мекунанд".2

Ибни Ҳаҷар мегӯяд: "Фокиҳӣ дар китоби (Ахбори) Макка аз Зубайр ибни Баккор ривоят мекунад: "Имоми Содиқ **алайҳис-салом** фармуданд: Ҳамроҳи падарам дар хонаи Каъба истода будем, ки марде омаду аз падарам пурсид, ки ин хона кай бино шудааст, падарам ба ӯ ҷавоб дод... ӯ гуфт: Рост гуфтӣ Худо туро раҳмат кунад... Касе аз аҳли замонат, ки донатар аз ту бошад, боқӣ намонда ва баъд рафт... падарам маро аз паи ӯ фиристонд, ки ӯро баргардонам. Ман ба ӯ нигоҳ карда аз паи ӯ мерафтам вақте ба дари Сафо расид дидам, ки гӯё касе вуҷуд надошт (як мартаба ғоиб шуд) пас вақте баргаштам ва ба падарам хабар додам падарам (Имоми Боқир

---

1-"Исоба"-и Ибни Ҳаҷар ҷ.2.саҳ.261-264. Фатҳ-ул-борӣ ҷ.6.с.311.

2-Таърихи Табарӣ ҷ.1.саҳ.257. "Исоба"-и Ибни Ҳаҷар ҷ.2.саҳ.264.

**алайҳис-салом**) фармуд: Оё медонӣ ӯ кӣ буд? Гуфтам не. Фармуд: Ӯ Хизр буд".1

Ибни Ҳаҷар Дар Исоба достонҳое аз Умар ибни Хаттоб ва Ибни Умар нақл мекунад, ки онҳо ҳазрати Хизр ва Илёсро дидаанд ва санади баъзе аз онҳоро саҳеҳ мегӯяд. Ва ҳамчунин дар баъзе аз онҳо ҷаноби Умар ибни Хаттоб қасам мехӯрад, ки он шахс Хизр будааст.

Ахбори фаровони дигареро Ибни Ҳаҷар дар ҳар ду китобаш "Исоба" ва "Фатҳ-ул-борӣ" аз Имом Алӣ **алайҳис-салом** ва Ибни Умар ва Умар ибни Абдулазиз ва Аҳмад ибни Ҳанбал ва Маъруфи Карахӣ орифи машҳури қарни дуввум ва Абӯзаръаи Розӣ ва дигарон нақл карда, ки ҳар кадом аз онҳо ҳазрати Хизр **алайҳис-салом**-ро дидаанд ва баъзе аз онҳо ҳардуро яъне ҳазрати Илёсро низ дидаанд. Ва Ибни Ҳаҷар санади баъзе аз онҳоро саҳеҳ гуфтааст.

Нававӣ мегӯяд: "Мустаҳаб аст таслият гуфтан ба аҳли мурда монанди таслияти ҳазрати Хизр ба Аҳли Байти Паёмбар **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ**..."2 Ишора ба ҳамон хабаре аст, ки гузашт.

**وقال أبو عمرو بن الصلاح في فتاويه هو حي عند جماهير العلماء الصالحين والعامة منهم قال وإنما شذ بإنكاره بعض المحدثين.**

Абӯамр ибни Салоҳ дар фатовоаш гуфтааст: Хизр бинобар ақидаи ҷамоири уламои солиҳин

1-"Исоба"-и Ибни Ҳаҷар ҷ.2.саҳ.264-278.

2 -"Ал-Маҷмӯъ"-и Нававӣ ҷ.5.саҳ.304.

ва тамоми онҳо зинда аст ва танҳо баъзе аз муҳаддисон зинда будани ӯро инкор кардаанд. Ва Нававӣ гуфтааст, ки зинда будани ҳазрати Хизр мавриди иттифоқи суфиҳо ва аҳли салоҳ аст ва достонҳо дар бораи дидори дигарон бо Хизр беш аз он аст, ки битавон онро ҳисоб карду шумурд.[1]

Заҳабӣ дар шарҳи ҳоли Умар ибни Абдулъазиз бо санади саҳеҳ достонеро нақл мекунад, ки ӯ бо ҳазрати Хизр **алайҳис-салом** мулоқот карда[2] ва ҳамчунин дар мавриди Абдулвоҳид ибни Абдулмалик мутаваффои соли 569 ҳиҷрӣ низ мегӯяд, ки бо Хизр дар Макка мулоқот кардааст.[3]

Ибни Ҳаҷар мегӯяд: "Баъзе аз мутааххирон достонҳоеро, ки аз солиҳин ва дидори онҳо бо Хизр **алайҳис-салом** нақл шударо дар китобе ҷамъ кардаанд. Гарчӣ дар санадҳои баъзе аз онҳо заъф ба хотири зиёдии хатоҳо ва иттиҳом бар кизб вуҷуд дорад... (вале аз маҷмӯи) ин хабарҳо тавотури маънавӣ истифода мешавад, чун дар тавотур шарт нест, ки ровиёнаш ҳама сиқа бошанд ва на адолаташон шарт аст. Муҳим танҳо ин аст, ки ахбор ба андозае вуҷуд дошта бошад, ки ҷамъ ва тавофуқи ноқилини он ба дурӯғ гуфтан маҳол бошад. Пас ин ҳикоёт мутавотири

1-"Исоба"-и Ибни Ҳаҷар ҷ.2.саҳ.252. Фатҳ-ул-борӣ ҷ.6.саҳ.310.

2-"Сияру аълом-ун-нубало ҷ.5.с.120.р.48.

3-"Мухтасару таърихи Ибни Дабисӣ"-и Заҳабӣ с.267.р.983.

маънавӣ ҳастанд ва ҳама ба ин маъно аст, ки Хизр зинда аст.1

Пас агар мунсифона доварӣ кунем, бо истидлол ба ҳамин сухани Ибни Ҳаҷар, ки як воқеият аст ба хонандагон ёдовар мешавем, ки ахбори Имоми Замон **алайҳис-салом**, ки далолат бар дар қайди ҳаёт будани он ҳазрат ва ҳуҷҷути Худо будани он ҳазрат ва имомоми дигар мекунад, шояд садҳо баробари ин ахборе бошад, ки дар бораи ҳазрати Хизр **алайҳис-салом** ворид шуда ва ҳамчунин санади форовоне дорад, ки саҳеҳ ҳастанд ва мухбири он хабарҳо низ Расули гиромии Ислом **саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ** ва Аҳли Байти гиромашон мебошанд. Пас шахси мунсиф ҳаргиз наметавонад аз сари ин гуна ахбор ба роҳатӣ бигзарад магар мутаассибон, ки ҳадафашон расидан бо роҳи ҳақ нест, балки ҳадафашон ҷазби мардум ба сӯи худашон аст!

Пас мо ахбори зинда будани ҳазрати Хизр **алайҳис-салом**-ро ба ҳамин миқдор басанда мекунем ва ҳар, ки беш аз ин бихоҳад метавонад ба китоби "Исоба"-и Ибни Ҳаҷар шарҳи ҳоли ҳазрати Хизр **алайҳис-салом** мурочиа кунад.

Бо сипоси Парвардигори Мутаол бар ин тавфиқе, ки барои анҷоми ин амал ба мо иноят фармуд, ин навиштаро дар ин ҷо ба поён мебарем. Ва бо ин ки уламои фаровони дигаре аз аҳли суннат ба вилодати Имоми Замон **алайҳис-салом**

---

1-"Исоба"-и Ибни Ҳаҷар ҷ.2.саҳ.252.

мунҷии башарият ишора кардаанд, вале мо чун дар садади зикри ҳамаи онҳо набудем, ба ҳамин миқдор басанда мекунем ва Худоро ба ин неъматаш шукргузорем. Худоё тавфиқи рӯз афзун ва амали холисана барои мо иноят фармо ва моро аз мунтазирони воқеии ҳуҷҷати бар ҳаққат ҳазрати Маҳдӣ **алайҳис-салом** қарор бидеҳ, омин ё Раббал оламин.

фехристи китоб


Имоми Замон,........................................................1
Ҳазрати Маҳдӣ алайҳис-салом, ...........................1
наҷотдиҳандаи башарият ....................................1
Муқаддима:.............................................................3
Ахбори мутавотир дар мавриди Имом Маҳдӣ13
Ҳадиси Замин ҳеҷ вақт аз ҳуҷҷати Худо холӣ намемонад..............................................................20
Назари уламои аҳли суннат дар мавриди таваллуди Имоми Замон алайҳис-салом.........26
Таваллуди Имоми Замон ҳазрати Маҳдӣ алайҳис-салом аз забони Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ ва имомони Маъсум алайҳимус-салом77
Баъзе аз касоне, ки Имоми Замон алайҳис-саломро диданд ....................................................89
Замин ҳаргиз аз ҳуҷҷати Худо холӣ намешавад92
Ноибони Имоми Замон алайҳис-салом..........98
Ахбори зинда будани ҳазрати Хизр...............102
Баъзе аз ахбори аҳли суннат дар мавриди ҳазрати Хизр .....................................................................103